МАЪДАН

# ДЕВОН



МАЪДАН

# ДЕВОН

Хуҷанд - 2012

ББК 84 (2Тоҷ)7
М-40

*Ба истиқболи 250-солагии шоир Одинамуҳаммад Маъдани Понғозӣ*

Девон бо дастгирии аберагони Маъдан - бародарони хайрхоҳ Исомат ва Абдуғаффор Хайруллоевҳо аз чоп баромад.

Аҳли эҷод аз кӯмаки эшон сипосгузор аст.

ISBN 978-99947-923-1-3

© Зафар Аҳмад

# САРСУХАН

***Ё раб, ба ҳаққи ҳурмати пирони бошараф,***
***Ё раб, ба эътиқоди ҷавонони порсо.***

***Маъдан***

Девони шоир Маъдан, ки шумо дар даст доред, ранҷи кӯшишест дар омӯзиш ва нашри ашъори ӯ буда, бори нахуст эҷодаш бо номи "Ашъори мунтахаб" соли 1966 бо заҳмати аввалин ҷамъоварандаю тадқиқгари ашъори Маъдан Дилбар Аҳмадов дар нашриёти "Ирфон" аз чоп баромадааст. Соли 1985 ин китоб бо дархости мухлисони ашъори шоир маротибаи дуюм чоп гардид.

Панҷ нусхаҳои дастхати девони Маъдан, ки онро шоир, нависанда, драматург, аъзои Иттифоқи журналистони СССР, Чекисти хизматнишондодаи СССР, марҳум Дилбар Аҳмадов ҷамъ оварда буд, имрӯз барои мухлисон ва тадқиқгарони ашъори Маъдан ганҷинаи бебаҳоест. Дар яке аз дастхатҳо, ки мо онро шартан бо ҳарфи "А" ишора кардем, аз кӣ ва кай дарёфт кардани онро Дилбар Аҳмадов бо ҳуруфи лотинӣ дар муқовааш навиштааст: "Ин китобро дар 20.10.1928-ум аз набераи Маъдан Ҳоҷӣ ба 5 чирвон гирифтам (имзо) Дилбар."

Ташаббус ва иқдоми Дилбар Аҳмадовро бародари ӯ Муаллими хизматнишондодаи мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии маорифи ҶТ, маҷрӯҳи гурӯҳи II ҶБВ Фахриддин Аҳмадов идома дода, дари ганҷи маънии шоир Маъданро аз нав боз кард.

Ӯ аввал ашъори тоҷикии шоирро бо номи "Файзи осор" соли 1993 ба истиқболи 230-солагии рӯзи тавлидаш аз чоп баровард ва соли 2002 девони ӯзбекии Маъданро ба табъ расонид, ки дар ин нашрҳо ашъори чопнашудаи шоир фаровон дида мешавад.

Одинамуҳаммад ибни Авазмуҳаммад, ки мутахаллис ба Маъдан аст, соли 1762 (1177 ҳ.) дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашт таваллуд шуда, соли 1846 (1261 ҳ.) дар ҳамин деҳа, дар синни 84-солагӣ вафот кардааст. Вай дар адабиёти классикии тоҷик ҳамчун шоири намоён мақому манзалати хоса дошта, ба "Қомуси адабиёти ҷаҳонӣ" дохил шудааст.

Моҳи майи соли 2010 устод Фахриддин Аҳмадов барои ҳаводорони шеъри классикӣ ва ҳам дар арафаи 65-солагии Иди Ғалаба - 9 май, ки худ маҷрӯҳи гурӯҳи II ҶБВ буда, 9 май ҳам зодрӯз дошту 93-юмин баҳори умрро медид, девони мазкурро ба истиқболи 250-солагии шоир Маъдан ҳамчун тӯҳфаи идона, аз нафақаи худ бо теъдоди 50 адад аз чоп бароварда буд. Умр вафо накарду устод Фахриддин Аҳмадов 29 июли соли 2010, баъд аз 2 моҳи чопи девон олами ҳастиро падрӯд гуфт.

Бародарон Аҳмадовҳо - Дилбар ва Фахриддин номи шоир Маъданро аз нав зиндаю ҷовид гардониданд. Рӯҳи эшон шод бошаду ҷаннати ҷовидонӣ насибашон гардад.

Девони мазкур чопи дуюм буда, аз 3 қисм иборат аст. Қисми аввал ашъори тоҷикии шоир ва қисми дуюм ашъори ӯзбекии ӯро дарбар мегирад. Қисми сеюм бошад, "Бозҷӯйи накҳати осори Маъдан" ном гирифтааст.

Албатта, девони мазкур аз камбудӣ холӣ нест. Вале то андозае кӯшиш карда шуд, ки саҳву хатоҳои дар нашрҳои пешинбуда ислоҳ шаваду дар муқоиса бо дастхатҳои девон китоби хубе пешкаши хонанда гардад. Умедворем, хонандаи азиз андешаҳои худро барои дар оянда боз хубтару бехато дастраст гардидани ашъори Маъдан ба мо ибрози ақида мекунаду матлаби шоир хубтар инъикос меёбад.

Ба чоп тайёр кардани девон кори саҳл нест ва дар ин ҷода хизмати олими ҷавону умедбахш Нурулло Мирзоматов ва шоир, роҳбари маҳфили адабии "Ворисони Маъдан"-и ноҳияи Ашт Зафар Аҳмад хеле назаррас аст. Онҳо ҳар як мисраю абёти шоир Маъданро мӯшикофона таҳлил карда, барои ҳаддалимкон беғалат чоп шуданаш заҳмат кашидаанд.

Дигар заҳмате, ки бояд қайд кард, ин мақолаи тадқиқотии олим, номзади илмҳои филологӣ Шоҳмуҳаммади Ҳайдарӣ оиди "Омӯзиши рӯзгору мероси адабии шоир Маъдан" ва рӯйхати адабиёт доир ба ҳаёту эҷодиёти шоир мебошад. Шеър ва мухаммасҳои шоирон, ки ба ғазалҳои Маъдан бастаанд, дар қисмати сеюми китоб ҷой дода шудааст.

Аз мутолиаи ашъори Одинамуҳаммад Маъдан бармеояд, ки ӯ осори Хоҷа Ҳофиз, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва дигаронро хуб омӯхта, на танҳо ба ғазалҳои онон тазмин карда, мухаммас бастааст, балки тимсолҳо ва ибораю мисраъҳои алоҳида нишони баҳрабардорӣ аз эшон аст. Мухаммас бастани Маъдан бар ғазалҳои бу-

зургони адабиёти безаволи тоҷику форс нишони он аст, ки ӯ аз эҷоди онон баҳраи комил бардошта, ҷавоби хеле зебою муносибе ҳам гуфтааст.

Баръалост, ки Маъдан пайраву эътиқодманди ашъори Мавлоно Ҷомӣ ва Мирзо Бедил будааст ва аз эҷодаш образҳои шеърӣ, қофия ва радифи офаридаҳои ҳаким Мирзо Бедил ва ғояҳои фалсафии ӯ меояд. Огаҳии комил аз ашъори фалсафию иҷтимоии Мирзо Абдулқодири Бедил ба эҷодиёти шоир Маъдан таъсири амиқе гузоштааст. Гоҳо аз ашъори Маъдан низ бӯйи Бедил меояд. Пас, аввал ин таъсири устодаш Муҳаммадаминхоҷаи Косонӣ, ки марди фозил ва донишманде будааст, сипас, шавқи маърифат ва ҷустуҷӯю кунҷковию нооромии худи ӯст.

Дар ҷое Маъдан мегӯяд:

***"...Аз адаб дурам, ба таълими дабистон омадам,***
***Ворисӣ ашъори Ҷомӣ, пайрави он омадам..."***

Мавлоно Ҷомӣ мегӯяд:

***З-абрӯвон зеҳ кун камон, к-аз баҳри қатли ошиқон,***
***Аз мижа навак фиган в-аз гамза тирандоз бош...***

Маъдан мегӯяд:

***Қавсайни ду абрӯи ту зеҳ карда камонро,***
***Мижгони ту бо тири қазо қатли ман омӯхт.***

Ҷомӣ:

***Ҳама як сӯ бувад нолидани он гулбадан як сӯ,***
***Фироқи бекасӣ як сӯ бувад, доги Ватан як сӯ.***
***Саҳар бар ҷониби гулзор рафтам баҳри гул чидан,***
***Фигони булбулон як сӯ бувад, сайри чаман як сӯ.***
***Ки ҳайфи одамизод аст дар ин умри ду-серӯза,***
***Ба зери хок меафтад кафан як сӯю тан як сӯ.***
***Зи кӯҳи Бесутун ногаҳ садо омад ба гӯши ман,***
***Ки зарби теша як сӯ, зарби дасти Кӯҳкан як сӯ.***
***Тамоми шоиронро ҷамъ агар созанд дар маҳшар,***
***Ҳама як сӯ бувад, ин Ҷомии ширинсухан як сӯ.***

Маъдан:

***Зи оҳи синаи Маъдан асар бар кӯҳу дашт афтад,***
***Димоги ваҳшиён сӯзад, шарар бар кӯҳу дашт афтад,***
***Дусад Фарҳоду Маҷнунро ҷигар бар кӯҳу дашт афтад,***

*"Фиғони нолаи Ҷомӣ агар бар кӯҳу дашт афтад,*
*Шавад гирён ба нола кӯҳ як сӯ, Кӯҳкан як сӯ."*

Боз як ҷиҳати фарқкунандаи эҷодиёти Маъдан дар он аст, ки ӯ ҳамчун инсони далеру шуҷоъ ва шоири озодбаён ҳаҷву танқидро дар ашъораш ба мақоми хосае бардоштааст, ки на ҳар шоир дар замонаш ба ин навъ эҷод ҷасорат мекунад.

Шоир аз моддаи таърихӣ низ устодона истифода намудааст, ки барои равшан намудани таърихи кишварамон ва зиндагии шахсони таърихӣ, махсусан, топоним ва таърихи хонигарии хӯқанд-водии Фарғона маъхази нодирест.

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷӯҳи хонандагон ва муаммокушоёну донишмандонро ба он ҷалб карданием, ин муаммоҳои Маъдан аст. Тадқиқгари эҷоди шоир Фахриддин Аҳмадов, махсусан, аз шоирону нависандагон ва олимон гиламанданд, ки чаро эшон ба он эътибор намедиҳанд, ҷавоби онро намеёбанд ва ҷавоб намегӯянд?

Ҳаёт ва фаъолияти Маъдан дар замони хонигарии Хӯқанд гузаштааст. Бинобар ин муҳити адабии онвақта тақозо мекард, ки ӯ бо забони ӯзбекӣ низ эҷод кунад. Дар ҳақиқат, Маъдан эҷодиёти худро бо забони ӯзбекӣ ба пояи баланд бардошта, дар ҳамаи жанрҳои шеъри классикӣ маҳорати хоса нишон додааст. Устод Фахриддин Аҳмадов ба яке аз фозилони зодгоҳаш, донандаи ашъори Маъдан - Мулло Ашӯр Нозимӣ такя карда мегӯяд, ки шоир дар ғазал ва қасидаҳояш услуби туркии озарбойҷониро пайравӣ кардааст. Яъне, ин таъсири бевоситаи ашъори шоири бузурги Озарбойҷон Фузулист. Мисол, ӯ ба ҷойи гӯиши маъмули туркии ӯзбекиқ "йӯқ" "йух"-ро истифода менамояд. Дар калимаҳо ба ҷойи овози ҳамсадои ҷарангдори "Т" бештар ҷуфти беҷаранги он "Д" истифода шудааст.

Бамаврид аст қайд кунем, ки Маъдан донандаи хуби дини мубини ислом ва забони арабӣ буда, эҷодаш нишони баланди диншиносию забондонии ӯро ифода мекунад.

Услуби сухан, эҷод, ҷасорату озодагӣ, образҳои шеърӣ ва фалсафии Маъдан нотакрор буда, аз забондонию донишмандиаш далолат мекунад. Дар як шакли шеърӣ, ки ба навъи қасида эҷод шудаасту ҳар як байт бо ҳарфҳои тартибу низоми алифбои форсӣ ва арабӣ вуҷуддошта, бо калимавуибораҳо сохта шудааст, хонандаро ба андеша мебарад, то маънии онро дарёбаду ба умқи суханбозиҳои Маъдан фурӯ равад.

Чунонки гуфтем, шоир Маъдан донандаи хуби забон буда, калимоти дар эҷодаш истифодашуда шарҳу эзоҳ металабад. Дар ин ҷода то андозае кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки калимаҳо бо риояи имлои шакли аслӣ, бо дарёфтан аз луғатҳои кӯҳна, бо ҳуруфи ниёгон дар охири девон ҳамчун луғати ашъори Маъдан оварда шавад.

Боварӣ дорем, ки ашъори рангини Маъдан чароғи маҳфили шумоён, хонандагони гиромӣ, мегардаду накҳаташ муаттаркунандаи димоғи сомеъон мешавад, ки худи шоир фармудааст:

***Димоғи сомеон аз накҳати маънӣ шавад равшан,***
***Дар он маҳфил, ки Маъдан, гул кунад ашъори рангинам.***

Хонандаи азиз, дар қисми сеюми китоб "Бозҷӯйи накҳати осори Маъдан" аз ашъори шоироне, ки ба ғазалҳои Маъдан мухаммас бастаанд ва ё ба ӯ шеъре бахшидаанд, ҳамчун эҳтиром ба шоир ва "Ворисони Маъдан"* ҷой дода шуд. Инчунин мақолаҳои устод Фахриддин Аҳмадов "Саёҳатнома" ва ақидаҳои пешқадами шоир", "Маъдан ва "Шоҳнома" ва ҳам "Номҳои шахсони таърихӣ, исми хос ва ҷуғрофӣ", ки барои омодааш Нурулло Мирзоматов меҳнат ба харҷ додааст, ҷустуҷӯйи олим Шоҳмуҳаммади Ҳайдарӣ бо номи "Аз таърихи омӯзиши рӯзгор ва осори шоир Одинамуҳаммад Маъдан" ва "Феҳристи адабиёт оид ба рӯзгор ва эҷодиёти Одинамуҳаммад Маъдан" бозёфтест дар омӯзиши эҷоди шоир.

Боиси хурсандист, ки дар нашри китоб хизмати шогирдони устод Фахриддин Аҳмадов - Шоҳмуҳаммади Ҳайдарӣ, Нурулло Мирзоматов, Тоштемур Пӯлодов, Зафар Аҳмад ва Саидҳасан Саодатдинов, ки дар мактаби миёна маҳз аз ӯ сабақи адаб гирифтаанду ҳамдиёрони шоир Маъдананд, хеле калон аст. Имрӯз рӯҳи Маъдан болидаву ворисонаш тилисмкушои эъҷоди ӯянд, ки худи шоир мегӯяд:

***Тилисми назми Маъданро, ки шояд исми Аъзам гуфт,***
***Бувад ҳар мисрааш файзи баҳори мардуми Понғоз.***

---

* Дар ноҳияи Ашт маҳфили адабӣ бо номи "Ворисони Маъдан" амал мекунад, ки зиёда аз 60 нафар аъзо дорад.



## ҚИСМИ I

# АШЪОРИ ТОҶИКИИ МАЪДАН

## ҒАЗАЛИЁТ

*Ба нури файз, ё раб, сайқали теғи забонамро,*
*Сафое деҳ, ки афрӯзам чароғи достонамро.*
*Ба ҳар маҳфил фурӯғи ҳусни маънӣ ҷилвагар гардад,*
*Ба арзи маърифат мумтоз кун шарҳу баёнамро.*
*Чу булбул бар сари нахли саноят нола ғозам,*
*Бидеҳ рангу тароват савту фарёду фиғонамро.*
*Парешон кард бодам дар биёбони амал, ё раб,*
*Худ аз худ рафтаам, гум кардаам роҳи маконамро.*
*Зи ҳастӣ то адам сармоя аз беҳосилӣ дорам,*
*Чу анқо кист, ёбад нашъаи ному нишонамро?*
*Уқоби кӯҳсору доғи дардам, ҳасратоғӯшам,*
*Ки сайёди қазо бигрифта роҳи ошёнамро.*
*Ба кӯи лоуболӣ хок бодо тинатам, Маъдан,*
*Ҳумо аз водии тавҳид ёбад устухонамро.*

* * *

*Ба тавҳиди саноят соз кун, ё раб, забонамро,*
*Мусаффо кун ба нури файз миръоти ҷинонамро.*
*Макун аз ҷилвагоҳи ҳусни маънӣ фитратам ғофил,*
*Ба огоҳӣ расон бар шӯҳрати мулк достонамро.*
*Тақозои каломам маҷлисоро кун ба ҳар маҳфил,*
*Қабули орифони аср кун шарҳу баёнамро.*
*Чу шабнам аз гаронииҳои фурсат хонабардӯшам,*
*Дар ин гулшан кадомин шева бартобад инонамро?*
*Тани афсурдаам дар раҳгузори аҷз сомон кун,*
*Ба минқори ҳумо маҳмул гардон устухонамро.*
*Камоли бенишониҳои ман ҳам оламе дорад,*
*Чу анқо хислати ман бар адам дорад нишонамро.*
*Ман он мурғи хушилҳонам, ки дар бунёди талқинаш*
*Зи оҳи синаи Маъдан гудозам ошёнамро.*

* * *

*Париваш, шӯхҷавлоне, ки мебӯсам рикобашро,*
*Ба дасти нола мегирам инони изтиробашро.*
*Намози ман, ки мақбул аст дар меҳроби абрӯяш,*
*Ки мебахшам ба рӯҳи Вомиқу Маҷнун савобашро.*
*Мабод аз шарми рӯяш* об гардад, бар замин резад,*
*Саморо гӯ, ба гардун ҳифз созад офтобашро.*
*Сарам аз сарфарозӣ боладу бар Каҳкашон сояд,*
*Сазад бар хеш айни лутф пиндорам итобашро.*
*Дар ин дарё, ки ошӯби талотум мавҷҳо дорад,*
*Ба тӯфон эҳтиёҷе нест домони ҳубобашро.*
*Сари болини нозаш рамзи огоҳӣ тамошо кун,*
*Тагофул аз сари миҷгон диҳад таъбири хобашро.*
*Арӯси даҳр чанд аз ишва Маҷнунам кунад, Маъдан?*
*Зи меҳри сина ботил мекунам нақши иҷобашро.*

* * *

*Сиришки дидаи ман масх созад рӯди Ҷайҳунро,*
*Зи баҳри дил ба мижгон бастаам сад Даҷлаи хунро.*
*Маро аз ҷодаи сайёрагардиҳо чӣ мепурсӣ,*
*Фалак чун соя болои сари ман дошт гардунро?*
*Муҳаббат ҳотами фармонравоӣ дод бар дастам,*
*Мароми сарфарозӣ медиҳам Фарҳоду Маҷнунро.*
*Дар ин маҳфил надорад сози мутрибе садое ҳам,*
*Раги ҳар мисраам сад нагмаомез аст қонунро.*
*Халил аз сӯҳбати абнои инсон карда маъзулам,*
*Пазируфтам саводи ваҳшати саҳрою ҳомунро.*
*Хуми ҳикмат надорад бодае гайр аз пушаймонӣ,*
*Қазоро гӯ, кушояд боби тадбири Фалотунро.*
*Ба эҳсон майл кун, эй кимёгар, домани дил чин,*
*Гиреҳ аз гӯш берун кун, шунав овози Қорунро.*
*Дар ин оина, Маъдан, акси ашъорам таҷаллӣ зад,*
*Ба лавҳи орази хуршед бастам нақши мазмунро.*

* Дар "Гулшани адаб" "шарми ҳуснаш" овардаанд. Дар саҳифаи 14-и дастхатҳо (2 дастхат) ҳақиқатан "шарми ҳуснаш" омадааст.

* * *

*Эй ба қатли бегуноҳон карда оҳанги сафо,*
*Ҳар мижа як ханҷару ҳар гамза як теги бало.*
*Мурги ҷон аз ошёни тан видоъомода шуд,*
*Мекунад сози паридан то куҷо хоҳад ҳаво.*
*Чашм бастам аз тамошо вақти бисмил гаштанам,*
*То ки нашносам туро, дар ҳашр настонам ҷазо.*
*Дил ба имдоди муҳаббат аз ҷунун вораста буд,*
*Ишқ голиб омаду бинҳод занҷираш ба по.*
*Аз гудози оташам бӯи кабобе гул накард,*
*Дуди оҳам барнаёмад аз гиребони ҳаё.*
*Кисвати шоҳӣ нахоҳад имтиёзи фақри ман,*
*Кай сазад дебои румӣ бар бисоти бӯрё?*
*Фитрати ман бо сарири офият масрур нест,*
*Нафрате дорад сарам аз сояи боли ҳумо.*
*Сад чаман сарсабз шуд, сад навбаҳор омад ба ҷӯш,*
*Андалеби ман нашуд, Маъдан, ҳаводори наво.*

* * *

*Омад шабе бар кулбаам, гуфтам: "-Ҳазорон марҳабо!"*
*Чидам губори мақдамаш, бар дида кардам тӯтиё.*
*Шамъе зи оҳ афрӯхтам, парвонаосо сӯхтам,*
*Бар анҷуман омӯхтам таъдили аркони вафо.*
*Бунёди ҳастӣ то адам кардам нисори ҳар қадам,*
*Ин ҳарду гетиро ба ҳам судам ба сони осиё.*
*Ҳар ҷо нишинам, сӯхтам*, бо дарду гам пардохтам,*
*Худро магар нашнохтам аз шеваи нашъунамо.*
*Маҳфилтароз* аз ҳайратам, восӯхт доги кулфатам,*
*Базми чароги зулматам чун субҳи козиб безиё.*
*Ҳусне, ки дар Мисри тараб овоза дорад бар лақаб,*
*Омад ба бозори талаб нақди ду олам дар баҳо*.*
*Маъдан, арӯси табъи ман дорад паси оина тан,*
*Вақти тақозои сухан рӯ баркушояд аз қафо.*

---

*Дар нашрҳои пешин "Ҳар ҷо нишеман сӯхтам,..." ва "Ҳар ҷо нишеман сохтам,..." овардаанд. Дар 2 дастхат "Ҳар ҷо нишинам, сӯхтам, бо дарду ғам пардохтам" омадааст.

**Дар нашрҳои пешин фароз овардаанд. Дар дастхатҳо "Маҳфил туро аз ҳайратам..." омадааст.

***Дар "Гулшани адаб" "бақо" овардаанд, ки мантиқи қавӣ надорад. Дар ду дастхат "баҳо" омадааст.

* * *

*Ба чашми имтиҳон аввал дар ин гулшан назар бикшо!*
*Сари озодагӣ дорӣ, чу анқо болу пар бикшо!*
*Машав чун хайли анҷум сарфарози зулмати гардун,*
*Чу субҳ аз файзи фитрат ҷайби домони саҳар бикшо!*
*Насими навбаҳори умр зебо фурсате дорад,*
*Дар он фурсат ба сони гунча тӯмори саҳар бикшо!*
*Аналҳақ даъвии лофист, исботи ҳақиқат кун,*
*Ба дорулмулки ваҳдат Шайхмансури ҳунар бикшо!*
*Раҳи дарё махотир нест арбоби таваккулро,*
*Ба ангушти қаноат уқда аз тори гуҳар бикшо!*
*Ҳарифи кори душман нестӣ, саъйи мадоро кун,*
*Сари мардӣ надорӣ, теги мардон аз камар бикшо!*
*Писанди хотири ман нест авзои ту, эй воиз,*
*Бирав, ин дафтари беҳуда дар ҷои дигар бикшо!*
*Ба гӯши дил мубарро соз, Маъдан, пунбаи ғафлат,*
*Ба гӯристон гузар кун, дида бар хоки падар бикшо!*

* * *

*Ба ҳар номаҳраме, зинҳор маншин, шарҳи гам макшо,*
*Ба ин қалбошноён қуфли абвоби ҳарам макшо.*
*Зи ҳар сурат маҷӯ кайфияти осори худбинӣ,*
*Ба ҳар маҳфил зи тори пардаи дил зеру бам макшо.*
*Низоми кори ҳастӣ мояи савдои уқбо кун,*
*Матои дунявӣ сахл аст, дар байъат дирам макшо.*
*Халили роҳи қурбат нестӣ, дасти сахо машкан,*
*Ба мифтоҳи хасосат ҳалқаи боби карам макшо.*
*Ба эҳсони каримон дил манеҳ дар ҷодаи ҳиммат,*
*Сари хони лаимон банду анбони шикам макшо.*
*Ба фикри ҳарзапаймоёну зикри сафҳаи ботил*
*Лаби рағбат фароҳам ору бар лоу наам макшо.*
*Тазаллумҳои золим ҳаминони суръати бод аст,*
*Забони хома бар таҳрири бунёди ситам макшо.*
*Сияҳрӯзӣ ба атвори ту, эй Маъдан, сазовор аст,*
*Баёзи хандаи хуршед ҳамчун субҳидам макшо.*

*Зоҳиру ботини вуҷуд ин ҳама боиси ту буд,*
*Ҳаст сафои оразат оинаи худонамо.*
*Бе ту касе қадам назад дар раҳи ҳастӣ аз адам,*
*Шуд мададу ҳимоятат ёру рафиқи раҳнамо.*
*Рафт баҳори оразат, вақти хазони умр шуд,*
*Маъдани хастадил нашуд дохили хоки Мустафо.*

* * *

*Дӯш аз боғи висолаш ранги гул чидам ба хоб,*
*Офтобе дар уруҷи арши дил дидам ба хоб.*
*Ҷоми истиғно шикастам, табли густохӣ задам,*
*Аз ҳаё ворастаму чун ғунча хандидам ба хоб.*
*Бар танӯри дил ниҳодам мӯҳри оташпорае,*
*Об гаштам чун арақ, бар хок ғалтидам ба хоб.*
*То парирухсорае дар банди тасхир оварам,*
*Ҳамчу тӯмори ҷунун бар хеш печидам ба хоб.*
*То насими накҳати пайғоми ирсолаш вазид,*
*З-изтироби шавқ ҳамчун шӯъла болидам ба хоб.*
*Ҷодаам борику шаб торику шамъам безиё,*
*Бе асокаш, бе асо аз пой лағҷидам ба хоб.*
*Файзи осор аст, Маъдан, гулшани посӣ сухан,*
*Аз хамӯшӣ рамзи ин ҳангома фаҳмидам ба хоб.*

* * *

*Ҳамдами субҳ шаву нури сафое дарёб,*
*Чашм бикшою чу оина лиқое дарёб!*
*Чанд маъдуми саводи шаби ҳиҷрон бошӣ?*
*Ҳамчу хуршед бурун ой, зиёе дарёб!*
*Қуфли васвоси ҷинонат нашавад боз зи дайр,*
*Аз дари пири муғон уқдакушое дарёб!*
*Аз атиббои ҷаҳон марҳами ин ранҷ махоҳ,*
*Нафаси софдилон бину шифое дарёб!*
*Ҳоҷат аз бухл маҷӯ, базли лаимон маталаб,*
*Бар дари аҳли карам ой, атое дарёб!*
*Гар наӣ Кӯҳкан, аз ғафлати дил доғ машав,*
*Дар шикасти камари кӯҳ садое дарёб!*
*Банд-банди дили Маъдан ҳама оҳангу навост,*
*Эй муғаннӣ, асаре гир, навое дарёб!*

* * *

*Устоди муҳаббат дили савдо задан омӯхт,*
*Аз лому алиф зулф шикан дар шикан* омӯхт.*
*Ҳусни* нигаҳу ҷилваи шӯхи ту ба дилҳо,*
*Бетоб шудан, об шудан, хун шудан омӯхт.**
*Ховар чӣ аҷаб гармии ман бар сари раҳмат,*
*Азбаски ҷафо карду вафоро зи ман омӯхт.*
*Тамкини ту ором ба сарви чаман омӯхт,*
*Парвонаи расвои дилам сӯхтан омӯхт.**
*Шамъ аз рухи ту баҳра барафрӯхтан омӯхт,*
*Парвонаи расвои дилам сӯхтан омӯхт.*
*Гул тарзи шукуфтан зи гули рӯи ту донист,*
*Булбул равиши нола зи фарёди ман омӯхт.*
*Афрӯхтану сӯхтану ҷома даридан,*
*Парвона зи ман, шамъ зи ман, гул зи ман омӯхт.*
*Дар синаи Маъдан задаӣ чоки маонӣ,*
*То тири ғамаш пораи дил дӯхтан омӯхт.*

---

* Дар "Ашъори мунтахаб" "зулфи шикан дар шикан" омадааст.

** Дар "Файзи осор" "Ҳусну нигаҳу ҷилваи шӯхи ту ба дилҳо" овардаанд.

*** Дар "Ашъори мунтахаб" 3 байти минбаъда партофта шудааст, бинобар ин мӯлнуқта (...) гузошта шудааст.

**** Дар як дастхати "Куллиёт"-и шоир як байти дигар илова шудааст, ки шояд эҷоди каси дигар ё хаттот бошад. Ё аз байн мисрае афтида, мисраи дуюм такрор шудааст.

Шамъ аз рухи ту баҳра барафрӯхтан омӯхт,
Парвонаи расвои дилам сӯхтан омӯхт.

* * *

*Тӯтӣ зи лабат нашъунамои сухан омӯхт,*
*Ҳусни ту тароват зи гули ёсуман омӯхт.*
*Субҳ аз сари гесӯи ту омӯхт дамидан,*
*Булбул газали нола зи лавҳи чаман омӯхт.*
*Шамшод зи таклифи хироми ту зи ҷо хест,*
*Огози қиёмат зи қиёмат шудан омӯхт.*
*Қавсайни ду абрӯи ту зеҳ карда камонро,*
*Мижгони ту бо тири қазо қатли ман омӯхт.*
*Бебокии расво шудану узли хамӯшӣ,*
*Ин қоида дил з-он бути паймоншикан омӯхт.*
*Маъдан, ҷигари санг шуд аз ҳасрати ман об,*
*То ҳиммати Фарҳоди мани кӯҳкан омӯхт.*

* * *

*Паи арзоқи мақсум чанд ҳар сӯ медавонандат?*
*Ба тамкин неҳ қадам, охир, ба ҳар ҷо мерасонандат.*
*Ба одоби тааммул бар сари хони карам биншин,*
*Аз ин давлатфарозӣ маснади иззат нишонандат.*
*Чу оташ дар ниҳоди санг месӯзад, мабош эмин,*
*Ки ин оҳангудозонат зи маҳбас мераҳонандат.*
*Ҳисори офият саҳл асту чандон мӯҳлате дорад,*
*Ба андак фурсате з-ин рахна охир меҷаҳонандат.*
*Аз ин ошуфтагиҳо рамзи маҳзунӣ намеояд,*
*Ба ваҳшат оҳувонро ром кун, девона хонандат.*
*Бирав, аз чарбу нармиҳои лаззоти ҷаҳон бигсил,*
*Ба ёд ор он шаробеpo, ки охир мечашонандат.*
*Зи дарёи муҳаббат обшор ин мазраи дил кун,*
*Ба вақти назъ, Маъдан, қатраи обе чаконандат.*

* * *

*Шаб, ки моҳи оразаш бар тоқи зулмат нур дошт,*
*Чун қиёмат ҳар тараф оҳанги нафхи сур дошт.*
*Ҷилвагоҳи ҳуснро афрошт таъмири дуранг,*
*Шамъ аз по рехт, гулро аз тароват дур дошт.*

*Хонаи ойина рӯшан аз нигоҳи гарми ӯст,*
*Офтоби ҳарду оламро ба худ манзур дошт.*
*Печ-печи* барҳами зулфат чу сунбул атрбез*,*
*Тор-тори ҷаъди мӯяш накҳати кофур дошт.*
*Тоқати бетоқатон к-аз сабр доман чида буд,*
*Бедимоғиҳои марҳам ханда бар носур дошт.*
*Нола дар таҳрика шуд, ё раб, кадомин сангдил*
*Бори ин ҳангома бар дӯши мани муздур дошт?*
*Дасти истиғнои вазъаш шиша зери санг зад,*
*Боданӯшонро ба атвори ҷунун мағрур дошт.*
*Хушдилам, Маъдан, дар ин савдо аз* истеъдоди ишқ,*
*Мӯсии иқболи ман имшаб ҳавои Тӯр дошт.*

---

* Дар "Гулшани адаб" "арбоз, печ-пече ваз и" овардаанд. Дар яке аз дастхатҳо "атрсабз" низ омадааст.

* Масеҳо илова шудааст, ки вазн вайрон мешавад.

* * *

*Эй қодири қайюм, бихонам ба чӣ номат,*
*Исми ту азим асту сифоти ту узомат.*
*Килки хирад аз кунҳи ҷалолат, ки бизад пай,*
*Лол аст забон, ақл мақосир зи каломат.*
*Шоҳи ҳама шоҳон ба ҷаноби ту мулозим,*
*Ашёи ҳама мулки ту пайдои мақомат.*
*Бар хоки сафӣ буд ғаразӣ саҷда баҳона,*
*Бар гардани иблис задӣ тавқи маломат.*
*Одам, ки шуд аз ӯҳдаи фармони ту оҷиз,*
*Маъзул шуд аз равзаи ризвон ба иқомат.*
*Илҳоми ту шуд мӯъҷизаи ҷумла паямбар,*
*Икроми ту сарриштаи арбоби кароматт.*
*Қурби ту ба тақриби ибодат натавон ёфт,*
*Роҳест хатарноку умеде ба саломат.*
*Бе бадрақаи фазли иноёти ту, эй дӯст,*
*Ҳосил нашавад роҳилаи роҳи қиёмат.*
*Қавли ту шунидем, ки лутфи ту умам аст,*
*Гаштем далели гунаҳ аз раҳмати омат.*

*Дар соғари мо соз ато бодаи тавфиқ,*
*Дорем умеди карам аз бодаи ҷомат.*
*Моем ғуломи тую озод алоиқ,*
*Ҳар банда, ки озод бувад, ҳаст ғуломат.*
*Маъдан, чу дилафрӯз чароғест диҳад нур,*
*К-аз партави он рафъ шавад зулмати шомат.*

* * *

*Сурури синаам ёди висолат, ё расулаллоҳ,*
*Аниси хотирам фикру хаёлат, ё расулаллоҳ.*
*Ба завқат сӯхтам, парвонаосо ҷилвае дорам,*
*Макун навмед аз шамъи ҷамолат, ё расулаллоҳ.*
*Ба даври оразат чун ҳола мечинам ба уммеде,*
*Шавам восил ба абрӯи ҳилолат, ё расулаллоҳ.*
*Сафои ботини ман баҳри рафъи зиллати исён,*
*Чу мино толиби оби зулолат, ё расулаллоҳ.*
*Ба пои нораво то чанд орам саъйи раҳворӣ,*
*Фурӯ афтода аз бори хиҷолат, ё расулаллоҳ.*
*Ба рағми муддаӣ фардо ба назди қозии маҳшар,*
*Ба даъвои умам соҳибваколат, ё расулаллоҳ.*
*Наям чун андалеб аз гулбуни бӯи ту гул чинам,*
*Манам масрури ҳусни бокамолат, ё расулаллоҳ.*
*На танҳо ҷони маҳзунам фидои мақдами покат,*
*Сарам чун хок бодо поймолат, ё расулаллоҳ.*
*Тавофи равзаат, эй кош, даврон рӯзиям созад,*
*Шавад дур аз дилам гарди залолат, ё расулаллоҳ.*
*Кушо чашми тараҳҳум бар мани девонаи Маъдан,*
*Ба ҳаққи ҳурмати асҳоби олат, ё расулаллоҳ.*

---

** Ду байти поёнро партофтаанд.
*** Ин байт дар нашрҳои пешин партофта шудааст.
**** Дар нашрҳои пешин "фурқат" овардаанд, ки мантиқан дуруст наменамояд.
***** Овоз (?!) овардаанд.

*  *  *

*Бо гамат тифли хаёлам дар дабистон кард баҳс,*
*Дидаам дарё шуду ашкам ба тӯфон кард баҳс.*
*Ҳал нашуд аз саъйи ботил мушкилоти дарси ишқ*,*
*Роҳиби бутхона бурд, аз гам мусулмон* кард баҳс.*
*Сафҳаи девони қудрат қобили таҳрир нест,*
*Ин муаммо қудрате* дорад, ки натвон кард баҳс.*
*Бар дами теги ҳалоки худ бубинад хуни реш,*
*Ҳар кӣ аз авзои* густохӣ ба султон кард баҳс.*
*Нолаи мазлумии мо шавқати золим нашуд,*
*Сахтмагзиҳои ин оҳан ба сӯҳон кард баҳс.*
*Аз хамӯшӣ дар риёзи дил фарогат доштам,*
*Анҷуман бархост, аҳволам парешон кард баҳс.*
*Умрҳо дар заҳмати бори тагофул мекашам,*
*Метавон, Маъдан,ба истигнои хубон кард баҳс.*

*  *  *

*Шукӯҳи мову Маҷнун ҳар куҷо нақши қадам резад,*
*Фалак бар раҳгузори кулфаташ хори ситам резад.*
*Ҳуҷуми гиря ошӯби қиёмат хост, метарсам,*
*Ки з-оби дида хоҳад мардуми чашмам ба ҳам резад.*
*Зи баъди номуродӣ нест холӣ дасти иқболам,*
*Намехоҳам, ки даврон ба тақозоям дирам резад.*
*Сарам аз сарфарозӣ шиква аз гардун намеорад,*
*Ки санги ҷола бар теъдоди анҷум бар сарам резад.*
*Дил аз каф додаму андӯҳи ҳиҷронам дуболо шуд,*
*Аз он тарсам, ки гам бархезаду болои гам резад.*
*Барояд ҳасрати нокомиям аз ҷодаи ҳайрат,*
*Қазо рӯзе, ки хокам дар биёбони адам резад.*
*Ғурури иззу ҷоҳам дар паноҳи аҷз омезад,*
*Ҳаво чандон, ки май дар согарам чун ҷоми Ҷам резад.*
*Хати бемистари тақдир, Маъдан, фурсате дорад,*
*Каҷӣ ё ростӣ ҳарфе, ки аз чоки қалам резад.*

* * *

*Шудам маҷрӯҳу вомондам, сарам бар тоқи найсон зад,*
*Тавофи Каъба бар пои дилам хори магелон зад.*
*Кадомин фитнае бархост, ё раб, чашми фаттонаш*
*Фиребам дод, аз раҳ бурд, догам бар раги ҷон зад.*
*Буте, к-андар риёзи хилвати дил мепарастидам,*
*Таҷаллӣ дод оташ бар ниҳоди бутпарастон зад.*
*Ба шоми бениёзӣ ин қадар бар яъс печидам,*
*Ки ҳайрат об шуд дар дидаю ашкам ба миҷгон зад.*
*Чу тарсозода динам сӯхт дар аҳди куҳансолӣ,*
*Асирам кард, маҳвам сохт, куфраш роҳи имон зад.*
*Маро кайфияти ин шева урён карду метарсам,*
*Ки з-оби дида хоҳад чоки доман то гиребон зад.*
*Ба дасти шаҳна барафтодаам ман аз шикебоӣ,*
*Ки розам бармало афтоду маҳбусам ба зиндон зад.*
*Ба явмулҳашр, Маъдан, шиква аз килки қазо дорам,*
*Маро эҷод карду қуръаи қолам парешон зад.*

* * *

*Сари шӯридаам то маҳзи як олам таманно шуд,*
*Шукӯҳи фитратам ҳар ҷо алам зад, ҳайратафзо шуд.*
*Ба номуси муҳаббат сӯхт аъзоям дар ин гулшан,*
*Ки аз хокистарам сад андалеби дог эҳё шуд.*
*Дар ин дайр аз саодатмандии Маҷнун чӣ мепурсӣ?*
*Ки ин девона аз узлатгузиниҳо шикебо шуд.*
*Ҷаҳон ойинадори ҳусни суратҳои тақлид аст,*
*Дар ин ойина акси хеш мебояд шиносо шуд.*
*Раги наззора ҳамчун шӯълаи ҷаввола месӯзад,*
*Ба қадри имтиҳон то дида манзури тамошо шуд.*
*Дар ин маҳфил саропо рехт аҷзои вуҷуди ман,*
*Замини тинатам ороиши нақши кафи по шуд.*
*Ба майдони қаноат кӯси истигно задам, Маъдан,*
*Парид аз чеҳраи тавфиқ рангам, боли анқо шуд.*

* * *

*Ба рӯи музнибон ҳарчанд боби тавба во дорад,*
*Гиреҳ бар риштаи уммед бастан ҳам хато дорад.*
*Мабош эмин зи осеби бисоторои гардун,*
*Дари ин хона мақфул аст, duздон аз қафо дорад.*
*Ба найрангу навозишҳои даврон дил манеҳ ин ҷо,*
*Ки ин гаддораат таклифи нақши бӯрё дорад.*
*Дар ин майхона май нӯшидану базми ҳавас то кай?*
*Мизоҷи орзуят чанд завқи иҷтиҳо дорад.*
*Зи гулзори тараб гул чида меоӣ, наӣ воқиф,*
*Ки ангуштат зи хуни булбулон ранги ҳино дорад.*
*Раҳи тақво надорад эҳтимоле ғайри муздурӣ,*
*Барад музди қадам ҳар кас,  ки ин ҷо дасту по дорад.*
*Ба хок афтодаам, эй партави иқболи ташрифӣ,*
*Сари ман ҳам умед аз сояи боли ҳумо дорад.*
*Ба ҳайҷои тааллуқ он қадар печидаам, Маъдан,*
*Ки табли ҳастии ман аз тиҳимағзӣ садо дорад.*

* * *

*Эй бо хароши ҷону дил хӯят зи сӯҳон тезтар*,*
*Чашмат ба хунрезӣ яқин, миҷгон аз он хунрезтар.*
*Рафтӣ ба базми ошиқон, шӯру ҷафо ангехтӣ,*
*Ё раб, мабодо дар ҷаҳон ҳамчун ту шӯрангезтар.*
*Зулфат зи тоби рангу бӯ аз кулбаи аттори фавқ*
*Мушкин зи оҳи ман бувад хушатру анбарбезтар.*
*Аз қиссаи ҳиҷрони ту ҳар ҷо мусибатхонае,*
*Лекин ҳикоятҳои ту шӯх асту дардомезтар.*
*Ҳар дам ба назди ҳазратат аз дида резам хуни дил,*
*Набвад бад-ин сон тӯҳфае з-ин гуна дастовезтар.*
*Маъдан, зи хоби бехудӣ чун субҳ аз ҷо хестам,*
*Дар силки ушшоқон касе набвад чу ман шабхезтар.*

* * *

*Хок гаштам дар раҳаш, гул кард хокам зор-зор,*
*Кори ишқ омад барои мардуми бекор кор.*
*Хешро Маҷнун шумурдам, пой бар ваҳшат задам,*
*Ваҳшиён карданд он ҷо аз мани беор ор.*
*Банд шуд бар гарданам зулфаш чу тӯъмори ҷунун,*
*Эй фусунгар, рафъ кун аз гардани бемор мор.*
*Сӯхт дар базми хаёлаш шамъи оҳам то саҳар,*
*Дар тагофул хуфта ӯ бедору ман бедордор.*
*Шаб ҳама шаб бо сагонаш ранги улфат бастаам,*
*Ман чунин ошуфтае дар хилвати агёр ёр.*
*Нақди ҷон бурдам ба савдояш, наёмад дар писанд,*
*З-ин хиҷолат мебариям дар сари бозор зор.*
*Ҳиндуи холаш сияҳ пӯшида бар тороҷи Ҳинд,*
*Шоми зулфаш баҳри горат бурда бар Тотор тор.*
*Ҳар кӣ бар қадри бизоат рутбае дорад умед,*
*Зоҳид аз тасбеҳ унсу роҳиб аз зуннор нор.*
*Аз гаронборӣ дар ин раҳ ҳайрате дорад ганӣ,*
*Ҳамчу хар бар дӯши гафлат баст дар анбор бор.*
*Домани дунё бинеҳ, Маъдан, ки дар поёни кор*
*Меситонад интиқом аз марди дунёдор дор!*

---

* Дар дастхат "шӯхтар" омадааст

* * *

*Агар орад сабо бӯе зи зулфи анбарафшонаш,*
*Ҷаҳон пуратр гардад, гул занад чоки гиребонаш.*
*Видои реҳлати маъшуқ бо улфат саре дорад,*
*Каманди ҷазбаи ушшоқ орад дар биёбонаш.*
*Ғурури ҳусн агар ин аст, ё раб, қадди болояш,*
*Ки хуршед аз тамошо маҳву шамшод аз хиёбонаш.*
*Варақ во кард булбул аз баёзи орази гулшан,*
*Ки тори нола шуд шерозабандиҳои девонаш.*
*Лаб аз шаҳди табассум кард ширин, ҳайрате дорам,*
*Мабодо бар мазоқам талх гардад лаъли хандонаш.*

*Ҷамолеро, ки дар овони пирӣ дӯст медорам,*
*Ки бар наҳви Зулайхо нақди ҷон санҷам ба мизонаш.*
*Агар ишқ аз тақозои ҷавонӣ равнақ афзояд,*
*Куҷо домони исмат чок созад пири Санъонаш?*
*Надонам аз кадом ойина рӯ бинмуду пинҳон шуд,*
*Ки ҷонам аз таҳайюр сӯхт, гаштам доги ҳиҷронаш.*
*Шудам бисмил ба теги гамзааш чун сайди қурбонӣ,*
*Гузорад, кошкӣ, гардам зи рӯи шавқ қурбонаш.*
*Намак бар дида Маъдан баҳри поси гиря мебояд,*
*Ки шояд қатраи обе фурӯ резад зи мижгонаш.*

* * *

*Зиҳӣ, беш аз тақозои ду кавн осори тасвираш,*
*Таҷаллӣ во намуд аз шохсори нахли таъмираш.*
*Набуд эҷоди ҳастӣ шеваи таркиби ҷисмонӣ,*
*Ки огози ҳавои сайри ваҳдат дошт тахмираш.*
*Зуҳури обу гил дар хонаи сурат набуд ин ҷо,*
*Рақам зад бар сари лавҳи шаҳодат килки таҳрираш.*
*Зи тамкинаш буту бутхона аз по рехт, зулмат ҳам,*
*Зи ҷо бархост ҳам аз шаш ҷиҳат бархост такбираш.*
*Бувад гарди хиромаш тӯтиёи дидаи анҷум,*
*Чароги қудсиёнро кард равшан азми шабгираш.*
*Аз ин рифъат кадомин рутба улётар бувад, ё раб,*
*Сари кори ду олам бартараф зад файзи иксираш.*
*Зи иқлими рисолат корвони лутф меояд,*
*Шафоатномае дорад, ки натвон дод тақрираш.*
*Зи илҳоми башорат ёфт Маъдан қурби озодӣ,*
*Хушо, муҷрим, ки султон дарпазирад аҷзи тақсираш.*

* * *

*Дили ман сайди ваҳдат шуд, ба дом афканд сайёдаш,*
*Сазовори уқубатро бизад занҷири фӯлодаш.*
*Асири сайди худкомӣ таалluқ оламе дорад,*
*Ки муҷрим муҷиби қатл аст, натвон кард озодаш.*
*Мизоҷи дил зи лавҳи хомаи наққош пурсидам,*
*Надонам дар чӣ соат кард пайдо килки эҷодаш?*
*Нашуд огаҳ мунаҷҷим з-имтиёзи қуръаи толеъ,*
*На аз обу на аз оташ, на аз хоку на аз бодаш.*

*Ба завқи теша хун аз дидаи кӯҳсор мерезад,*
*Магар Ширин сари улфат фурӯ н-орад ба Фарҳодаш?*
*Чароғи шоҳидон аз равғани машшота афрӯзад,*
*Ки Юсуфро фурӯшад қиммати ҳусни худододаш.*
*Ба вазъи наварӯсиҳои даврон ҳайрате дорам,*
*Аҷуза равнақи абкор бинмояд ба домодаш.*
*Муҳаббат ҳамчу субҳ оинадори зулмати дил шуд,*
*Зи устози табиат ёфт Маъдан хатти иршодаш.*

* * *

*Болу парвози расоӣ сӯхт ҷавлони тамаъ,*
*Кӯр бод ойинадори ҳусни фармони тамаъ.*
*Пеши арбоби карам пушти тавозӯъ хам макун,*
*Ин камон, охир, занад бар хок паймони тамаъ.*
*Рӯзи мӯҳтоҷӣ даре аз маҳмили мунъим мазан,*
*Хок бар сар беҳ, ки паймоӣ биёбони тамаъ.*
*Пардаи номус маҳҷӯби таманнои ту нест,*
*Шишаи фитрат шикастӣ бар сари хони тамаъ.*
*Он кӣ бар дӯши талаб бори саёҳат бастааст,*
*Аз танӯри чарх хоҳад пухта шуд нони тамаъ.*
*Сӯхт аз нори такаббур хилъати марди ғанӣ,*
*Сӯзани вазъи гадоён дӯхт домони тамаъ.*
*Шеваи тақлидият омодаи тавфиқ нест,*
*Мебарӣ гӯйӣ ҳарорат сӯйи майдони тамаъ.*
*Эй зи суратҳои ҳастӣ маҳви гулчини ҳавас,*
*Мехалад ҳар дам ба чашмат хор миҷгони тамаъ!*
*Мениҳам бар хеш, Маъдан, тӯҳмати ворастагӣ,*
*Сар бурун овард фикрам аз гиребони тамаъ.*

* * *

*Шуд обутоби ҳусни ту аз бодаи арақ,*
*Омад дучори дидаи ман кайфи мунтафақ.*
*Гардид маҳви ақлу хирад бар адам фитод,*
*Ҷон алвидоъ гуфту берун омад аз рамақ.*
*Шуд мунҳазим зи ҳайрати афғону нолаам,*
*Сайёрагони чарху муқимони нӯҳ табақ.*
*Гаштам шаҳиду куштаи шамшери нози ӯ,*
*Исбот ёфт хуни ман аз домани шафақ.*

*Догам, ки аз мутолиаи ҳусни он ҷамол,*
*Тифли мизоҷи ман, ки наёмӯхт як сабақ.*
*Шерозабанди зулфи туро дида аз ҳавас,*
*Чун лола лавҳи синаи ман шуд варақ-варақ.*
*Маъдан, асири ҷодаи ботил фитодаам,*
*Ку ҳодие, ки роҳ намояд ба сӯи Ҳақ?*

* * *

*Эй Масеҳи рӯҳбахши хоксорони азал,*
*Мехалад миҷгони нозат хор бар пойи аҷал.*
*Нақди ҳуснат пеши саррофони ҳастӣ бемисол,*
*Ин латофат нест дар абнои инсон филмасал.*
*Бедилон бар аҳду байъи рамзи имоят кафил,*
*Ворои наззора хуни бегуноҳонат бадал.*
*Ғамзаат аз бехудӣ барчида домони газаб,*
*Баҳри қатли ошиқон сад тег пинҳон дар багал.*
*То насими атрбезе сунбули мӯи ту дид,*
*Кард огози дамидан сабза аз хоки Ҳамал.*
*Хонд мутриб дар ҳузури маҳфилороёни даҳр,*
*Қиссаи мову ҳикоятҳои ҳиҷрон мӯътамал!?*
*Рехт, Маъдан, бар мазоқам аз такаллум шаҳди ноб,*
*Пайкарам муздур шуд, хам гашт аз бори асал.*

* * *

*Ман, ки масти ҷоми ишқам дархури мастонаам,*
*Музтариб бархост соқӣ аз дари майхонаам.*
*Васлу ҳиҷронам ба ҳам омезиши обу гил аст,*
*Оҳ, аз носозии иқболи нокомонаам!*
*Дар муҳаббат фитрати бебокиам маҳбуб нест,*
*Хоки Маҷнун гул намуд аз ҷавҳари паймонаам.*
*Бастаам бар авҷи дил, аз шавқ як тӯмор оҳ,*
*Қосиде ку, то барад мактуби муштоқонаам?*
*К-аз раҳи бедастгоҳӣ он қадар манзур нест,*
*Бо қабули ҳазрати ӯ базли дарвешонаам.*
*Зиннати ошиқ бувад махсуси урён хостан,*
*Бар Масеҳ, эй шамъ, аз хокистаре парвонаам.*
*Медиҳам, Маъдан, ҷавоби он, ки мегӯяд Вазир:*
*"Дар ҳавои он париӯе, ки ман девонаам".*

* * *

*Сархати ҳайрат зи девони қазо омӯхтам,*
*Нуктаи дарси қаноат аз ҳумо омӯхтам.*
*Хок гардидан, ба хок андар шудан дар нестӣ,*
*Ин тахайюлҳо зи нақши бӯрё омӯхтам.*
*Поси хомӯшӣ гузидан, аз тааммул сӯхтан,*
*Чашм бар ҳам бастан аз ҷӯши ҳаё омӯхтам.*
*Дар суроғи турраи зулфи парирӯёни даҳр,*
*Гирди ҳар сар гаштан аз боди сабо омӯхтам.*
*Аз фаромӯшӣ дар ин узлат камоле доштам,*
*Анҷуман гул кард розам, моҷаро омӯхтам.*
*Олами наззора дар чашми хаёли ман набуд,*
*Ин тараққиҳо, надонам, аз куҷо омӯхтам?*
*Дар чаманзори ҷаҳон рафтам барои имтиҳон,*
*Бар дил аз гул доғу аз булбул наво омӯхтам.*
*Ёр гуфт: "Ин шева, Маъдан, аз куҷо омӯхтӣ?"*
*Гуфтам: "Эй бадаҳд, рамзе аз шумо омӯхтам.*

* * *

*Зи ғам дил сайри ваҳшат хост, дар пояш шикан бастам,*
*Фалак то уқдаи овоза кай бикшод, ман бастам.*
*Нафас дар кӯраи тан сӯхт, масрурам аз ин шавкат,*
*Қафасхӯкардаам, чашм аз тамошои чаман бастам.*
*Мизоҷам марҳами кофур бар заъфам чӣ мепурсӣ?*
*Ки алмоси ҷароҳат дар ниҳоди хештан бастам?*
*Гиреҳ зад бар ҷабинам пунбаи доғи пушаймонӣ,*
*Ғалат кардам, ки маҳмил дар такопӯи Ватан бастам.*
*Димоғам нафҳае, к-аз накҳати зулфи ту мехоҳад,*
*Бад-ин тақриб тӯҳмат бар ғизолони Хутан бастам.*
*Надонам роҳиби бутхонаи кӯи кӣ гардидам,*
*Ки зуннори ҳавас ҷайби қабои барҳаман бастам?*
*Чаман рашки ҳасад аз саъйи кори ман барад, Маъдан,*
*Зи мавзунмисраъе чун сарв дар боғи сухан бастам.*

* * *

*Саводи ваҳшатам, маҳзи ҷунунам, ҳамдами доғам,*
*Ғизолам, нофаам, субҳам, насимам, шабнами доғам.*
*Муназзаҳ аз нишотам, дар ҳузури маҷлиси яъсам,*
*Фиғонам, нолаам, ҷӯши сиришкам, мотами доғам.*
*Салои обу ранг аз равнақи корам чӣ мепурсӣ?*
*Шабистони фироқам, шоми ҳаҷрам, олами доғам.*
*Зи гардун шиква оғозам, ба Маҷнун шарҳи ғам созам,*
*Хаданги новаки оҳам, рафеъ аз марҳами доғам.**
*Гули боғи карамро з-оби эҳзон тоза медорад,*
*Карими хони ҷудам, қаҳрбонам, Ҳотами доғам.*
*Фаромӯшам, зи лавҳи хотири соҳибдилон дурам,*
*Ғубори кулфатам, маҳви хаёлам, маҳрами доғам.*
*Зи ман гар Хизр оби зиндагӣ хоҳад, сазовор аст,*
*Муҳитам, Даҷлаам, баҳри ҳаётам, Замзами доғам.*
*Намудам қатъи сайри водии озодагӣ, Маъдан,*
*Сулаймонам, сарангуштам, нигинам, хотами доғам.*

---

* Дар "Гулшани адаб" "рафеи марҳами доғам" омадааст.

* * *

*Зи ҷӯши беқарорӣ шабнамосо нест тамкинам,*
*Кадомин субҳ, ё раб, бар узори лола биншинам?*
*Агар сад меҳру маҳ бар зулматам резад, на з-он шодам,*
*Бад он нозам, ки гардад барқи ҳуснаш шамъи болинам.*
*Шудам то масти ҳайрат аз нигоҳи фитнаошӯбаш,*
*Ба ранги бода набвад дар хуми афлок таскинам.*
*Қаландаримтисолам дар сулуки маъзаратхоҳӣ,*
*Ба базморои маҳшар сураи ишқ аст талқинам.*
*Бас аз озодатабъиҳои эҷодам тамошо кун,*
*Чу гулмеҳи қаноат дар кафи чарх аст Парвинам.*
*Ҷунунатворият дар рақс дорад гоҳ дар тамкин,*
*Ҳамеболам зи ҷӯши раъша, илло ҳайратойинам.*
*Чу аз куфрам физояд обрӯе аҳли имонро,*
*Ҳазорон гавҳари тавҳид дорад қулзуми динам.*

*Шаҳиди ханҷари оҳи надомат дастгоҳонам,*
*Саропо ҳамчу миҷмар пунбаи доғ аст такфинам.*
*Димоғи сомеъон аз накҳати маънӣ шавад равшан,*
*Дар он маҷлис, ки Маъдан, гул кунад ашъори рангинам.*

* * *

*Дар ин раҳ умрҳо шуд саъйи болафтодаи розам,*
*Надонам то куҷо ором гирад авҷи парвозам.*
*Зи гардун мояи ҷамъияти дил хостам, охир,*
*Ки ҳайрат бар сари хони таманно сӯхт оғозам.*
*Ба икроми фалак хушдил наям дар олами ғафлат,*
*Физояд кулфатам, даврон кунад ҳарчанд эъзозам.*
*Насиби дорубори фақр будам шоҳиди давлат,*
*Қазо нақши нигиносо ба шӯҳрат дошт дамсозам.*
*Найӣ аз тирабахтӣ он қадар омодаи ҳасрат,*
*Саводи лайламу ойинадори субҳи эъҷозам.*
*Кафи хоки залилам, рутбаи озодагӣ дорам,*
*Масеҳо нестам, бо кибриёи чарх пардозам.*
*Нафас дар сина аз поси тааммул об шуд, Маъдан,*
*Ҳарифи дардаму бо нола якранг аст овозам.*

* * *

*Маҳви эҷодам, гули боғи баҳори кистам?*
*Ин қадар аз хеш дурам, дар канори кистам?*
*Умрҳо шуд, гоҳу гаҳ аз дида мерезам сиришк,*
*Чашм дар роҳи кӣ дорам, интизори кистам?*
*Сар ба бозӣ додаму чун гӯй воқиф нестам,*
*Др хами чавгони зулфи тобдори кистам?*
*Сӯхтам аз бедилӣ чун шамъ аз фонуси оҳ,*
*Пунбаи доғи киям, оташузори кистам?*
*Доягӣ кардан ба вазъи ҳайратам маҳбуб нест,*
*Пас, наям воқиф, ки тифли ширхори кистам?*
*Нисбати беҳосилӣ з-ин чархи афсун хостам,*
*Шаш ҷиҳат вобастаи тадбири кори кистам?*
*Дар таҷаллигоҳи суратхонаи миръоти ишқ,*
*Гарчи Мансурам, намедонам, дучори кистам?*
*Оташам гул кард, Маъдан, дар дукони орзу,*
*Ин қадар дар яъс месӯзам, шарори кистам?*

---

* Дар дастхат «ки чанд» омадааст.

* * *

*Нашуд маълуми фитрат сархати таъмири эҷодам,*
*Адофаҳми рамузи ин муаммо нест устодам.*
*Асар гум карда оҳам дар замири корфармоӣ,*
*Ҳамоно аз нифоқи теша дилгир аст Фарҳодам.*
*Ба ваҳшихӯрдагони дашти имкон миллате дорам,*
*Ки чун гарди гизолон дар ҳавои маҳмили бодам.*
*Сари мӯе тахаллуф дар ниҳоди ман намегунҷад,*
*Ба он нозофаринон бандиам, ҳарчанд озодам.*
*Пари парвози ман дар ошёни байза буд, он ҷо*
*Ҳавои завқи болафшонии ман дошт сайёдам.*
*Надидам ҷуз саводи нақши пое, к-андар ин маҳмил,*
*Чу фарёди ҷарас дар маърази аҷз аст Фарҳодам.*
*Шаҳиди қатлгоҳи қисматам, аммо аз ин гофил,*
*Ба дасти ноқабулӣ аз чӣ домангир ҷаллодам?*
*Ба ин оташмизоҷӣ гофил аз даврон наям, Маъдан,*
*Мабодо гармии айём бигдозад чу фӯлодам.*

* * *

*Ҳавас таъмири улфат гашт, ман бетоб гардидам,*
*Ки ҳар ҷо нола дар таҳрик шуд, мизроб гардидам.*
*Ба заъфи дил чӣ маҳрам саъйи ботил дар салоҳ орад?*
*Нафас як панҷа дар кофур зад, бетоб* гардидам.*
*Қиёмат муждаи нашр аст, таъбири** дигар дорад,*
*Ки гафлат ҳар куҷо бедор шуд, ман хоб гардидам.*
*Адам дар шаҳри ҳастӣ дошт эҷоди башар ин ҷо,*
*Чу нақше саҷда бар кошонаи меҳроб гардидам.*
*Ба таъмири чӣ суратхона, ё раб, сахт печидам?*
*Ки ҳамчун сурма бар миҷгони ҳайрат об гардидам.*
*Амал шерозаи домони фитрат чок зад, ман ҳам,*
*Чу мӯ дар қаъри оташ сӯхтам, қуллоб гардидам.*
*Тараннум сархати озодаи шӯҳрат бувад, Маъдан,*
*Ба хомӯшӣ нафас duздидаму ноёб гардидам.*

---

* Дар "Файзи осор" "симоб", дар дастхатҳо "бетоб" омадааст.

** Дар як дастхат "таъбир" ва дар дигаре "таъмир" омадааст.

* * *

*Шабе дар ҳалқаи қонуни ҳасрат буд овозам,*
*Раҳи шафқат кадомин нола мебинмуд овозам.*
*Ба ҳар маҳфил, ки мизроби муҳаббат соз мегардид,*
*Ба ёди ҳуққаи лаъли ту меафзуд овозам.*
*Ба зикри хайр ҳар ҷо во намудам мӯҳри хомӯшӣ,*
*Нафас дар сина гар аз заъф мефарсуд овозам.*
*Ба ашёи ҳақиқат нашъаи зотам, чӣ мепурсӣ?*
*Чу барқ аз ҳой-ҳойи гиря шуд мавлуд овозам.*
*Ду олам дар вуҷудоти адам ҳаргиз намегунҷад,*
*Чӣ меҷӯяд ба сайри олами мавҷуд овозам?*
*Сазовори кадомин дард бошад охири корам,*
*Намеояд зи тоқи саҷдаи маъбуд овозам?*
*Кашӣ теғи нигаҳ ҳарчанд густохона бар қатлам,*
*Барояд аз ниҳоди сина шавқолуд овозам.*
*Ба субҳи ҳашр, Маъдан, з-ихтилоти сур бархезад,*
*Ба гулбонги заламно аз дари маъбуд овозам.*

* * *

*Ба ҳар маҳфил, ки аз ҷайби хамӯшӣ сар баровардам,*
*Забони шиква бар Ҷамшеду Искандар баровардам.*
*Зи ваҳдат касратам афзуд, гаштам доғи худбинӣ,*
*Шикастам ҷом, ҳам ойина аз ҷавҳар баровардам.*
*Зи нӯшонӯши дунё талх шуд коми мазоқи ман,*
*Мазидам ширу хун аз синаи модар баровардам.*
*Ба ранги ришта логар гаштаму бар хеш печидам,*
*Шудам борику худро аз дили гавҳар баровардам.*
*Аду бархост, то теғи фароғат бар ман андозад,*
*Чу шамшери Алӣ мағзи сари кофар баровардам.*
*Нами обе, ки аз тӯфони ашкам бар замин ояд,*
*Яқинам шуд, ки об аз чашмаи Кавсар баровардам.*
*Шарорам шӯълазан аз болиши боли самандар шуд,*
*Ба ҳасрат сӯхтам, дуд аз дили миҷмар баровардам.*
*Саводи шом бо субҳи таманно созише дорад,*
*Ба когаз то сиёҳӣ рехтам, дафтар баровардам.*
*Зи бадмастӣ ҷунунам ёфт, Маъдан, рамзи огоҳӣ,*
*Гиребончок худро аз сафи маҳшар баровардам.*

* * *

***Муҳаббат оташафрӯз асту ман чун миҷмари ишқам,***
***Зи оҳи хеш месӯзам, шарори ахгари ишқам.***
***Ғуборам дархури парвона дорад ҷавҳари ҳиммат,***
***Зи нархи кимё мумтоз шуд хокистари ишқам.***
***Ба гардун мерасонад болиш аз парвози иқболам,***
***Чу анқо аз қаноат соз шуд болу пари ишқам.***
***Ман он тифлам, ки бунёде надорам дар риёзи дил,***
***Ки дар овони ҳасрат зода гӯё модари ишқам.***
***Манофеъ кай бувад саъйи атиббо бар миҷози ман,***
***Ба сандал эҳтиёҷам нест, ман дарди сари ишқам.***
***Мароми офият аз ман ситонад Вомиқу Маҷнун,***
***Ба аҳкоми ҳукумат* шаҳриёри кишвари ишқам.***
***Зи ҳастӣ то адам аз шаш ҷиҳат озодаам, Маъдан,***
***Зи файзи олами эҷод бошад ҷавҳари ишқам.***

* Дар дастхати Тошканд *ҳукумат* ва дар дастхати Понғоз *ҳикмат* омадааст.

* * *

***Амири маҳмили лайливашонам, бор мебандам,***
***Пушаймонӣ бувад сармояам, бекор мебандам.***
***Ба дил пайвастаам сарриштаи зулфи сумансое,***
***Ба тарсозодае дин додаму зуннор мебандам.***
***Аналҳақ аз тақозои каломам барнамеояд,***
***Чу Мансурам, ки гардан бар таноби дор мебандам.***
***Нафас дуздидаму гул кард авзоам дар ин гулшан,***
***Чӣ сон мӯҳри хамӯшӣ бар лаби изҳор мебандам?***
***Ман он мурги хушилҳонам, ки дар субҳи таманнояш,***
***Ба оҳанги таранум нола бар минқор мебандам.***
***Забон дар ҳарзаю дил дар фазои олами дигар,***
***Зи кирдори мухолиф лаб ба истиғфор мебандам.***
***Видои умр ҳангоми раҳилу шоми навмедӣ,***
***Ба дӯши орзу бори тамаъ бисёр мебандам.***
***Тараннум сархати ворастагии дил нашуд, Маъдан**,***
***Иқомат пур шуду рахти сафар ночор мебандам.***

** Дар дастхати Тошканд ин мисраъ ба таври зайл омадааст:
Сари савдои ҳастӣ муддаои дил нашуд, Маъдан,

* * *

*Ба фикри ҳастият ақл аз таҳайюр маҳву фитрат ҳам,*
*Ки дар кунҳи сифоти ҳукм дар аҷз аст, ҳикмат ҳам.*
*Вуҷудоти ду кавн аз ҷоми имкон нашъае дорад,*
*Бувад зотат муназзаҳ аз саводи ҷисм, сурат ҳам.*
*Ба як маҳфил фузудӣ дар мақоми куфр имонро,*
*Ба кӣ ихроҷ кардӣ аз ниҳоди куфру ваҳдат ҳам.*
*Саводи домани шаб сӯхтӣ, к-аз оташи анҷум,*
*Намудӣ аз гиребони саҳар, субҳи саодат ҳам.*
*Зи амвоҷи талотум ҳифз кардӣ покбинонро,*
*Шикастӣ равнақи ботилпарастони залолат ҳам...**

---

* Тахаллус нест ва ё байте афтидааст

* * *

*Ҳама арзу матлаби ман туӣ, зи кадом собиқа дам занам?*
*Ҳама ҷо зуҳури муайян, чӣ ба тавфи Каъба қадам занам?*
*Чапу рости шаш ҷиҳат орзу нарасад ба маърази ҷустуҷӯ,*
*Чӣ саҳфа дар назар оварам, чӣ нависам, чӣ рақам занам?*
*На ба айши соғар моилам, на зи яъс хам шуда пайкарам,*
*Сари бе танам, тани бесарам,*
*чӣ шикоят аз маи Ҷам занам?*
*Мани мурғи сайд раҳнишинам, қафасат олами офият,*
*Сари аҷз дар бари дил ниҳам, ба ҳавои боми ҳарам занам.*
*Чӣ қадар шукӯҳи ҷафо кашам, зи кӣ*
*ифтихори вафо кашам?*
*Магар** аз алоиқ по кашам, ки вуҷуди худ ба адам занам?!*
*Мани Маъдан паи коми худ, хиҷилам зи ҳарзахироми худ,*
*Чу нигин зи шӯҳрати номи худ*
*маи ҷом бар сари Ҷам занам.*

---

** Дар дастхати Тошканд ба ҷойи калимаи "магар" калимаи "дигар" омадааст.

* * *

*Илоҳӣ, бар туроби равзаи ҳазрат яқинам кун,*
*Чу фаррошон ба фарши остонаш ҷонишинам кун.*
*Видои умр ҳангоми раҳил ин орзу дорам,*
*Ба уммеди каромат соили султони динам кун.*
*Дар ин олам гунаҳпарвардаи деҳқони исёнам,*
*Ки фардо аз зурооти шафоат хӯшачинам кун.*
*Ба вазъи назъ ҳам аз зиштии афъол метарсам,*
*Раҳимо, аз тараҳҳум раҳм бар ҷони ҳазинам кун.*
*Бувад рӯйи сиёҳ, мӯйи сафедам тӯҳфа бар кӯят,*
*Ба шарти аҳди аввал некномӣ бар нигинам кун.*
*Дар он водӣ, ки дар роҳи хиҷолат сар фароз орам,*
*Ки туғрои саодат сархати лавҳи ҷабинам кун.*
*Агар аз изтироби дил ба қавми дигар омезам,*
*Зи хайли умммати Аҳмад шафеъузмузнабинам кун.*
*Кафи хоки залилам, лек Маъдан, чашми он дорам,*
*Ки аз дарёи раҳмат об ҷорӣ бар заминам кун.*

* * *

*Шикан ранги таассуф шиква аз бунёди Маҷнун зан,*
*Ту хуш бишнохтӣ, дар пардаи асрор нохун зан.*
*Дар ин водӣ матое ҷуз пушаймонӣ намебошад,*
*Биё, эй корвон, з-ин кӯҳнаманзил хайма берун зан!*
*Агар аз шуғли дунё ком мехоҳӣ, маҳол аст ин,*
*Ки мегӯяд калиди ҳирс дар домони Қорун зан.*
*Набахшад ҷуз кафи афсӯс гетӣ ҳосили корат,*
*Бихӯр заҳри қаноат, теғи истиғно ба гардун зан.*
*Ба ҳикмат дар тилисмоти тааллуқ пой дар гилзор,*
*Ба ин вобастагиҳо таъна бар кори Фалотун зан.*
*Ба файзи субҳ аз кайфияти осори навмедӣ,*
*Машав ғофил, чу меҳр аз шоми фурқат ғӯта дар хун зан.*
*Тиҳидастӣ ҳиҷоби роҳи қурбат кай бувад, Маъдан?*
*Биафшон домани дил, хок бар чашми Фаридун зан.*

* * *

*Зи тоби оразат дар дида месӯзад нигоҳи ман,*
*Кадомин шуъла, ё раб, оташ афрӯзад ба роҳи ман?*
*Вуҷуди ҳайратам, дар печутоби аҷз мечинам,*
*Нафас чун сайди ваҳшат низ мегардад гуноҳи ман.*
*Сипеҳр аз партави рӯи ту менозад аз ин гофил,*
*Барояд аз танӯри сина берун дуди оҳи ман.*
*Ба найранги Фалотун рафтаму нохун сияҳ кардам,*
*Надонистам, ки ҳайрат бишканад зарфи кулоҳи ман.*
*Ба сони сурма дар пироҳани оина мерақсам,*
*Мабодо арзи матлаб бар адам резад гиёҳи ман.*
*Дил аз табъияти асбоб фориг нест метарсам,*
*Ки охир дар уқуди заҷр гирад подшоҳи ман.*
*Чӣ даъво дар ҳузури мазҳаби ман дар салоҳ афтад,*
*Ки аз мӯе миёни шир мебандад габоҳи ман?*
*Шукӯҳи фақрам ошӯби қиёмат дар багал дорад,*
*Ду олам дастгоҳи хеш пиндорад сипоҳи ман.*
*Нафас вирди муҳити ихтиёри худ наям, Маъдан,*
*Ки гаввоси маонӣ аз чӣ мепурсад гуноҳи ман?*

* * *

*Сар фурӯ бурдам ба ҳайрат, рафт хоб аз чашми ман,*
*Давлати бедориям шуд комёб аз чашми ман.*
*Баски чун парвона яъси мотами худ доштам,*
*З-ин хиҷолат мечакад чун шамъ об аз чашми ман.*
*Аз саводи сояи миҷгони худ рам кардаам,*
*Мебарад чашми гизолон изтироб аз чашми ман.*
*Сояи миҷгон бувад садди раҳи наззораам,*
*Кист бардорад дар ин маҳфил ҳиҷоб аз чашми ман?*
*Дар фироқи шамъи рухсораш зи ашки гармрав,*
*Хуни дил ояд бурун ҳамчун кабоб аз чашми ман.*
*Баски з-он лабҳои шаккаррез лаззатпарварам,*
*Мечакад чун ашк яксар шаҳди ноб аз чашми ман.*
*Меравад сели сиришкам, Маъдан, аз сӯзи ҷигар,*
*Хонаи обод хоҳад шуд хароб аз чашми ман.*

* * *

*Зи қайди мову ман бигсил, сари озодагӣ во кун,*
*Таъаллуқ душмане дорӣ, ба ислоҳаш мадоро кун.*
*Мутеи ҳотами дил соз шаҳристони ваҳдатро,*
*Кулоҳи хисравӣ бар сар неҳу оҳанги ҳайҷо кун.*
*Ҷаҳон пур манзили дог асту натвон зистан шодон,*
*Ки ашкафшонии шабнам дар ин гулшан тамошо кун.*
*Ништангезии имрӯз фардо ҳасрате дорад,*
*Сари ангушти ҳайрат бар кафи афсӯси фардо кун.*
*Аз ин майли қафас, Маъдан, бихоҳӣ ошёни факр,*
*Ба парвози тааммул ҷо ба огӯши Масеҳо кун.*

* * *

*Эй аз табассум карданат гул раста бар рӯи замин,*
*К-аз накҳати он гул бувад осуда дилҳои ҳазин.*
*Ёқути лаълат қути ҷон, омезиши рӯҳу равон,*
*Бар саҳфаи кӯҳли ҷаҳон мушкинхатат нозофарин.*
*Аз сайри саҳрои адам вораста, эй кони наим,*
*Бар Ясрибу Батҳо қадам бинҳодӣ чун нақш аз замин.*
*Дар размгоҳи муддаӣ, бозуи исломат қавӣ,*
*Бишкаста ҷоми хисравӣ Ҳушому Бӯҷаҳли лаин.*
*Гул карда моҳи ховарӣ исботи розӣ сарварӣ,*
*Бар даъвии пайғамбарӣ нури рисолат бар ҷабин.*
*Дар хилвати рӯҳониён гардида рамзе дар миён,*
*Бар ҳалқаи ҳафт осмон во карда даст аз остин.*
*Шаҳбози авҷи кибриё, мавқуфи сирри ухфиҳо,*
*Ҳон, эй расули муҷтабо, ороста коми яқин.*
*Он ҷо, ки лаъли тавсанат бар зураи улё нишаст,*
*Дар ҷодаи номаҳрамӣ вомонда Ҷибрили Амин.*
*Эй луҷҷаи эҳсони ту уммедворонро умед,*
*Дар партави алтофи ту матлуб ҷонҳои ғамин.*
*Бо ин табаҳкорӣ наям қавме, ки тарсад аз гуноҳ,*
*Зеро ки авсофи туро донам шафеъулмузнабин.*
*Маъдан, ҳуҷуми маъсият фардо бубинӣ рӯзи ҳашр,*
*Бадри ҳидоят дар бағал, Рахши шафоат шеби зин.*

* * *

*Эй бурда аз сунбул гарав гесӯи анбарсои ту,*
*Мушк аз хиҷолат об шуд чун нофа дар аъзои ту.*
*Аз қоматат сарви сиҳӣ то ёфт рамзи огаҳӣ,*
*Бар хок зад паҳлӯ тиҳӣ, афтода зери пои ту.*
*Тӯбӣ зи рафторат хиҷил, шамшод маҳву обу гил,*
*Сад ҷӯйбору Салсабил аз қатраи симои ту.*
*"Тоҳо" зи ҳуснат як варақ мебурд аз ораз сабақ,*
*Тифли дабистони насақ доманкаши тугрои ту.*
*Нӯҳ тоқи гардун манзарат, хуршеду анҷум чокарат,*
*Пайки башорат ёварат, қурби таоло ҷои ту.*
*Саррофи кони маънавӣ, эй дину миллатро қавӣ,*
*Ҳам волию ҳам мавлавӣ маст аз маи минои ту!*
*Базли ту аз хуни ҷигар, хайрултаоми моҳазар,*
*Тафсири мо зогалбасар з-он наргиси шаҳлои ту.*
*Набвад зи гам афсурдае, раҳ сӯи ҳиҷрон бурдае,*
*Чун ман шабохунхӯрдае дар маҳмили савдои ту.*
*Маъдан, чӣ таҳрир оварӣ, наъти Расули Ҳошимӣ,*
*Тарсам, ки дар аҷзаш фитад килки сухан бар рои ту.*

* * *

*Манам он гуле, ки шукуфтаам зи насими субҳи лиқои ту,*
*Ҳама хун шуда пайкарам, нарасидаам ба ҳавои ту.*
*Ман аз ин ҳаваскада чун расам ба сулуки манзили огаҳӣ,*
*Ҳама тан шарораи гафлатам, на дилам*
*муқайяди санои ту.*
*Макаш, эй қалам, хати офият, бинигар саҳифаи хотирам,*
*Ки мабодо аз варақам чакад ба ҳавои ҳукм ризои ту.*
*Намак зи ҳуққаи лаъли ӯ чӣ шавад ба марҳами реши ман,*
*Ки фишорат аз раҳи имтиҳон ба илоҷи фикре давои ту?*
*Зи ҳавои олами обу гил шудаам чу аҳли ҳавас хиҷил,*
*Нигаҳ бастаам аз ҳама ину он, магар он ки ҷон атои ту!*
*Дили Маъдан, эй бути сангдил,*
*машикан ба санги ҷафо, ки ҳаст*
*Чу найи шикаста, намепазад шакаре зи рамзи садои ту.*

* * *

*Ду карими олиҳиммат, бод давлат ёри ӯ!**
*Ҳар куҷо рӯ оварад, равнақ пазирад кори ӯ.*
*Бо нишоти комронӣ дар баҳори зиндагӣ,*
*Дар гулистони тараб гул сар кашад аз хори ӯ.*
*Тоҷирони ҳафт иқлим, маҳмилороёни даҳр,*
*Орзуманди тамошои сари бозори ӯ.*
*Худ нишаста бар сиёсатгоҳи ӯ чун мӯҳтасиб,*
*Ку гунаҳкоре, ки овезад қазо бар дори ӯ.*
*Тӯқсабою Тӯра он ҳарду ҷавонмарди карим,*
*Гашт машҳури вилоят мазҳари осори ӯ.*
*К-андарин мисраъ ду тори ҳ аст яке ҳарфи о**,*
*Шуд муқаддар рисқи мардум ғаллаи бозори ӯ.*

* * *

*Ба ту шарҳи гиря баён кунам,*
*ба канори дида биё, шунав,*
*Сари дарди номаи мо кушо, рақам зи арзи мо шунав.*
*Зи нишоти бесару поят агар ин муомила орзуст,*
*Бирав, эй, зи Маҷнун асар талаб,*
*ғами мустамандии мо шунав.*
*Ба мисли шаҳаншаҳи оламе, ки мусаххар ба ҳукми туст,*
*Ба фарози маснади муодилат бинишину*
*мадҳи гадо шунав.*
*Агар аз хамӯшии вазъи мо ба табиат халале расад,*
*Дари бенавоии мо бизан, ҳама гӯш карда наво шунав.*

*Чӣ ҳавас гузидаи манзиле, ки фузуда майли ғофилӣ,*
*Ҷарасе зи ноқаи дил бинеҳ, ту ба раҳе дарою даро,*
*шунав.*
*Ки бисоти ин фалак дун ба намуданаш хушдилӣ,*
*На ту мониву на ман, эй фақӣ, ба адам нигар,*
*ту қафо шунав.*
*Бикушой, Маъдани нотавон, сару гӯшу дидаи имтиҳон,*
*Бишитоб аз паи корвон, ту хурӯши қофилаҳо шунав.*

---

* Ба ташкилкунандагони бозори Понғоз Тӯраю Тӯқсабо бахшида шудааст.
** моддаи таърих

* * *

*Саре дорам чу Маҷнун дар раҳат гум карда сомоне,*
*Диле дорам зи ҳайҷои маломат хӯрда чавгоне.*
*Шикастам дар раҳи беимтиёзӣ шишаи фитрат,*
*Ба чашми ҳар кадом ин сабза месӯзад хиёбоне.*
*Шарори оташи гардун, муҳибо, сӯхт маъзурам,*
*Бад-ин доғам, ки як дил дораму чандин ҳаросонӣ.*
*Саводи ғам кунад маъмураи мулки вуҷуди ман,*
*Дар ин кишвар муборак бод, ё раб, адли султонӣ!*
*Бувад умре барои матлаби ноёб манзурам,*
*Ба ранги дидаи ойина дорам чашми ҳайроне.*
*Чу мӯ пайваста арзи муддаои хеш меҷӯям,*
*Ба сарвақтам наёмад к-аз раҳи шафқат Сулаймоне.*
*Хиҷолатпарварам аз накбати авзои худ, Маъдан,*
*Нашуд чун кулбаам аз равғани маънӣ чароғоне.*

* * *

*Эй зи савдоят ду олам маҳви як овозае,*
*Орзу во карда дар оғӯши дил хамёзае.*
*Риштаи умрат, ки дур аз сӯзани идрок нест,*
*Дар баёзи синаи худ бастаам шерозае.*
*То ба сар тире ба хун болида бар ҷонам нишаст,*
*К-аз раҳи ҳар нолаам гул кард доғи тозае.*
*Мову Маҷнун дар саводи сояи ғам хуфтаем,*
*К-аз найи ҳасрат қазо афрошт бар мо козае.*
*Дар ҷунунободи ҳасрат сахт дилгирам чу шамъ,*
*Сӯхтам чандон, ки дидам зулми беандозае.*
*Қиблаи суратпарастон баски Маъдан, рост нест,*
*Саҷда меорам ба тоқи маҳваши таннозае.*

* * *

*Фурӯғи ҳусни матлаб рехт дар ойина симое,*
*Нигаҳ дар чашми ҳайрат об шуд баҳри тамошое.*
*Ба як миҷгон кушудам, ҳамчу шабнам об гардидам,*
*Аҷаб дорам, ки аз худ ин қадар рафтам ба имое.*
*Дар ин ваҳшаткамини ҷилвагоҳи маҳфили узлам,*

*Чу субҳ аз хандаи хуршед дорад лагзиши пое.*
*Сабақгумкардаи тифли дабистони ҷунунҳашрам,*
*Ба тасвири қиёмат ёфтам нақши муаммое.*
*Қафасгири ҳубобам, нест имкони бурун рафтан,*
*Иқомат он қадар во монд, маҳбубам ба дарёе.*
*Ба миҷгони тахайюл ранги улфат метавон чидан,*
*Саре ҳар ҷо инонтоб аст, дорад шиша саҳбое.*
*Ба ин вақте шарорам дар димоғи санг месӯзад,*
*Кашад, Маъдан, раги андешаам мағзи тақозое.*

* * *

*Ёфт аз тири нигоҳат ин дили мо баҳрае,*
*Ҳамчу беморе, ки гирад аз мудово баҳрае.*
*Мо саҳоби гиря бар мижгони найсон бастаем,*
*Аз сиришки дидаи мо ёфт дарё баҳрае.*
*Аз фалак баҳри суҷудат* бар замин омад нузул,*
*Аз лаби лаъли ту гирад то Масеҳо баҳрае.*
*Ҳусни ҳар сурат дар ин ойина нисбат додаанд,*
*Мебарад ҳар дида бар қадри тамошо баҳрае.*
*Мо ғубори ҳастии худро ба бод афшурдаем,*
*З-устухони судаи мо ёфт анқо баҳрае.*
*Ҳосили кори ду олам бар кафи афсӯс нест,*
*Кист бардорад аз ин беҳосилиҳо баҳрае?*
*Монд дар қайди тааллуқ, Маъдан, аз ворастагӣ,*
*Эй басо ғофил, ки меҷӯяд зи дунё баҳрае.*

* * *

*Ба дашти умр қайди зиндагӣ дом аст, пиндорӣ,*
*Дар ин водӣ хиромат лағзиши гом аст, пиндорӣ.*
*Машав суратпарасти анҷуманорои ҳар маҳфил,*
*Ки дафтарҳои олам шӯҳрати ном аст, пиндорӣ.*
*Сабӯи дил шикан, паймони истиғно ба даст овар,*
*Ғурури иззу ҷоҳат бодаи ҷом аст, пиндорӣ.*
*Мабар ранҷи тааллуқ баҳри анҷоми кӯҳансолӣ,*
*Ҷавонӣ муғтанам як фурсат айём аст, пиндорӣ.*
*Равӣ ҳар ҷо, қадам оҳиста мону поси хотир кун,*
*Ба зери ҳар қадам сад шайхи ислом аст, пиндорӣ.*
*Агар ворастаӣ, зан таъна бар Ҷамшеду Искандар,*

*Матои дунявӣ ойинаи ҷом аст, пиндорӣ.*
*Дар ин гулшан машав аз омаду рафти нафас гофил,*
*Сафедиҳои* мӯят хатти эълом* аст, пиндорӣ.*
*Чу шабнам бар сари мижгони субҳ омодаӣ, Маъдан,*
*Чакиданҳо ба ёди мотами шом аст, пиндорӣ.*

* * *

*Лаби майгуни ӯ то бар лаби согар кунад бозӣ,*
*Қиёмат ҳамчу субҳ аз домани маҳшар кунад бозӣ.*
*Ғубори майпарастон дар хумори бода мерақсад,*
*Аҷаб, гар хуни ошиқ бар дами ханҷар кунад бозӣ.*
*Дил аз баҳри тапидан об шуд, бо дида мегӯяд:*
*"Занад дарё талотум, мавҷ болотар кунад бозӣ".*
*Зи боли нотавонӣ монеи парвози имконам,*
*Ба чашми ошён чун шӯъла дар миҷмар кунад бозӣ.*
*Набинад обу ранги сӯҳбати гул дар ҳаво рӯшан,*
*Зи гулшан ранги фурсат чанд бар бистар кунад бозӣ?*
*Сарам тоҷи каромат к-аз бади гардун намехоҳад,*
*Чу гофил аз гурури болиши афсар кунад бозӣ.*
*Ба ин нозукхиромӣ, Маъдан, аз худ ин қадар рафтам,*
*Ки тифли хомаам дар кӯчаи мистар кунад бозӣ.*

---

* Дар "Гулшани адаб" "суҷудам, сафедиҳо, эълом" ва дар "Файзи осор" "сапедиҳо, аълом" омадааст.

* * *

*Эй боди субҳ, овар аз зулфи ёр бӯе,*
*Дорам ба махзани дил сад гуна орзуе.*
*Дар гулбуни хаёлам гул карда ин таманно:**
*"Манзури ёр бошам як лаҳза рӯ ба рӯе".*
*Хокам ба раҳ гузорад* бо ин умед шояд,*
*Аҳволи хеш дорам маъзур мӯ ба мӯе.*
*Берун хирому бугсил* аз уқдаи тагофул,*
*То кай ба рагм* ошиқ бедоду тундхӯе?*
*Бигзашт моҳу солам дар изтироби шавқат,*
*Рӯзона дар такопӯ, шабҳо ба ҷустуҷӯе.*

*Аҳду вафо гузидам бо муршиди харобот,*
*Ё бода сер нӯшам, ё бишканам сабӯе?*
*Аз нуқта дур фишонад, хоҳам ҳамин тақозо,*
*Дар мақтали асирон "-Маъдан куҷост?!" гӯӣ.*

---

* Дар нусхаи дигар "дорам ҳамин таманно", дар дастхатҳо "дар гулбуни хаёлам, гул карда ин таманно" омадааст.

** Дар "Файзи осор" "хокам ба раҳгузораш", дар дастхат "гузорад" омадааст.

*** Дар "Гулшани адаб" бигсил, зулми, нутқ омадааст.

# ҚАСОИД

*Ё раб, ба шукри он ки сифоти ту аз сано,*
*Дарёфтам зикри ту дар арсаи вало.*
*Мақсуд з-офариниши сунъи ту з-обу гил*
*Омад зуҳури оламу одам ба интиҳо.*
*Як шева аз таронаи ҳукми ту лутфи қаҳр,*
*Обу азобу эминати киштӣ дар ҳаво.*
*Ё раб, ба ҳаққи макрамату ҳиммати Халил,*
*Ё раб, ба ҳаққи Забеҳулло барӣ ризо.*
*Ё раб, ба ҳаққи нолаи Яъқубу дарди ӯ,*
*Ё раб, ба ҳаққи Юсуфи Сиддиқи иззи ҷоҳ.*
*Ё раб, ба ҳаққи манзалати Юшаъи Шуайб,*
*Ё раб, ба ҳаққи гиряи Яҳёю Закариё.*
*Ё раб, ба ҳаққи моидаи Марями Масеҳ,*
*Ё раб, ба ҳаққи рози Калим аз раҳи дуо.*
*Ё раб, ба ҳаққи он ки ду кавн аз туфайли ӯст,*
*Ё раб, ба ҳаққи нури Муҳаммад Мустафо.*
*Ё раб, ба ҳаққи аҳди Абӯбакри Сиддиқи ӯ,*
*Ё раб, ба ҳаққи Уммару Усмону Муртазо.*
*Ё раб, ба ҳаққи ҷумлаи азвоҷи тоҳирин,*
*Ё раб, ба ҳаққи Фотима он сарвари нисо.*
*Ё раб, ба ҳаққи хуни ҷигарпораи Ҳусайн,*
*Ё раб, ба ҳаққи хорийи мақтули Карбало.*
*Ё раб, ба ҳаққи Қосими Муслим бани Уқайил,*
*Ё раб, ба ранги зарди ятимони бенаво.*
*Ё раб, ба ҳаққи зумраи асҳоби тобеин,*
*Ё раб, ба иҷтиҳоди имомони муқтадо.*
*Ё раб, ба иззати хулафои рошидин,*
*Ё раб, ба ҳаққи софзамирони босафо.*
*Ё раб, ба ҳаққи ҳурмати пирони бошараф,*
*Ё раб, ба эътиқоди ҷавонони порсо.*
*Ё раб, ба ҳаққи савмаашинони покдин,*
*Ё раб, ба ҳаққи гӯшанишинони илтиҷо.*
*Маъдан, ба эътимоди иноёти лутфи туст,*
*Узраш пазиру ҳомии раҳ, шафқате намо.*

# ИМОМИ АҲЛИ АДАБ

*Имоми аҳли адаб, офтоби истигло,*
*Амири уммати аълои анҷуманоро.*

*Баландбиниши бисёрбазли босирабахш,*
*Бузургбахти балобанди бадри бурҷи бало.*

*Тамомтарки такаббур, ба таҷаллии ту об,*
*Таҳамтани тааби теги тоҷири тақво.*

*Сабинсабти самарсоқиби сароби сақаб,*
*Суботи савби сурайё, савоби сано.*

*Ҷалиҷалолати ҷаннат ҷаноби ҷумҷумаҷӯй,*
*Ҷаводи ҷавҳари ҷо, ҷомеъи ҷамъи ҷило.*

*Ҳабиби ҳазрати Ҳақ, ҳомии ҳарими Ҳарам,*
*Ҳакими ҳикмати ҳай, ҳокими ҳисори ҳаё.*

*Хабири хизмати Холиқ, хидеви хиттаи хулд,*
*Хатиби хушхабар, хубхони Халили Худо.*

*Давои дарди дили дардманди дори дарег,*
*Далели дил дар дин, довари диёри дуо.*

*Закои завраќи завқили зокири заввоқ,*
*Заҳини зоҳиқи заввори завби завқи зако.*

*Рафиқи рӯҳи Расули рауфи раббирраҳим,*
*Рақиби рағбати роҳатрасони рӯзи риҷо.*

*Зиёдазеби замон, зоҳиди замонаи зӯҳд,*
*Зудудазанги забуни забони зоҳидзо.*

*Салимсаъди сари сарвари ситорасипоҳ,*
*Сареъсайри субул, сокини сарои сахо.*

*Дусад "Шаҳнома" як иншои бемағз аст дар шонаш.*
*Ҳилолӣ хост зар аз домани хуршед бистонад,*
*Хитоб омад, ки "Эй гардун, ба хоки тира биншонаш!"*
*Зи қавми рофизиву шевае чандон бурун аз ҳад,*
*Сипандорӣ ба Тӯрон дошт рифъат бо дилу ҷонаш.*
*Ду ғаввоси шуҷоат шасти ҳиммат дар каманд орад,**
*Занад дарё талотум, дар хурӯш ояд наҳангонаш.*

* Дар дастхат пасоянди -ро афтидааст.
** Дар "Файзи осор" тахаллуси "Маъдан" омадааст (саҳ.45).

* * *

*Он ҳокими шариат, султони кишвари дин,*
*Меъмори мулки миллат, бурҳони коми тамкин.*
*Бар ҷодаи нубувват будӣ шабе зи танҳо,*
*Бар зери сар ниҳода, хиште ба расми болин.*
*Ҳотиф зи роҳи илҳом "-Бархез!" гуфт, бархост,*
*Бар садри кибриёяш биншонду гуфт: "-Биншин!"*
*По дар рикоби мутлақ, бинҳода дар раҳи ҳақ,*
*Ҷибрил дар инонаш мехонд мадҳи талқин.*
*Бишнав зи осмонҳо гулбонги "Хайра мақдам!"*
*Аз аршу фарши Кайвон, дар сайри ҳар кадомин.*
*Чашмаш ба хоби тақлид, бедордил чу хуршед,*
*К-ӯро бихонд эзид, к-андар сарои иллийин.*
*Мумтоз буд Буроқаш дар саҳри қоба қавсайн,*
*Аз рахнаи самовот барҷаста ҳамчу Парвин.*
*Бишкофт садди маҳҷуб, дарёфт васли матлуб,*
*Аз даргаҳи тақарруб бархост нусрати дин.*
*Бинмуд арзи ҳоҷат, баҳри наҷоти уммат,*
*Қуддусиёни қудрат бикшода дасти омин.*
*Аз луҷҷаи иноят ҳақ гуфт: "-Ё Муҳаммад,*
*К-аз баҳри умматонат кардам биҳишт рангин".*
*З-ин мужда* шоду дилхуш, он марҳами дили реш,*
*Омад ба манзили хеш он ҷо, ки буд сокин.*
*Нуре зи ҳадди зоташ манзур шуд ба олам,*
*З-он нур шуд муайян эмин ба чашми мӯъмин.*
*Умрв чу заҳри қотил будам ба шишаи дил,*

*Наъти ту дар даҳонам чун шаҳд гашт ширин.*
*Бар синаҳои мӯҳтоҷ, к-афрӯхт шамъи минҳоҷ,*
*Қандилҳои меъроҷ то ҳадди Чину Мочин.*
*Дар ҳашру дар қиёмат магзор дар надомат,*
*Маҳрум аз шафоат ё хотамуннабиин.*
*Маъдан, дуруди беҳад баргӯй бо Муҳаммад,*
*Бар насли Оли Аҳмад аз Макка то Мадоин.*

* * *

*Эй рафта шабе бар сари айвони самовот,*
*Воқиф шуда дар роҳи ту айвони аломот.*
*Мулки малаку аҳли самовӣ ҳама гуфтанд,*
*Шуд маҳв ба як шева гуноҳи ҳама уссот.*
*Эй фавқи ҳама хайли набиёни тақаддум,*
*Эй сарвару сардори расулони рисолот.*
*Аввал ба ту эҷод, охир ба ту итмом,*
*Ин мазҳаби батлон ҳама, к-аз басту муҳобот.*
*Идрис, ки дар равзаи ризвон шуда сокит,*
*Хоҳад, зи тақозои каломи ту иҷозот.*
*Умрест, ки Исо ба таманнои ту манзур,*
*Биншаста ба роҳи ту ба умеди мулоқот.*
*Омад ба замин қофиласолори кироме,*
*Бораш ҳама бахшоиши алтофи иноёт.*
*Фардо, ки ниҳад рахт, нишинад ба тавозӯъ,*
*Бозори шафоат сари бозори қиёмот.*
*Бе бадрақа вобастаи зод аст мароҳил,*
*Тай карда мақоми шарафи фазли камолот.*
*Васфи ту ба ташреҳи тасаввуф набарояд,*
*Рамзест ниҳон дар паси миръоти хаёлот.*
*Дархостани ҷурми умам зарраи таҳқиқ,*
*Шуд рафъ кафи дасти дуоят ба муноҷот.*
*Ҳар кас ба ибодоти тақаббул шуда масрур,*
*Маъдан зи тиҳидастии тоат ба хиҷолот.*

* * *

*Эй бурда рӯзи разм шукӯҳи диловарӣ,*
*Бишкаста қалби хасм ба гулбонги ҳайдарӣ.*

*Бахри талоқи хуни адӯ, к-аз вуҷуди ту,*
*Ҳар мӯи ту бадар шуда монанди аждаре.*
*Ғардида сарварон зи атои ту сарфароз,*
*Бо ҳашмату сарвиқор шаҳонро ту сарварӣ.*
*Шоҳони қаблӣ дагдагадорон баъд аз ин,*
*Ҳад нест бо ҷаноби ту созад баробарӣ.*
*Баҳром аз нишоти ту дарёфт баҳрае,*
*К-аз рашк ӯ нишаста зи манзар ба манзаре.*
*Сому Қубод, Хисраву Ҷамшеду Ҷому Ҷам,*
*Маҳкуми ҳукми туст чӣ Қайсар, чӣ қайсарӣ.*
*Шарҳи баҳори адли ту Нӯширвон шунид,*
*Аз хоки ӯ вазид насими ситамгарӣ.*
*Ҳотам нишаста бар сари хони кароматат,*
*Кӯтоҳ кард дасти худ аз суфрагустарӣ.*
*З-иқлими Форс то ҳади Тӯрон ба аҳди туст,*
*Ҳар дайре масҷид аст, ки ҳар беша минбаре.*
*Он кас, ки сар набохт ба роҳат з-инқиёд,*
*Тегат фаро нишаста ба фарқаш чу афсаре.*
*Номуси аҳли ҷуръат, маҳбуби аҳли фазл,*
*Ҳам ифтихори халқу нигаҳдори кишварӣ.*
*Лутфи ту дилнавоз, итоби ту ҷонгудоз,*
*Қаҳри ту хонасӯзу ба ғоят чу маҷмарӣ.*
*Омаст файзбахшии лутфат ба хосу ом,*
*Дар осмони адл ту хуршеди анварӣ.*
*Ҳам аз ситез гардани шерон шикастаӣ,*
*Ҳам бар масофи ҷанг ба шерон мухайярӣ.*
*Сеҳру мусоҳирони залоти сириштаро,*
*Бар дам кашида ҷавҳари тегат чу аждаре.*
*Хатм аст шарҳи хутбаи давлат ба номи ту,*
*Нусрат туро супурда бароти музаффарӣ.*
*Хайли муборизони ту бар дар нишастаанд,*
*Бо уқдаи қабулу ба ёқути аҳмарӣ.*
*Кам нест дар муноқиби шоҳони рӯзгор,*
*Ҳамчун ба аҳди вазъи ту дар бандапарварӣ.*
*Аз рутбаи адолату аҳкоми шаръи дин,*
*Ҳам баргузида назди худованди акбарӣ.*
*Хизри риҷолу зумраи абдоли қутби ҳақ,*
*Дар арсаи масоф диҳад бо ту ёварӣ.*
*Маншури аҳли ҳикмат, манзури аҳли қурб,*
*Рустамдили замонаӣ, солори кишварӣ.*

*Шебу фарози даҳр музайян ба ҳусни туст,*
*Ойинадори чеҳраи моҳи мунавварӣ.*
*Бар хоки муфлисон назаре кардӣ з-он шараф,*
*Гул карда аз нигоҳи ту ойина ҷавҳарӣ.*
*Завракнишини қулзуми мадҳи ту умри мо,*
*Гашта гариқи баҳр ба уммеди гавҳаре.*
*Шояд дурре ба домани мақсуд ворасад,*
*Ман ҳам ба қадри ҳол намоям шиноварӣ.*
*Хуршед дар навоҳии гардун ба номи туст,*
*Бо ин ҳама латофату хубии ховарӣ.*
*Наҷми фалак ба толеи мо эътибор нест,*
*Бар ҷабҳаи мурод ту фархунда ахтарӣ.*
*Ғавси гиёси Хизр муқайяд санои туст,*
*Бо ҳазрати Ҷалолӣ камоли паямбарӣ.*
*Маъдан, ба эътимоди сухан кимиёгар аст,*
*Лутфе намо, ки вораҳад аз кимиёгарӣ.*

* * *

*Эй ҷони дили хаста фидои мутаваллӣ,*
*Бодо сари ман хок ба пои мутаваллӣ.*
*Офтоби замон зуррияи авлоди набианд,*
*Мифтоҳи насаб уқдакушои мутаваллӣ.*
*Бевосита меросбари аъзами динанд,*
*Қутби ду ҷаҳон ҷадди алои мутаваллӣ.*
*Махсус зи файзи шарафи мӯи муборак,*
*Нурест ҳувайдо зи лиқои мутаваллӣ.*
*Дар мартабаи кашфи каромоту камолот,*
*Мумтози машоих хулафои мутаваллӣ.*
*Ҳар файз, ки аз манбаи файёз физояд,*
*Субҳест мусаффо зи сафои мутаваллӣ.*
*Хуршед, ки бар доираи чарх асир аст,*
*Партавзада бар тоқи сарои мутаваллӣ.*
*Соҳибназарон силсиладорони маосир,*
*Хиҷлатзада аз нашъунамои мутаваллӣ.*
*Пиндор, ки саҷҷодаи Иброҳими Зуннун,*
*Тоҳир набувад назди равои мутаваллӣ.*
*Мургони саҳар тазкираи аҳли самовот,*
*Кавнест мушобеҳ ба шои мутаваллӣ.*

*Аз ҳурмати як тори сари мӯи табаррук,*
*Шуд уқд гуҳарбанди қабои мутаваллӣ.*
*Хуни ҷигарат, оҳи саҳарат бурд шабона,*
*Ин аст мадорою гизои мутаваллӣ.*
*Бар ҳазрати ӯ хайли ливоҳо ҳама ом аст,*
*Бар қурбати ӯ хос ливои мутаваллӣ.*
*Ё раб, магусил дар ду ҷаҳон як сари мӯе,*
*Пайванди ман аз аҳду вафои мутаваллӣ.*
*Ранҷури гаму хастаи бемори гуноҳам,*
*Ранҷи ману умед шифои мутаваллӣ.*
*Мӯҳтоҷи карам, соили арбоби каромат,*
*Бебаргу навоям, ба навои мутаваллӣ.*
*Ҳар қатраи шабнам, ки нузулест дар ин бог,*
*Мавҷест зи дарёи ҳаёи мутаваллӣ.*
*Маддоҳи набӣ қобили лафз аст забонам,*
*Маъдан, ману умеди дуои мутаваллӣ.*

* * *

*Зиҳӣ наъли самандат, қиммати тоҷи сари Баҳман,*
*Рикоби тавсанат тавқи Қубоду Хисраву Бежан.*
*На Баҳрому на Доро дар таассубхонаи сурат,*
*Кашад нақши камони ҷуръатат Рустам, на Рӯинтан.*
*Дусад Афросиёб аз хоки Тӯрон сар бурун орад,*
*Зи таслимат Фаридун з-ихтилоти Коваю Қоран.*
*Сикандарваш фузудӣ талъати ойинаи ҳикмат,*
*Задӣ оташ ба бунёди Фалотун, сӯхт чун гулшан.*
*Надидасту набинад чашми даврон зоҳиру ботин,*
*Ба ин сурат камондору камандандозу новакзан.*
*Ба иқболи фалакҳо дар хурӯҷи чарх мегӯянд:*
*"Саною таҳният, ҳам "Боракалло, офарин, аҳсан!"*
*Ба ин чобукинони кист домони ту баргирад,*
*Ки тегат хӯрда об аз согари магзи сари душман?*
*Калими Тӯри даъват, қаҳрбони кишвари ҳиммат,*
*Таҷаллизори зулмат, нурбахши водии Айман.*
*Қавиҳайкал, мубориз, шаҳсавори арсаи давлат,*
*Ҳунар бар пешаи мулки шуҷоат, шоҳи мардафкан.*
*Ту он баҳри муҳитӣ, халқ маргубат ба сон моҳӣ,*
*Чароги мардуми раоё аз ту шуд равшан.*
*Ба эҳсонат чӣ даъво пеш орад Ҳотами Тойӣ,*

*Ки дар аҳдат дирам помол ҳам ганҷина дар бар зан.*
*Ба қадри муддаои ҳар касе бахшоиши дигар,*
*Яке тоҷи камар, баъзе маоши фоқа дар доман.*
*Биҳамдиллаҳ, ба ташрифи қудуми Уммари сонӣ,*
*Ҷаҳон обод, нархи галла арзон шуд ба ҳар хирман.*
*Низоми мулкпирои мусаллам бод султонро,*
*Ки дар аҳдаш тахаллуф нест ҷойиз як сари сӯзан,*
*Кумайти тезгомат то ба чавгонгоҳи ноз ояд,*
*Мусаххар шуд ҷаҳоне бе сипоҳи магфират ҷавшан.*
*Нишастӣ бар сипеҳри адл чун хуршеди анворат,*
*Чарогонӣ ба расми шӯъла урён шуд ба ҳар равзан.*
*Ба алқобат варақ во карда шарҳи сураи "Юсуф",*
*Ки дар хубӣ ҳамеболад ба огӯши ту пироҳан.*
*Ҷалоли ҷоҳи ҳашмат он чи мақруби ту мебинам,*
*Ба тавсифаш чу маҳмил кай тавонам роҳ паймудан?*
*Зиҳӣ, к-аз ноқабулиҳои амрат накбати ҷоҳил,*
*Ба шамшере синони ришта мебандад раги гардан.*
*Ба оҳанги таҷаммул рӯзи ҳайҷоят чӣ мезебад:*
*Кулоҳи хисравӣ бар сар, либоси хуррамӣ бар тан.*
*Баромад ифтихорам аз дами юмни Масеҳое,*
*Шабам шуд субҳу субҳам шуд мусаффо хуштар аз гулшан.*
*Ба арзи макрамат биншаст дар мазмуни таърихаш,*
*Карими "ҷуду бахшоиш"* нависад хомаи Маъдан.*

---

* Моддаи таърих. Соли 1232-и ҳиҷрӣ.

* * *

*Эй аз саводи гардун чун субҳ бурда ҷавлон,*
*Бар маснади саодат биншаста чун Сулаймон.*
*Бар тахти комронӣ масрури нозу неъмат,*
*Дар арсаи шуҷоат сархайли тоҷдорон.*
*З-овозаи шукӯҳат Симурги Қоф магмум,*
*Раҳ бурда бар хазимат ҳам шер аз наистон.*
*Душман зи ваҳми тегат дар водии таҳайюр,*
*Бар хок хун фитода, чун рег дар биёбон.*
*Аз шуққаи ливоят чун сур дар таназзул,*
*Фагфур дар ҳади Чин, Рустам ба мулки Эрон.*
*Ҳамчун ту шаҳриёре эзид наёфарида,*
*Нашнида ҳеҷ гӯше дар зери чархи Кайвон.*

*Баҳри фароғи ишрат ҳар шаб ба кор бурда,*
*Қандили нури ваҳдат то субҳидам чароғон.*
*Адлй ту аз таассуб Нӯширвон гузида,*
*Таббоху матбахи туст Ҳотам ба ҷуди эҳсон.*
*Бо ҳамдамони маҳфил бахшида сарафрозанд,*
*Бо шоҳидони маънӣ гул дода шарҳи унвон.*
*Мамдӯҳи аҳли фитрат, Мансури иззу давлат,*
*Дорои мулки ҳастӣ солори аҳди Ҳоқон.*
*Дар рамзи гӯйи бозу чавгон зи гӯй бурда,*
*Ҳам дар масофи мардӣ аз гӯй бурда чавгон.*
*Бодо ба хоки хорӣ омода рӯзи нусрат*,*
*Бар торики синонат сарҳои подшоҳон.*
*Исо зи чарх гӯяд: "Аҳсанту боракалло!",*
*Мӯсо зи Тӯр хонад таҳлика авн Ҳомон.*
*Дашном шуд ба умрат Симурғи Қоф тазвир,*
*Бар ҳикмати ту оҷиз ҳам Зол дар дабистон.*
*Дар бораи раоё ҳукми ту гашт ҷорӣ,*
*Бар ҷодаи шариат бинмуда роҳи Нӯъмон.*
*Аҳди шабоби риндӣ хуш бод шоҳидонро,*
*Лутф аст дар ҷавонӣ, фазл аст дар баҳорон.*
*Аз рағбати ту монеъ пилони кордида,*
*Дар байъати ту бошад гурдону шаҳсаворон.*
*Наъли саманди нозат шаъни шаҳон шикаста,*
*Эй хоки остонат мақсуди сарфарозон.*
*Таъризи шаҳриёрӣ дар зимаи ту тамкин,*
*Осори мулкдорӣ аз нахвати ту аъён.*
*Эй, бар ҳимояти ту иқболу бахт ёвар,*
*В-эй бар адолати ту табдил меҳри рахшон.*
*Шамшери обдорат аз хуни хасм рангин,*
*Теғи адӯшикорат сар бурда аз сипоҳон.**
*Дарёи ҳиммати ту чун мавҷ дар талотум,*
*Бар ваҳдати ту шомил чун Нӯҳ баҳри тӯфон.*
*Бадри фалак ҷанобат азбаски беҳиҷоб аст,*
*Бигрифта партави ту Фарғона аз Хуросон.*
*Бинмой зӯри бозу чандон, ки баъд аз ин хасм,*
*Дар зиндагӣ нахоҳад оҳанги азми майдон.*
*Дар рӯзгори охир таҳқиқ шуд яқинам,*
*Ғайр аз ту сарваре нест дар қасргоҳи Тӯрон.*
*Васфи ту рост н-ояд дар хомаи ташаррӯъ,*
*Гунҷоише надорад бар лавҳи кавну имкон.*
*Нутқи гуҳарфишонат хушгуру масту солим,*
*Лаъли шакарфишонат ноёб дар Бадахшон.*

***Пеши қади ту тӯбӣ хам гашта аз тавозӯъ,***
***Дорад сари иродат ҳам сарв аз хиёбон.***
***Мадҳи ту дар мунокиб, набвад аҷаб, ки гӯям,***
***Тафриқа нест ҳосил байни гадову султон.***
***Гар сафҳаи саноят аз назм зарфишон аст,***
***Дар махзани сифотат Маъдан зар асту ҳам кон.***

---

* Дар нашрҳои пешин байт дар ҷойи дигар омадааст. Дар дастхат дар ҳамин ҷо омадааст.
* Дар ҷойи дигар овардаанд.
* Ин байтҳо пароканда ва ғалату такрор оварда/баргардонида) шудаанд, ки дар натиҷа гунаҳо пайдо карда, боиси гуногунфаҳмӣ гаштаанд.

Бар ғайбати ту монеъ пирони кордида,
Дар байъати ту бошанд гурдону шаҳсаворон.
Бар аҳли фисқу исён ҳукми ту гашт ҷорӣ,
Бар ҷодаи шариат паймуда роҳи Нӯъмон.
Аз лутфи боргоҳат қадри шаҳон шикаста,
Эй хоки остонат мақсуди сарфарозон.
Кирдори шаҳриёрӣ аз ҷабҳаи ту рӯшан,
Осори мулкдорӣ дар тинати ту пинҳон.
(Арбоби эҳтиёҷанд гардида ғарқи тӯфон).
Хайли диловаронат ҳар як ба шону шафқат,
Искандари замонанд саршори оби ҳайвон.
Аҳди шубобу риндӣ хуш бод шоҳидонро,
Лутфест дар ҷавонӣ, файзест дар баҳорон.
Бодо ба хоки хорӣ афтода пайкари хасм,
Бар тораки синонат сарҳои подшоҳон.

* * *

*Субҳе, ки аз машриқ дамид, он хусрави ззрринкулоҳ,*
*Биншаста гирди тавсанаш чун ҳола дар огӯши моҳ.*
*Тоҷи фалакосои ӯ бар чархи айвон таъназан,*
*Рахши замину осмон дар кӯи нусрат бурда роҳ.*
*Сӯхробваш он навҷавон дар арсаи зӯроварон,*
*Симурги Қофи қурбро афсурда шаҳре ҳамчу коҳ.*
*Сайид амиралмӯъминин, Маҳмуд Умар султони дин,*
*Шоҳаншаҳи рӯйи замин бар мулки ваҳдат подшоҳ.*
*Ҳуснаш таҷаллӣ вонамуд аз партави анвори худ,*
*Шуд бар сари савдои ӯ Юсуф бурун аз қаъри чоҳ.*
*Навбодаи боғи ҷаҳон бархост чун сарв аз миён,*
*Аз растахези ин ҷаҳон, ё раб, амон дораш нигоҳ.*
*Ҳамчун Калим аз ростӣ даъвӣ иҷобат хостӣ,*
*Дар синаи фиръавниён бигзошт сад пайкони оҳ.*
*По дар рикоби орзу бинҳода баҳри ҷустуҷӯ,*
*Ё раб, бубахшо обрӯ дар арсаи ин размгоҳ.*
*Аз боғи бадкешони дун барканда нахл аз беху бун,*
*Субҳи сафои Қирқюз чун шоми олам шуд сиёҳ.*
*Шамъи чароғи шоҳидон, маҳфилтарози олимон,*
*Эй тоҷбахши боризон, мулки имoратро паноҳ.*
*З-иқлими Тӯрон то ба Рус сар дода савти таблу кӯс,*
*Иқболи давлат пойбӯс, ҷамъи раиё узрхоҳ.*
*Дар мавсими мардонагӣ аз ҷоми ғайрат хӯрда май,*
*Бо сад шукӯҳу ҳою ҳай будӣ биёмад боргоҳ.*
*Бар тавсани ҳиммат нишаст, чун теғи иқболаш ба даст,*
*Қалби сафи аъдо шикаст он Хисрави анҷумсипоҳ.*
*Сарҳои шоҳон шуд нагун, омода андар хоку хун,*
*"Инноилайҳарроҷеъун" медод аз ҳар сӯ садо.*
*Савти садое гар фароз аз осмонҳо шуд бадар,*
*Гӯши малоик гашта кар, шуд дар таназзул меҳру моҳ.*
*Сар* ғунчаосо дар шигифт, бо сӯйи сардорон ба кифт,*
*Ҳон, эй ҳунар бар он замон кӯшида бар тороҷи коҳ.*
*Хайли салотин дар шитоб омодаи қаҳру итоб,*
*"Алмавт"-гӯён шайху шоб, оташ зада дар хонақоҳ.*
*Сури қиёмат дар нуфур мехонд рамзи доругир,*
*К-аз ҳама ҷавлони амир афтода дар шаҳре вабоҳ.*
*Душман фитода мунфаъил, дар водии ҳасрат хиҷил,*

*Аз якдигар хоҳад бихил, чун ҳашриён дар ҳашргоҳ.*
*Рахши амирӣ комрон, бо фатҳи нусрат ҳаминон,*
*Ҳамчун Сулаймони замон бо иззату икрому чоҳ.*
*Бо дӯстдорони насаб зар дод, асбоби тараб,*
*Душман ба сони Бӯлаҳаб дарёфт аҳволи табоҳ.*
*Бинвохт табли бозгашт аз мавзеи Қипчоқдашт,*
*Хизри раҳи фарзонааш бинмуда бо Фаргона роҳ.*
*По бар мусаллои карам бинҳода он собитқадам,*
*Омад ба истиқболи ӯ ҷоме бурун аз хиргоҳ.*
*Аз баҳри маҳбусони гам карда марсияҳо рақам,*
*Мазлумҳоро аз ситам, зиндониёнро аз гуноҳ.*
*Эй сарвари олиҷаноб, аз умру давлат комёб,*
*Султони иқлими Аҷам, хоқони ҳашмат дастгоҳ.*
*Дар навбаҳори офият бо иззу нозу таҳният,*
*Ҳусни ту бодо ҳамчу гул дар сояи лутфи илоҳ.*
*Шояд, ки з-он гул накҳате бар гулшани эҳсон вазад,*
*Чун ман парешон булбуле, фориг шавам аз оҳу воҳ.*
*Умрест дар роҳи талаб аз шаш ҷиҳат овораам,*
*Дар маърази бечорагӣ аз ҷаври гардун додхоҳ.*
*Ин рӯзгори дунявӣ, доге ба дил дорам қавӣ,*
*Дар хушксоли маънавӣ, паҷмурдаам ҳамчун гиёҳ.*
*Ё иллати сарҳадзамин, ё кавкаби бахтам чунин,*
*Беҳосилу бебаҳраам, Маъдан, зи неъматҳои шоҳ?*

---

* Дар дастхатҳо "шаҳ" омадааст.

* * *

*Ҷалоли ҷоҳи ҳашмат, хотами мулки Сулаймонӣ,*
*Шукӯҳи салтанат, ҳусни малоҳат, фавқи инсонӣ.*
*Ривоҷи гирудори фатҳу нусрат, шавкати шоҳӣ,*
*Мусаллам шуд туро ин рутба аз алтофи субҳонӣ.*
*Гиромӣ дошт аз роҳи муҳаббат волии давлат,*
*Умар султон баҳодур, хони одил, шоҳи Тӯронӣ.*
*Аламдору сипаҳсолор, мардафкан, қавибозу,*
*Шуҷоатпешаю шамшерзан чун Рустами сонӣ.*
*Аторудахтари хуршедмазҳар, муштарипайкар,*
*Зуҳалсайри ҳумоюттабъу ҷузви лутфи яздонӣ.*

*Ҳуҷуми анҷуман, ороиши базлаш тамошо кун,*
*Қиёмат дар ҷаҳон омад, ки халқе шуд парешонаш.*
*Замин аз касрати анбӯҳи инсон дар хурӯш омад,*
*Хамида пушти гову бар сурайё рафта афғонаш.*
*Суруди аҳли маҷлис дар алоло хост метарсам,*
*Кавокибҳо зи боми чарх бигрезад зи илҳонаш.*
*Гирифта гӯши мардум аз садои карнаю сурнай,*
*Рамида кабку оҳу аз чарогоҳи кӯҳистонаш.*
*Бувад номуси халқу обу ранги зиннати Понғаз,*
*Худовандо, нигаҳ дораш зи офатҳои давронаш!*
*Гурӯҳи шоҳидон дар рақс, табъи ошиқон равшан,*
*Ҳаводорони маҷлис хурраму мутриб ғазалхонаш.*
*Ки бебокон "талоло-ло-талоли тантано" гӯянд,*
*Дарида чарми дафҳо зарби дасти дафнавозонаш.*
*Фарасдорон ба тимори фарасҳо хушдили роғиб,*
*Ҷавонбозон мураддиқ дар тамошои ҷавононаш.*
*Ба ин шавкат фалак аз тоқи гардун офарин гӯяд,*
*Ба истеъдод, бар ин эътиқодоти рафиқонаш.*
*Дар ин сарҳадзамин чашме надида инчунин Ҳотам,*
*Хусусан дар билоди Понғазу мулки Шаҳидонаш.*
*Бидеҳ иқбол, ё раб, рутбаи увло, муалло кун,*
*Ба давлатхонаи хонзода ибни Шералихонаш.*
*Агар овозаи ин макрамат бар Тошканд афтад,*
*Таассуб рӯ намояд бар тақозои сипоҳонаш.*
*Ба Туркистон Имомул Орифин Шайхи Кабоир ҳам,*
*Шавад дар рӯзи ҳайҷо марҳаматхоҳӣ нигаҳбонаш.*
*Бувад номуси нангаш обуранги зиннати Понғаз,**
*Худовандо, нигаҳ дораш зи офатҳои давронаш.*
*Дар ин дашти таманно ташналаб мағзор Маъданро,*
*Зи дарёи қаноат об деҳ ҳамчун наҳангонаш.**

* * *

*Ҳазор бор бигӯям ба сад ҳазор забон,**
*Чу андалеб зи авсофи Тӯра Мақсудхон.**
*Аҷаб мадор ба густохии ману суханам,*
*Ки истионати ман шуд зи марқади эшон.*
*Дамид субҳи муродам зи машриқи талабам,*
*Кушод боби шафоат зи хоки равзаи он.*
*Бузургмакрамати Тӯра дар қалам орам,**
*Зи файзи тӯю тамошову бахшишу эҳсон.*
*Замин чу суфраи неъмат, ҳуҷуми халқ дар ӯ,*
*Зи баҳри аклу тановул нишаста пиру ҷавон.**
*Агар насими таомаш равад ба олами қуддус,*
*Шавад абиру муаттар димоғи каррубиён.*
*Ба рӯзи маъракаороияш тамошо кун,*
*Фалак ба боми Сурайё ба расми фотеҳахон.*
*Кашад гаронӣ анбӯҳи халқу анҷумаш,*
*Хамида гови замин, ки ду шохи ҳамчу камон.*
*Магар зи оташи табхаш шарора боло рафт,*
*Фитод замзама ба тоқи гумбази гардон.*
*Замин гудохт ҳарорат, ба қаъри дарё зад,*
*Самак зи баҳр ба соҳил гурехт наъразанон.*
*Зи шарми макрамати базли ҳимматаш Ҳотам,*
*Ба рӯзи ҳашр нагардад зи хоки равза аён.*
*Мизоҷи сард ба гармӣ чунон мубаддал шуд,*
*Гирифта роҳи нафас аз димоғи таббохон.*
*Ки зарфҳо бишикастанду машкҳо бидарид,*
*Зи оби сойи Пунук шуд малоли саққоён.*
*Фалак ба ҷуду атои ту боракаллаҳ гуфт,*
*Ки ин муомила н-ояд зи қавми дарвешон.*

* * *

*Барои забҳи ғанамҳои фарбеҳу логар,*
*Гирифт обила ангушти дасти қатлиён.*
*Зиҳӣ ниҳояти лутф зиҳӣ камоли карам,*
*Ки рафт қосиди ҳангомаат ба Ҳиндустон.*
*Ба таҳният ба ҷаноби ту ҳадяҳо оранд,*
*Сипоҳиҳони муосир, диловарони замон.*

***Ҳамин сифат, ки намудам ба даҳр пайдо нест,***
***Чи дар ҳаволии сарҳад ба чор рукни ҷаҳон.***
***Замона сархати таслими инқиёд навишт,***
***Ба эътиқоди бузурге ба аҳди Понгазиён.***
***Агар зи гавҳари зоташ касе савол кунад*,***
***Бигӯ: "Зи Ҳазрати Махдум Аъзами Косон".***

---

* Тартиби мисраъ ва байтҳоро дар дастхатҳо мухталиф овардаанд.
* Ин байт дубора омадааст.
* Бахшида ба тӯйи Мақсудхон-писари устоди Маъдан Муҳаммадаминхоҷаи Косонӣ.
* Дар дастхат ҷойи мисраъҳо иваз шудааст.
* Дар "Файзи осор" тахаллуси Маъдан ба таври зайл омадааст, ки дар дастхат нест: Агар зи гавҳари зоташ, Маъданро касе савол кунад,

# МУХАММАСОТ

*Диёнат рафт, ё раб, аз диёри мардуми Понгаз,*
*Ба дасти аблаҳон шуд ихтиёри мардуми Понгаз,*
*Ба вайронӣ муқаррар кишту кори мардуми Понгаз,*
*Сагон серанд аз сайди шикори мардуми Понгаз,*
*Ки ин номардакон хасми кибори мардуми Понгаз.*

*Саду сӣ гурги золим бар хилофи кори чӯпон шуд,*
*Ба таҳрики залолат дар масофи гӯсфандон шуд,*
*Балои Понгазу горатгари мулки Шаҳидон шуд,*
*Ки ин ҳарду вилоят з-офати ин қавм вайрон шуд,*
*Намерӯяд гиёҳе аз канори мардуми Понгаз.*

*Хусусан сарбуриҳо шуд муқарраб* дар раҳи Шохак,*
*Таҷовуз кард аз ҳафтод ҷунон умри он бадраг,*
*Зи беинсофию тавфиқ дорад мазҳаби муждак,*
*Магар бар заъфи пирӣ нафъ дорад ҷифаи мезак,*
*Ки дар явмулҷазо бошад ҳимори мардуми Понгаз.*

*Ҳамон малъуни ҳақ рӯинтане дар миллати фосид,*
*На аз ҷоми шаҳодат маст, на бодаи тавҳид,*
*Гирифт аз ман зи расми мардумон шаш танга пул зоид,*
*Ҳамин даъво, ки ман дорам, Худою Мустафо шоҳид,*
*Ки бошад шоҳиди дигар ҳазори мардуми Понгаз.*

*Зани он бадхилофонро шикастам шавкати шайнаш,*
*Ки дар аҳди ҷавонӣ буд Ирам қурратулайнаш,*
*Кунун аз заъфи пирӣ дур афтодам зи мобайнаш,*
*Ки охир сездаҳ динори зар додам ба маҳрайнаш,*
*Ба расвоӣ шудам, ноимусу ори мардуми Понгаз.*

*Бигӯ бо зумраи Даҷҷол бархезад, ки мавсим шуд,*
*Ки бидъатҳо фаровон гашт, бедодӣ ба мардум шуд,*
*Тазаллумҳои золим дар паи озори мазлум шуд,*
*Зи қабри мурдагон фотиҳаю хатми дуо гум шуд,*
*Ки арвоҳе наомад бар мазори мардуми Понгаз.*

*Ҳамон гули залолатпешаи баттоли беномус,*
*Аҷоиб нақшҳо дорад ба дил чун шаҳпари товус,*
*Ҳамехонад ҳамин абёт, мегӯяд маро махсус:*
*-Қаровулбеки Шайдон дод Шохак дар баҳои ...,*
*Ки мегирандам* хироҷ аз кишту кори мардуми Понгаз.*

*Чу фарзандони шайтон мегузинад даъвии ман-ман,*
*Ба таври худ бувад мумтоз аз Кайхусраву Баҳман,*
*Накарданд ин лаъимон имтиёзи духтарон аз зан,*
*Шуданд аз ...фурӯшӣ як ҷамоат шоду ҳокимтан,*
*Аз ин гофил, ки ҳастанд шармсори мардуми Понгаз.*

*Муханнастинатону зан бизоат, аблаҳу ...каш,*
*Ниҳода дар даруни синаам сад маҷмари оташ,*
*Дилам дар мӯсафедӣ гашт бо ҳамширааш ӯйнаш*,*
*Ба ...ам гар кунанд ин шаҳнаҳо ҳар сӯ маро каш-каш,*
*Ки овезад чу Мансурам ба дори мардуми Понгаз.*

*Мақоми худ шуморад бартар аз Ҷамшеду Искандар,*
*Ситонад аз раоё тангаю тиллою симу зар,*
*Надонам чун шавад ҳолаш даруни хонаи бедар,*
*Саволи бандагӣ пурсанд аз вай Наккиру Мункар?*
*Шавад дур аз сараш он дам хумори мардуми Понгаз.*

*Шақӣ то вақти мурдан бас накард аз феъли номаъқул,*
*Ҳавои нафс кардаш бо мулозимпешагӣ машгул,*
*Зи қашшоқию ифлосӣ надоранд як дирам маҳсул,*
*Ба кун гирад ба зери бӯрё бошад агар як пул,*
*Чу дуздон сар барорад аз ҳисори мардуми Понгаз.*

*Ба чашми имтиҳонаш дид ҳар кас, зишти олам гуфт,*
*Шариат зоҳири ӯро сазовори ҷаҳаннам гуфт,*
*Шақиро дӯзахӣ гуфтам, хирад "Оллоҳу аълам" гуфт,*
*Тилисми назми Маъданро, ки шояд, "Исми Аъзам" гуфт,*
*Бувад ҳар мисрааш файзи баҳори мардуми Понгаз.*

---

* Калимаи "Понғоз" дар дастхат "Понғаз" омадааст.

* уйнашу уйнаш-калимаи туркии бозӣ.

* * *

*Шудам махмур ман, то сер гаштам аз маи ҷомаш,*
*Хаёлам ҳамчу мӯ борик шуд дар ҳалқаи домаш,*
*Рақам зад килки аҷзам, то нависам рӯқъа бар номаш,*
*Чӣ мазмун дар вуҷуди ман бувад сад шӯҳраро комаш,*
*Ки печидам ба сони хома аз таҳрири пайгомаш.*

*Чу махмил дар раҳаш пайваста фарёди ҷарас дорам,*
*Ба дил сад рахна аз бедодии пайкон нафас дорам,*
*Сагашро дар тариқи дилнавозӣ мултамас дорам,*
*Нишастан дар ҳарими тоқи иксираш ҳавас дорам,*
*Ки хуршед аз уруҷи чарх резад дар лаби бомаш.*

*Мабинад, к-аз тагофулпешагиҳо ҳусни овозам,*
*Арақ лагжида аз ҷӯши ҳаё дар хилвати розам,*
*Ғузорад, кош, ҳамчун соя дар пояш сар андозам,*
*Бад-ин санъатшиорӣ богбони лутфро нозам,*
*Ба хун мепарварад дар ҷӯйбори дида бо домаш.*

*Бурун ояд зи тамкин дида мебояд фурӯ бастан,*
*Мабодо шиша дар санг оварад осеби бишкастан,*
*Чӣ имкон аст тори ришта бо он шӯх пайвастан?*
*Саре, к-ӯ бастаи фитрок бошад, кай тавон зистан?*
*Тазарве дар кафи сайёд афтад, нест оромаш.*

*Мабин сӯям, агар густохии ишқам бар он дорад,*
*Ки парвозам, вуҷудам сайри азми ломакон дорад,*
*Сабукрӯҳам, кадомин шева бунёдам гарон дорад,*
*Шарори оҳам, эй маҳ, сайри азми осмон дорад,*
*Масеҳоро бигӯ, мавқуф дорад баҳри икромаш.*

*Сабо дар дидаи офоқ резад маъкуси тоҷам,*
*Фурӯғ аз партави хуршед дорад субҳи меъроҷам,*
*Ба имдоди ҷунун аз олами андеша ихроҷам,*
*Чӣ таҳдидам диҳад меҳри фалак аз бими тороҷам,*
*Ҳисоре дар паноҳи шаҳ бувад, хайр аст анҷомаш.*

*Парирӯе, ки дар аҳдаш либоси ишқ пӯшидам,*
*Ба ранги тифл дар гаҳвораи ҳайрат хамӯшидам,*
*Шароби ханда дар ҷоми табассум рехт, нӯшидам,*
*Чу миҷгон дар масофи лашкари наззора кӯшидам,*
*Музайян шуд зи хуни дидаам пироҳани шомаш.*

*Ба дил дорам ҳавои турраи зулфи сумансое,*
*Наям Юсуф, ки маҳбусам кунад рашки Зулайхое,*
*Бути ман дар гурури ҳусн дорад турфа симое,*
*Ки мебахшад ба навъе бар дили ошиқ таҷаллое,*
*Гаҳе лутф асту гоҳе согаре дог аст инъомаш.*

*Ба кӯи бениёзӣ мекашам рахти иқоматро,*
*Писандидам чу Маҷнун қимати санги маломатро,*
*Ба доман мефишорам гавҳари ашки надоматро,*
*Намебинам зуҳури ҷилваи он сарвқоматро,*
*Магар дар Каъба ҷӯям, то шавам мақбули эҳромаш.*

*Ба хун гарқам чу гул аз бими шамшераш ҳаменолам,*
*Надорам гам, агар ҳиҷрон кунад чун хок помолам,*
*Ба навҳи най* камар дар нола бастам, зор менолам,*
*Хазон шуд, қаҳрабо шуд, заъфарон шуд чеҳраи зардам**,*
*Саодат кай шавад,ё раб, ки бинам рӯи гулфомаш.*

*Паи қатлам ба каф теги тогофулизтироб ояд,*
*Тазаррӯъ гар намоям, чашми шӯхаш дар итоб ояд,*
*Агар дил бар хами мӯяш ниҳам, дар печутоб ояд,*
*Кунам афсонаи рӯяш на кас мasташ ба хоб ояд,*
*Ба коми богбон талх аст, Маъдан, меваи хомаш.*

---

* Дар дастхати Понгоз: Ба бехобӣ магар дар нола бастам, зор менолам, Дар дастхати Тошканд: Ба Маҷнунӣ камар дар нола бастам, зор менолам, омадааст.

** Дар дастхати Понгоз 2 ва Тошканд "чеҳраи зардам", дар дастхати Понгоз 1 "чеҳраи олам" омадааст.

* * *

*Ваҳшии саҳрои ишқам, сар ба саҳро мекашам,*
*Худ зи худ ғум кардаам, занҷир аз по мекашам,*
*Ман надонам то ба кай ташвиши дунё мекашам?*
*Ғарқи баҳри ҳайратам, доман зи дарё мекашам,*
*Масти ҷоми ишқаму миннат зи саҳбо мекашам.*

*То ду чашми қотили он шӯхро ман бандаам,*
*Шукри Оллоҳ, давлати иқболро арзандаам,*
*Ҳар куҷо меҳри ту бошад, ғайри он дил кандаам,*
*Чун садаф резад дури якто зи ҷӯши хандаам,*
*Хешро то бар сари бозори савдо мекашам.*

*Эй ҳумо, аз ошёни ҳайратам парвоз деҳ,*
*Дар ҳузури васл, эй мутриб, дафу най соз деҳ,*
*Ман, ки масти ғафлатам, рав, нағмаи овоз деҳ,*
*Хуфтаи хоби адамро, эй Масеҳ, эъҷоз деҳ,*
*Зиндагӣ то чанд миннат аз Масеҳо мекашам?*

*Бандаи ишқам, Азизи Миср пиндорад ғулом,*
*Моҳи Канъонам, зи ихвон дида чандин интиқом,*
*В-аз қумоши ҳусн дорад равнақи корам низом,*
*Омад аз Яъқуб уммедам ба озодӣ паём,*
*Пои дил аз ҳалқаи зулфи Зулайхо мекашам.*

*Бас хиром оям ба гулшан сарви озодам туӣ,*
*Зулли алтофи карам, фармо, ки шамшодам туӣ,*
*Гар кушӣ, бишкан камар, донам, ки ҷаллодам туӣ,*
*Рӯ ба доми ғайр наорам, з-он, ки сайёдам туӣ,*
*Чанд дар роҳи талаб тасбеҳи беҷо мекашам?*

*Аз ҳуҷуми ғам сипоҳи ҳаҷр омад бар сарам,*
*Оташам гул карда, доғам сабза шуд аз пайкарам,*
*Ончунон омехт бо хокистари дил ахгарам,*
*Ҷом бишкастам, қадаҳ шустам, фано шуд соғарам,*
*Дида аз олам, дил аз қайди таманно мекашам.*

*Рез, эй соқӣ, ба ҷоми ихтиёрам бодаро,*
*То шавам махмур, дар оташ занам саҷҷодаро,*
*Ҷуръаи софи карам кун ҷисми гамомодаро,*
*Солики тавфиқ гардон Маъдани озодаро,*
*Гар гами олам фаровон аст, танҳо мекашам.*

* * *

*Эй дурри дарёи шараф, эй гавҳари қимматбаҳо,*
*Фарзанди неки бохалаф, эй шоҳиди мулки лиқо,*
*Ҳарду диловар дар ҷаҳон, рустамдилу ҳотамсахо,*
*Баҳри низоми мамлакат карданд бозоре бино,*
*Сад боракалло, офарин бо Тӯраю бо Тӯқсабо*.*

*Онҳо раиятпарваранд, ҳар як ба маънӣ чун умед,*
*Якрангу яктан дар ҷаҳон монандаи Рустам шадид,*
*Аз хизмати шоистагӣ инъоми хон ҳасрат барид,*
*Дар растаи бозори ӯ дилҳои гамгин орамид,*
*Сад боракалло, офарин бо Тӯраю бо Тӯқсабо.*

*Номуси понсадгозианд бо ҳиммати мардонагӣ,*
*Юсуфсифат фарзонаанд дар олами фарзонагӣ,*
*Ҳарду ба ҳам пайвастаанд, дуранд аз бегонагӣ,*
*Як ҷисму як ҷону диланд дар рутбаи ҷононагӣ,*
*Сад боракалло, офарин бо Тӯраю бо Тӯқсабо.*

*Аз гармии бозори ӯ дилҳои халқ омад ба ҷӯш,*
*Аз шӯриши гавгои ӯ омад ҳамин гавго ба гӯш,*
*Толиб ҳамегӯяд "-Бидеҳ!" Даллол мегӯяд: "-Фурӯш!"*
*Омад ба роҳи хонааш марди бараҳна ҷомапӯш,*
*Сад боракалло, офарин бо Тӯраю бо Тӯқсабо.*

*Бар дасти саллоҳони ӯ дар ҷилва шуд мизони кайл,*
*Халқе хиромон ҳар тараф маргуби савдо хайлу хайл,*
*Ҳар кас ба қадри муддао бо матлабе оварда майл,*
*Маъдан, миёни мурдаҳо* галтидаму гаштам туфайл,*
*Сад боракалло, офарин бо Тӯраю бо Тӯқсабо.*

* Мухаммас ба бунёдкунандагони бозори Понғоз Тӯраю Тӯқсабо бахшида шудааст.

* * *

# МУХАММАСИ МАЪДАН БАР ҒАЗАЛИ ҶОМӢ

*Ҷафои чарх як сӯ, нолаи фарёди ман як сӯ,*
*Нифоқи даҳр як сӯ, меҳнати байтулҳазан як сӯ,*
*Ғами агёр як сӯ, таъни халқу анҷуман як сӯ,*
*"Зи ҳаҷрат то ба кай нолад дилам як сӯю тан як сӯ?*
*Худоро, соз, охир, кори ман, эй симтан, як сӯ".*

*Шукӯҳи оҳи ман дар рақс орад андалебонро,*
*Ки зулмат бар сари зулмат ниҳад шоми ғарибонро,*
*Мизоҷи ман нахоҳад марҳами доғи атибонро,*
*"Ҷафои ёр, панди дӯстон, таъни рақибонро,*
*Саги кӯи ту як сӯ мекашад, зоғи зуған як сӯ".*

*Нигоҳат бишканад оинаи равшанзамиронро,*
*Хати ҳуснат диҳад таълим сармашқи дабиронро,*
*Чӣ сайёде, ки дар қайди фусун оварда шеронро,*
*"Ба шӯхӣ мебарад ҳар дам дилу ҷони асиронро,*
*Хумори наргисат як сӯву зулфи саршикан як сӯ".*

*Дар ин бозори ҳастӣ бастаам боби дӯконамро,*
*Ба мизони қазо санҷидаам суду зиёнамро,*
*Ҳуморо гӯ, нахоҳад нашъа ҳар ному нишонамро,*
*"Чу дар кӯи ту ҷон додам ба хорӣ устухонамро,*
*Ҳама як сӯ бувад, бо доғи ҳиҷрон сӯхтан як сӯ".*

*Зи оҳи синаи Маъдан асар бар кӯҳу дашт афтад,*
*Димоғи ваҳшиён сӯзад, шарар бар кӯҳу дашт афтад,*
*Дусад Фарҳоду Маҷнунро ҷигар бар кӯҳу дашт афтад,*
*"Фиғони нолаи Ҷомӣ агар бар кӯҳу дашт афтад,*
*Шавад гирён ба нола кӯҳ як сӯ, Кӯҳкан як сӯ".*

# МУХАММАСИ МАЪДАН БАР ҒАЗАЛИ БЕДИЛ

*Ба гардун бастаӣ манзар. Чӣ манзар? Манзари шоҳон.*
*Ниҳода бар фалак афсар. Чӣ афсар? Афсари Хоқон.*
*Фузудӣ дар ҷаҳон сархат. Чӣ сархат? Сархати фармон.*
*"Бувад нахлу қадат фитна. Чӣ фитна? Фитнаи даврон.*
*Туӣ дар мулки ҷон Хисрав. Чӣ Хисрав? Хисрави хубон".*

*Узори равнақи гулшан. Чӣ гулшан? Гулшани тӯбӣ.*
*Бад-ин гесӯ ҳаменозад. Чӣ нозад? Нози маҳбубӣ.*
*Саводи кулбаи догам. Чӣ догам? Доги Яъқубӣ.*
*"Ҷамолат маҷмае бошад. Чӣ маҷмаъ? Маҷмаи хубӣ.*
*Чӣ хубӣ? Хубии Юсуф. Чӣ Юсуф? Юсуфи Канъон!"*

*Шикастам сайди ин водӣ. Чӣ водӣ? Водии мавҳум.*
*Чу симо соф шуд сина. Чӣ сина? Синаи мазлум.*
*Ҳарими даргаҳат Каъба. Чӣ Каъба? Каъбаи мақсум,*
*"Сари кӯят бувад қибла. Чӣ қибла? Қиблаи мардум,*
*Чӣ мардум? Мардуми дида. Чӣ дида? Дидаи ҳайрон".*

*Шудам тороҷи як дидан. Чӣ дидан? Дидани дилбар.*
*Задам дар мулки дил оташ. Чӣ оташ? Оташи маҷмар.*
*Манам аз шаш ҷиҳат горат. Чӣ горат? Ғорати сарсар.*
*"Дилам вайрон шуд аз офат. Чӣ офат? Офати лашкар.*
*Чӣ лашкар? Лашкари зулмат!*
*Чӣ зулмат? Зулмати ҳиҷрон".*

*Бирав, ту бишнав аз ораз. Чӣ ораз? Оразиховар.*
*Зи ҳиҷлат чок зад доман. Чӣ доман? Домани маҳшар.*
*Дилам шуд сайди он кокул. Чӣ кокул? Кокули аждар.*
*"Бувад чашмат яке ҷоду. Чӣ ҷоду? Ҷодуи кофар.*
*Чӣ кофар? Кофари раҳзан. Чӣ раҳзан? Раҳзани имон".*

*Сарам бар ҳазратат тӯҳфа. Чӣ тӯҳфа? Тӯҳфаи лоиқ.*
*Сано хонам ба он тӯтӣ. Чӣ тӯтӣ? Тӯтии нотиқ.*
*Бувад хоки раҳат Маъдан. Чӣ Маъдан? Маъдани содиқ.*
*"Туфайли бошадат, банда. Чӣ банда? Бандаи ошиқ.*
*Чӣ ошиқ? Ошиқи Бедил. Чӣ Бедил? Бедили ҳайрон".*

# МУХАММАСИ МАЪДАН БАР ҒАЗАЛИ ҲИЛОЛӢ

*Зиҳӣ, овораи дашти ғамат Баҳрому Баҳман ҳам,*
*Парешонгаштаи савдои зулфат қалби Маъдан ҳам,*
*Ба дил дорам умеди он, ки гӯям вақти мурдан ҳам,*
*"Биҳамдуллаҳ, ки ҷон бар бод рафту хок шуд тан ҳам,*
*Зи панди дӯст фориғ гаштаму аз таъни душман ҳам".*

*Ба пои орзу умре давидам дар такопӯяш,*
*Ба қадри муддао н-омад ба дастам як сари мӯяш,*
*Тасаллӣ додаму гуфтам: "Мабин, эй дида, бар рӯяш",*
*"Дило сабре куну ин сон марав ҳар лаҳза бар кӯяш,*
*К-аз ин бетоқатӣ, охир, ту расво мешавӣ, ман ҳам".*

*Ба ёди васл то кай ояму дардам фузун орам,*
*Равам бар турбати Фарҳод доғи Бесутун орам?*
*Ба дил захми синонат бинаму дар дида хун орам?*
*"Шикастӣ дар дилам хору намегӯӣ бурун орам,*
*Бад-ин тақриб мехоҳӣ, ки монад* захми сӯзан ҳам".*

*Агар сарриштаи зуннори зулфи ӯ ба Чин афтад,*
*Бас ошӯбу хусумат дар миёни куфру дин афтад,*
*Зи рашки оразат хуршед аз чархи барин афтад,*
*"Аз ин ғайрат, ки ногаҳ сояи ӯ бар замин афтад,*
*Намехоҳам, ки шаб маҳтоб бошад, рӯзи равшан ҳам.*

*Ҷафоҷӯ, тундхӯ, бадмеҳр, дилсарде, ки ман дорам,*
*Ситамгар, зулмгар, бедодпарварде, ки ман дорам,*
*Дили садпораю рухсораи зарде, ки ман дорам,*
*"Нагӯям* дарди худ бо Кӯҳкан дарде, ки ман дорам,*
*На тоби гуфтанаш дорам, на ёрои шунидан ҳам".*

*Ҳароратҳо, ки дидам аз тазаллумҳои он ҷобир,*
*Аломатҳо бувад чун қаҳрабо дар чеҳраам зоҳир,*
*Кадомин накбате тақсир шуд, ё раб, зи ман содир?*

*"Маро,-- гуфтам, -бикуш!" Гуфто: "-Наӣ лойиқ" бубин, охир,***
*Чӣ бадбахтам, ки лоиқ нестам аз баҳри куштан ҳам?"*

*Манам Маҷнун, ки улфат бастаам бо зикри "Оллоҳу",*
*Ба саҳро рӯ ниҳам, вомондаам бар сӯҳбати оҳу,*
*Зи роҳи шавқ додам бӯса бар пои саги он кӯ,*
*"Шудам девонаю тифлон кашанд аз доманам ҳар сӯ,*
*Гиребонам зи дасти ошиқӣ чок аст, доман ҳам".*

*Саманди нози ҷавлонат ба шӯхӣ ҷилвагар бодо!*
*Сари Маъдан ба роҳат ҳам чу хоки раҳгузар бодо!*
*Шукӯҳат дар масофи арсаи дил бо зафар бодо!*
*"Дилу ҷони Ҳилолӣ пеши чавконат сипар бодо,*
*Ки абрӯят камондор аст, чашмат новакафкан ҳам".*

* Дар Бадриддин Ҳилолӣ, "Осори мунтахаб", Сталинобод, 1958, с.83.
** "ки ёбад захми сӯзан ҳам".

## МУХАММАСИ МАЪДАН БАР ҒАЗАЛИ АҲЛӢ

*Чӣ паймонҳо ба аҳди он бути паймоншикан дорам,*
*Ҷароҳатҳо зи пайконаш ниҳон дар пираҳан дорам,*
*Гаҳе шамъу гаҳе парвона, завқи сӯхтан дорам,*
*"Ба дарди ошиқӣ парварда шуд ҷоне, ки ман дорам,*
*Аз ин дардам халосӣ нест, то ҷон дар бадан дорам".*

*Фитодам дар раҳаш бо инқилоби уқдаи мушкил,*
*Ҷунун омодаи маҳзуни урён дар паи маҳмил,*
*Гаҳе дар дашт, гаҳ дар Бесутун дорам ба худ манзил,*
*"Маро сад хори ғам бар по бувад, сад кӯҳи ғам бар дил,*
*Балои ишқи сад Маҷнун, ғами сад Кӯҳкан дорам".*

*Дилам дар мактаби ишқаш рамузи ишқ бархонад,*
*Шавад густоху бархезад зи ғайрат доман афшонад,*
*Чу арзи муддао созам ба таҳрираш қалам ронад,*

*"Ҳанӯз аз ҳоли худ бо ӯ сухан ногуфта медонад,*
*Ки дорад ин чунин шӯхи сухандоне, ки ман дорам?"*

*Зи худ гум гаштаам з-ин сон, ки мавҷудам сари як мӯ,*
*Таҳайюр дарнамеёбад сарам аз бистари зону,*
*Сурови ман мапурс, эй солики сайёра, аз ҳар сӯ,*
*"Агар ҷӯйӣ нишонам, бар сари кӯи маломатҷӯ,*
*Ки ҳар ҷо бештар бошад бало, он ҷо Ватан дорам".*

*Ман он булбул, ки махфӣ мондаам дар гулшани имкон,*
*Нафас дар ҳифз медорам, мабодо сар кашад илҳон,*
*Зи аҳоми раҳи афтодаам дар водии ҳиҷрон,*
*"Дилам хун гашт ҳамчун гунча дар дил сад сухан пинҳон,*
*Зи бими нокасон мӯҳри хамӯшӣ бар даҳан дорам".*

*Кашам миннат ба ҷон гар монад аз чашмам қадам боло,*
*Надорам шиква аз бемеҳрии он шӯхи бепарво,*
*Аз ин давлат сарам бар осмон сояд малакосо,*
*"Чӣ ғам гар аз сухан лаб баста бо ман он гули раъно,*
*Ки бо он зери лаб дар ҳар нигоҳе сад сухан дорам".*

*Чу субҳи тирарӯзонам, маҷӯ аз ман асар, Аҳлӣ,*
*Гиребон чок месозам, чу домони саҳар, Аҳлӣ,*
*Зи худ ворастаам, Маъдан, наям дар баҳру бар, Аҳлӣ,*
*"Манам аз ҷоми ишқ афтода масту бехабар, Аҳлӣ,*
*На парвои бадандешон, на фикри хештан дорам".*

---

I Чи гӯям.
II Ин байт дар "Осори мунтахаб" нест.
III Дар "Осори мунтахаб" "шудам девонаву тифлон кашандам домон аз ҳар сӯ".
IIII Масту. Ҳамон ҷо.

# МУХАММАСИ МАЪДАН БАР ҒАЗАЛИ ШӮХӢ

*Маишат чун ба коми дил набошад ҳайрат афзун беҳ,*
*Нафас к-аз ихтилоти ғам кунад аз сина берун беҳ,*
*Ба хун шустан сару по шавқ дар ҷайби гардун беҳ,*
*"Зи ҷоми ишрати соқии даврон косаи хун беҳ,*
*Зи сад тахти ҷаҳони бебақо як бахти вожгун беҳ".*

*Макун баҳри тамаъ чашми нигаҳ чун ҳалқаи дарҳо,*
*Гуҳар шав, қаҳрабо шав, то физояд баҳри истиғно,*
*Ҳамин бошад далели имтиҳони мазҳаби анқо,*
*"Писанди мардуми вораста набвад шавкати дунё,*
*Каҳе, ки бар сари деҳқон аз тоҷи Фаридун беҳ".*

*Кафи қонеъ зи тӯфони ҳавас нохун намешӯяд,*
*Рухи зиннатпарастон сурат аз оина меҷӯяд,*
*Ки осори тааммул донаро аз обу гил рӯяд,*
*"Ҳамин бо партави хуршед ҳар дам соя мегӯяд,*
*Ба хок афтода будан аз мададгорони гардун беҳ".*

*Машин бо суфраи хони фалак аз баҳри меҳмонӣ,*
*Ки бикшояд дари таклифи ҳайрат дар парешонӣ,*
*Ба кӯи лоуболӣ сар бинеҳ дар силки инсонӣ,*
*"Кунӣ дониста дар базми халоиқ арзи нодонӣ,*
*Туро бошад аз ин фаҳмиданат фаҳми Фалотун беҳ".*

*Бувад шарти қаноат аз талаттуф доман афсурдан,*
*Маозалло, чӣ ҳоҷат миннат аз хони касон бурдан,*
*Шараф дорад ҳумо аз хотири мӯре наёзурдан,*
*"Диҳад соқӣ ба каф гар заҳри беминнат тавон хӯрдан,*
*Насозад сурхрӯ махмурро аз шаҳди афюн* беҳ".*

*Масеҳ аз рутбаи улвимаконӣ мекунад созиш,*
*Ки мунъим аз ҳузури комронӣ мекунад созиш,*
*Вале парвона арзи бенишонӣ мекунад созиш,*
*"Ки ҳар кас дар мақоми зиндагонӣ мекунад созиш,*
*Ба оқил шӯҳра неку дону саҳроро ба Маҷнун беҳ".*

*Гузинам кунчи узлат, бигсилам аз қайди бадномӣ,*
*Ба худ то кай хурӯшам чун шароб аз касрату хомӣ?*
*Нарезад барг дар силки хамӯшӣ бишканам чоме,*
*"Чӣ ҳоҷат нагмаи дигар маро дар базми нокомӣ,*
*Ки фарёди дили бишкастаам аз савти қонун беҳ".*

*Ниҳад бар дӯши ҳиммат чарх бори мустамандонро,*
*Набардорад саре аз хок Рахши сарбаландонро,*
*Ҳаво дар офият магрур дорад худписандонро,*
*"Чӣ парво аз гами ифлос бошад дардмандонро,*
*Сар аз доги муҳаббат, сина аз сад ганҷи Қорун беҳ".*

*Пазирад дар табаҳгоҳаш, чу Маъдан, узри ман, Шӯхӣ,*
*Адаб воҷиб бувад дар назди арбоби сухан, Шӯхӣ,*
*Шавам маъзули сӯҳбат, мӯҳр бандам бар даҳан, Шӯхӣ,*
*"Надорад гарчӣ узлат обуранги анҷуман, Шӯхӣ,*
*Вале танҳо нишастан з-ихтилоти мардуми дун беҳ".*

---

* Дар як дастхат "афсун" омадааст.

* * *

*Эй таҷаллигоҳи ҳуснат офтобу ҳам зиё,*
*Сарвари хубони олам, Юсуфи мисрилиқо,*
*Муншиён тугрои васфат дар китобатхониҳо,*
*Баста нақши дилкаше бар сафҳаи гетӣ сафо,*
*Сархати шоҳӣ мусаллам, баҳри ҳуснат устуво.*

*Манбаи васфат ба бисмиллоҳир раҳмонир раҳим,*
*Шери даргоҳи шуҷоат, молики мулки азим,*
*Хусрави дин, подшоҳи маснади иззатмуқим,*
*Шуд сари куффор аз шамшери исломат дуним,*
*Эй сарири салтанат, шоҳи адолатошно.*

*Чекти фармонига ҳиммат тавсани нозинг ривоч,*
*Шомдин ушр олгилу Багдод бардадин хироҷ,*
*Муттасил ҳукмунгга бӯлсун фазли ҳикматдин сироҷ,*
*Ҳам саодат лоиқ ӯлди, адлу эҳсонинга тоҷ,*
*Мусии Тури муҳаббат солики роҳи Худо.*

*Махзани ганҷи футӯҳ, эй шоҳбози қасри дин,*
*Шоҳиди маънӣ, ҳумоюнкавкабу фаррухнигин,*
*Дар мақоми маъдалат Хайрулбашарро ҷонишин,*
*Вориси ашёи дин, султони аҳлулорифин,*
*Ҳотами арбоби давлат, Рустами кишваркушо.*

*Соз дорулсун саодат ахтари садинга боб,*
*То даволи аайратинг олгоч фалакдин офтоб,*
*Аҳли оламдур губори мақдамингдин комёб,*
*Офарин, аҳсант иқболинга эй олиҷаноб,*
*Ким бу янглиг тобти зотинг лаззати нашъунамо.*

*Эй Музаффар, теги исломат ба ҳангоми газот,*
*В-эй зи юмни ҳимматат мақбули имон аҳли Лот,*
*Ҳодии роҳат, риҷолугайби бахшоишнаҷот,*
*Ман на танҳоям ҳавохоҳат дар айёми ҳаёт,*
*Қоф то Қофи ҷаҳон пайваста мехонад дуо.*

*Шоҳбози авҷи давлат, Хусрави вологуҳар,*
*Ҳашмату ҷоҳу ҷалолат бурда аз Ҷамшед фар*,*
*Тоҷи эронӣ ба сар, теги каёнӣ дар камар,*
*Гашта мақбули итоати умурат баҳру бар,*
*Сарвари роҳи адолат, садди Искандарливо*,*

*Қаҳрамони қаҳри гайрат карда дар олам зуҳур,*
*К-аз ниҳебат шуд ҳаросон моҳӣ дар дарёи шӯр,*
*Ҳам зи бимат бешаи* шерони гардун дар нуфур,*
*Нахли куфр аз зулматободи ҷаҳон афканда дур,*
*З-ин сабаб овозаат нозад* ба авҷи кибриё.*

*Сарвари хайли салотин, дар сафи аъдо далер,*
*Маҳ фурӯги маҳфилат бодову хуршедат вазир,*
*Кавкаби фирӯзиат масъуду афлокун насир,**
*Эй Масеҳ, эъҷози эҳсонат багоят дилпазир,*
*Аз каримон лутф меояд, зи дарвешон дуо.*

*Эй губори остонат сунбули боги мурод,*
*В-эй зи арбоби латофат қуфли дарҳоро кушод,*
*К-эй зиёбахшанда дар миръоти умрат адлу дод,*
*Гарди Рахшат тӯтиёи дидаи Фагфур бод!*
*Муфлисонро тавф гӯяд, қиблаи дилро шифо.*

***Эй қавиҳайкал, муборизрутба дар ҳангоми ҷанг,***
***Аз барори газ наёмад ханҷари фӯлодранг,***
***Гашта маҳфузи инонат риштаи номусу нанг,***
***Гавҳар аз дарё ситонад, захр аз коми наҳанг,***
***Қалъаи Хайбаршикан чун Ҳайдари зӯрозмо.***

---

* Ин ду мисраъ дар нусхаи дастхати мо нест.

* * *

***Эй, тантанаи ишқ ба номи ту тарона!***
***Мӯҳтоҷи дарат дағдағадорони замона,***
***Бар сина зи пайкони ту захмест ниҳона,***
***Эй, тири ғаматро дили ушшоқ нишона!***
***Халқе зи ту машғулу ту ғойиби замона.***

***Гаҳ пири харобатаму гаҳ зоҳиди тақлид,***
***Гаҳ табли Масеҳо зада дар олами таҷрид,***
***Гаҳ роҳибу гаҳ мӯҳтасибам дар раҳи тавҳид,***
***Гаҳ мӯътакифи дайраму гаҳ сокини масҷид,***
***Яъне ки туро металабам хона ба хона.***

***Сиррест миёни ману маъшуқа дар ин дор,***
***Кас воқифи он нест, чӣ махфию чӣ изҳор,***
***Рӯ карда барои талабам оинакирдор,***
***Ҳоҷӣ ба роҳи Каъбаву ман толиби дидор,***
***Ӯ хона ҳамеҷӯяду ман соҳиби хона.***

***Бар майкада оям, майи паймона ту будӣ,***
***Рӯ бар санам орам, ба санамхона ту будӣ,***
***Гар субҳа шуморам, адади дона ту будӣ,***
***Мақсуди ман аз Каъбаву бутхона ту будӣ,***
***Мақсуд туӣ, Каъбаву бутхона баҳона.***

***То дошт қазо бо ғами ӯ рӯй ба рӯям,***
***Аз ишқ таҷовуз набувад як сари мӯям,***
***Чун об, ки маъшуқ талабат ҷӯйи ба ҷӯям,***
***Маҷнунсифатам, дарбадарам, кӯй ба кӯям,***
***Шояд, ки бубинам рухи Лайлӣ ба баҳона.***

*Дил нест ҳар он дил, ки даме бе алами туст,*
*Хуш давлати он кас, ки ҳаводори гами туст,*
*Фарқи сари ман хок ба фарши ҳарами туст,*
*Тақсири хаёле ба умеди карами туст,*
*Яъне, ки гунаҳро беҳ аз ин нест баҳон.*

* * *

*Пеш аз ту аз ду кавн зуҳуру асар набуд,*
*Олам набуд, ҳеҷ гумони башар набуд,*
*З-оби фасод домани иблис тар набуд,*
*Шебу фарози замзамаи баҳру бар набуд,*
*Лавҳу қалам набуд, қазою қадар набуд.*

*Таҷниси ҳар кадом гурӯҳе, ки хайл-хайл,*
*Бе ту касе ба олами ҳастӣ накарда майл,*
*Буд ин ҳама алоиқа боис туро туфайл,*
*Ҷаннат туро гузиду ҳазимат ниҳод Вайл,*
*Аз ҳурмати ту дар дили дӯзах шарар набуд.*

*Чандин ҳазор бадрақаи ояту далел,*
*Овард бар камоли сифоти ту Ҷабраил,*
*Ин рутба баски хонд саной туро Халил,*
*Ҳар соили ту хост зи хони ту мунфаил,*
*Бебаҳра он касест, ки з-ӯ баҳравар набуд.*

*Равнақ наёфт бе ту баҳоре зи хуррамӣ,*
*Дар вай гуле нарусту наёмӯхт шабнаме,*
*Курсӣ бузургӣ ёфт зи ту, арш аъзамӣ,*
*Ҳақ гуфт: "-Гар лиқои туро н-офаридаме,*
*Бар ҳеҷ гуна қудрати ман мӯътабар набуд".*

*Одам зи обу хоки адам носиришта буд,*
*Не инсу ҷину не малаку не фаришта буд,*
*Халлоқи сунъ донаи хилқат накишта буд,*
*Дар ҷабҳаи ту мӯҳри нубувват навишта буд,*
*Ин шева буду ҳеҷ касеро хабар набуд.*

*Ҳавзи биҳишт ҳалқаи мими Муҳаммад аст,*
*Ҷоми таҳур хони наими Муҳаммад аст,*

*Атри абир хулди насими Муҳаммад аст,*
*Ризвон қадаҳ ба дасти надими Муҳаммад аст,*
*Арзу само набуд, Муҳаммад агар набуд.*

*Он нек аз ниҳод ба батни Омина аст,*
*Ӯ баҳри раҳмат аст, ду олам сафина аст,*
*Аз номи ӯ ҳазор-ҳазорон нигина аст,*
*Мавлуд Макка аст, туробаш Мадина аст,*
*Бе ӯ фурӯғи субҳу зиёи саҳар набуд.*

*Сад шукри он, ки қабзаи хоки ман аз нахуст,*
*Номи туро шунид, ба дунё шитофт ҷуст,*
*Пайванди аҳди ман ба ту пайваста шуд дуруст,*
*Маъдан ба таври хеш саге аз сагони туст,*
*Ғайр аз ҳавои кӯи ту фикраш дигар набуд.*

* * *

*Шофии ҷурми умам, ҳомии аҳли арасот,*
*Манбаи лутфу карам, махзани асрори сифот,*
*Рехт эзид ба ҷаҳон ҷавҳари оинаи зот,*
*Будӣ он рӯз ту аз матлаи анвори ҳаёт,*
*Марҳабо, сайиди кавнайн, алайкассалавот!*

*Гашт ҷорӯби дарат шаҳпари Ҷибрили Амин,*
*Шуд ба фаррошиат аз чарх манозиз ба замин,*
*Гуфт илҳоми Худованди таоло ба яқин,*
*Суда бар хоки раҳат, к-аз раҳи таҳқиқ ҷабин,*
*Марҳабо, сайиди кавнайн, алайкассалавот!*

*Ту ки бар боргаҳи хони ато биншастӣ,*
*Баҳри эъзози ту аз парда бурун шуд дасте,*
*Маҳв гардидиву бар тоқи дуо пайвастӣ,*
*Ҳама иршод шудӣ, ҷоми ҳаво бишкастӣ,*
*Марҳабо, сайиди кавнайн, алайкассалавот!*

*Пештар аз асари нахли ту дар боғи вуҷуд,*
*Як гул аз шабнами тавҳиди таоло нафузуд,*
*Зеби арзи фалаку доираи чархи кабуд,*
*Ин ҳама нашъунамо боиси эҷоди ту буд,*
*Марҳабо, сайиди кавнайн, алайкассалавот!*

*Сиккаи мӯҳр, ки бар Ясрибу Батҳо задаӣ,*
*Пои тамкин ба саропардаи хазро задаӣ,*
*Таъна бар ҳавсалаи Хизру Масеҳо задаӣ,*
*Ту ки ангушти ишорат ба Сурайё задаӣ,*
*Марҳабо, сайиди кавнайн, алайкассалавот!*

*Мӯниси гори ту Сиддиқу Умар, к-он ду валӣ,*
*Дар ҳақиқат, гуҳаре баҳри ту Усмону Алӣ,*
*Воқифи рози азал, собиқаи ламязалӣ,*
*Васфи ҳар чор бувад дар қалами сунъи ҷалӣ,*
*Марҳабо, сайиди кавнайн, алайкассалавот!*

*Рӯҳи қудсӣ, ки фурӯ омада огоҳи ҷасад,*
*Сари худ боз кушоӣ зи гиребони лаҳад,*
*Чашми уммеди ҳама сӯи ту, эй Оли Асад,*
*Аҷзу тақсири ману лутфи ту фардои абад,*
*Марҳабо, сайиди кавнайн, алайкассалавот!*

*Кош, чун соя ба зери қадамат хок шавам,*
*Сайди доми тую шоистаи фитрок шавам,*
*Бар зулоли карамат з-аҳли аташнок шавам,*
*Маъдан аз зиллати исён чӣ шавад, пок шавам,*
*Марҳабо, сайиди кавнайн, алайкассалавот!*

* * *

*Эй сару сархайли хубон, соҳиби ҷоҳу ҷалол,*
*Ҳокими мулки диёнат, Хисрави некӯхисол,*
*Шамъи айвони латофат, шоҳиди базми висол,*
*Эй атобахшандаи ҳар муфлису ҳар хастаҳол,*
*То ҷаҳон боқист, бодо нахли умрат баркамол!*

*Эй сарири салтанат, зебандаи ҷоҳу насаб,*
*Дӯстдори аҳли фазлу ҳамдами аҳли адаб,*
*Мунъими неъматфазою бодаи ҷоми тараб,*
*Аҳли дониш дар ҳузурат базморо рӯзу шаб,*
*Дида инъомат ба каф ҳар кас ба қадри қилу қол.*

*То қадам бинҳод пои рағбатат бар Тошканд,*
*Шуд зи юмни мақдамат ҷамъи раоё арҷманд,*
*Баски шуд овозаи инъому эҳсонат баланд,*

*Халқи олам гашт аз хони атоят баҳраманд,*
*Шуд гадо Қорун зи лутфат бо гурури ганҷу мол.*

*Тифли авзоят зи минои назокат хӯрда об,*
*Қомати сарват зи ҷӯбори назокат хӯрда об,*
*Моҳии иқболат аз баҳри саодат хӯрда об,*
*Теги хунрезат зи дарёи шуҷоат хӯрда об,*
*Зарби шамшери ҳалокат умри душманро завол.*

*Захмомезии бозу бурда сад пили замон,*
*Гӯй аз майдон рабуд он сафдари соҳибқирон,*
*Дидае кам дидаву нашнида гӯше дар ҷаҳон,*
*Ё ҳикоят карду нақл аз Ҳотами Тоӣ баён,*
*Инчунин Databases Дородилу Ҷамшедфар, Рустамвисол.*

*Эй ба мардӣ шӯҳраи офоқ, ҳам якто хирад,*
*Хок шуд зери рикобат пайкари мардони мард,*
*Шуд сари гарданкашон, к-аз зарби тегат гард-гард,*
*Корзорат дид ҳар кас рағбати майдон накард,*
*Ин масал бишнав, ки н-ояд ҷуръаи гург аз шагол.*

*То фурӯғи оразат аз тоқи Тӯрон рӯ намуд,*
*Ҳусни сад Юсуф бурун аз қаъри зиндон рӯ намуд,*
*Оламе зери инонат таҳниятхон рӯ намуд,*
*Шодмонӣ дар миёни Мисру Канъон рӯ намуд,*
*Шуд харидор дар ҷаҳоне аз ҷавон то пирзол.*

*Шери тадбири мамолик дар сафи зӯроварон,*
*Бо ғами шерӣ сипарда садди соле дар замон,*
*Гӯй аз майдон рабуд он сафдари соҳибқирон,**
*Зад қазо занги ҳақорат, рехт мағзаш аз даҳон,*
*Рафт бар хоки адам он бадсиришту бадфиол.*

*Эй ниҳоли қоматат зеби баҳори зиндагӣ,*
*Хизри нусрат дода об аз ҷӯйбори зиндагӣ,*
*Эй уқоби ошёни кӯҳсори зиндагӣ,*
*Сайди давлат бо дар омад дар шикори зиндагӣ,*
*Аз ҳаросат рафта хоб аз дидаи шеру ғизол.*

---

* Чанд қасида ба хони он замони Қӯқанд Умархон бахшида шудааст.

*Дар ҳузури базмат аз неъматсароёни замон,*
*Хонд ҳар к-ӯ қиссаи Искандару Нӯшинравон,*
*Корзорат ҳамчунон буд чун ҳунарбар дар ҷаҳон,*
*Теги обдорат ҳамоно нав кашида аз миён,*
*Панди даврон, ҷоми ҳиммат, нозу неъмат, шаҳду бол.*

*Куп турур меҳмонсарои узра ҳар шому саҳар,**
*Кунда юзминг хон, ҳар хон узра юзминг моҳзар,*
*Хотири меҳмон учун қанд илла ҳолвою шакар,*
*Маҷлисоролиқ қилӯр ул Ҳотами Тои асар,*
*Ҳур сунарда ҷоми лаззат ком олур аз шаҳду бол.*

*Ҳеҷ гул чун оразат бар авҷи обу ранг нест,*
*Ҳеҷ марде бар тақозоят ҳарифи ҷанг нест,*
*Дар шуҷоатномаат ҷуз ҳарфи ному нанг нест,*
*Бо тарозуи сифотат ҷуз ҳаё ҳамсанг нест,*
*Мунҳазим аз хеш созад низ дарёро ҷибол.*

*Бога юзлонсам қадинг сарву хиромон ухшамас,*
*Гулшани фирдавс аро ҳуснинга ризвон ухшамас,*
*Қимати лаъли лабинга гавҳари кон ухшамас,*
*Хомаи таъриф уза тугрои унвон ухшамас,*
*Ерда хуршед ухшамаским осмон узра ҳилол.*

*Салтанат Рахшин миниб азм этти ҷавлон эгаси,*
*Бу саодат рутбасин бӯлди Тӯрон эгаси,*
*Илтифоти хон этиб инъому эҳсон эгаси,*
*Маъдан айтибдур ҷавоб хуш беги султон эгаси,*
*Лутф қилсун бандасига ҳазрати эзид таол.*

*Рахши давлат зери по ҳар ҷо ба сад ҷавлон туӣ,**
*З-ин саодат тоҷдори давлати Тӯрон туӣ,*
*Ҳар кӣ ояд бо ниёзи худ, дари эҳсон туӣ,*
*Бишнав аз Маъдан сифоти беназирӣ, он туӣ,*
*Лутф бинмояш худованди сарири бемисол.*

---

* Ғайри анъана дар ду банд такроран омадааст, ки шояд иллати кори хаттот ё баргардонанда бошад.

** Ду банди туркӣ дар байни бандҳои форсӣ омадаанд.

*** Дар нусхаи дастхати мо ин банд нест, вале тарҷимаи банди болоӣ туркист.

# МУСАДДАСОТ

*Ораста набӣ қомати дилҷӯи муборак,*
*Бишкуфта гуле аз чамани хӯи муборак,*
*Шуд гулшани тавҳид пур аз бӯи муборак,*
*Ҳақ гуфт: "-Ҳабибо, бинамо рӯи муборак!"*
*Бинмуд Муҳаммад хами гесӯи муборак,*
*Шуд атрфишон голияи мӯи муборак.*

*Пеш аз ҳама ороиши нӯҳ тоқи муаззам,*
*Як ламъа дурахшид аз он нури мукаррам,*
*Марғуби ҷаҳон шуд зи ҳама гашт муқаддам,*
*Бархост алоло зи хами оламу одам,*
*Бинмуд Муҳаммад хами гесӯи муборак,*
*Шуд атрфишон голияи мӯи муборак.*

*Ӯ буду набуд ин ҳама ашёи мамолик,*
*Арзу фалаку лавҳу қалам, хайли малоик,*
*На роҳбари роҳ, на раҳ буду на солик,*
*Сад шукр, ки аз вартаи ин дашти маҳолик,*
*Бинмуд Муҳаммад хами гесӯи муборак,*
*Шуд атрфишон голияи мӯи муборак.*

*Маъмураи кавнайн туфайлаш шуда мавҷуд,*
*Варна на ҷаҳон буду на волиду на мавлуд,*
*Шамсу Қамару Зӯҳраю Парвину Аторуд,*
*Донӣ зи чӣ дар бурҷи саодат шуда масъуд?*
*Бинмуд Муҳаммад хами гесӯи муборак,*
*Шуд атрфишон голияи мӯи муборак.*

*Онҳо, ки қасам бар сари он мӯй бубастанд,*
*К-аз ҳурмати он аҳду вафоро нашикастанд,*
*Сармасти маи ваҳдату ҳушёру аластанд,*
*Дар роҳи талаб хушдилу озод нишастанд,*
*Бинмуд Муҳаммад хами гесӯи муборак,*
*Шуд атрфишон голияи мӯи муборак.*

*Ҳар ҷо, ки зиёратгаҳи он мӯй муҳайёст,*
*Дилро чӣ ҳавои ҳарами Ясрибу Батҳост,*
*К-аз макраматаш зулмати Фаргона мусаффост,*
*Сад шукр, ки ин мартаба бар коми дили мост.*
*Бинмуд Муҳаммад хами гесӯи муборак,*
*Шуд атрфишон голияи мӯи муборак.*

*Фардо, ки шавад субҳи ҷазо маъракаафрӯз,*
*Хуршед шавад моили он дашти ҷигарсӯз,*
*Мактуб расад бо ҳама чун тифли навомӯз,*
*Овоз диҳад ҳотифи уммед, ки имрӯз,*
*Бинмуд Муҳаммад хами гесӯи муборак,*
*Шуд атрфишон голияи мӯи муборак.*

*Дил хаставу ҷон пураламу сина ҷароҳат,*
*Расвою саросема дар он дашти қиёмат,*
*Дорад зи ту он гамзада уммеди шафоат,*
*Гӯӣ, ки биё, Маъдани ҳиҷлатзада уммат,*
*Бинмуд Муҳаммад хами гесӯи муборак,*
*Шуд атрфишон голияи мӯи муборак.*

* * *

*Шоҳист қаду қомати болош муборак,*
*Чашму нигаҳу наргиси шаҳлош муборак,*
*Хуш бадри мунир аст, ба симош муборак,*
*Омад ба ҷаҳон нақши кафи пош муборак,*
*Танҳо на сари зулфи сумансош муборак,*
*Ҳар мӯш муборак, ҳама аъзош муборак.*

*Таҳқиқи яқин ламъаи нур аст вуҷудаш,*
*Мустагриқи минои таҳур аст вуҷудаш,*
*Аз кибр мубаррою нуфур аст вуҷудаш,*
*Мақсуди ҳама ҳури қусур аст вуҷудаш,*
*Танҳо на сари зулфи сумансош муборак,*
*Ҳар мӯш муборак, ҳама аъзош муборак.*

*Диданд саводи рақами мими Муҳаммад,*
*Дар лавҳи қалам сархати тақдими Муҳаммад,*

*Карданд малоик ҳама таслими Муҳаммад,*
*Шайтон зи ҳасад раҷм шуд аз босими Муҳаммад,*
*Танҳо на сари зулфи сумансош муборак,*
*Ҳар мӯш муборак, ҳама аъзош муборак.*

*Фирдавс гуле аз чаманистони узораш,*
*Кавсар қадаҳе аз маи тавфиқ шиораш,*
*Ҷибрили Амин қофиласолори диёраш,*
*Аз даргаҳи ҳақ ёфт иҷозат ба канораш,*
*Танҳо на сари зулфи сумансош муборак,*
*Ҳар мӯш муборак, ҳама аъзош муборак.*

*Як ҷилва намуд оинаи сунъи илоҳӣ,*
*Гардид таҷаллӣ ҳама аз моҳ ба моҳӣ,*
*Шуд тоҷи лаъамрук ба сараш афсари шоҳӣ,*
*Кавнайн ба пайғамбариаш дод гувоҳӣ,*
*Танҳо на сари зулфи сумансош муборак,*
*Ҳар мӯш муборак, ҳама аъзош муборак.*

*Авсоф Абулқосиму асмо шуда Аҳмад,*
*Хайрулбашару сайиди лавлоки Муҳаммад,*
*Шуд макраматаш дар ду ҷаҳон сарвару сармад,*
*Манзури лиқояш чӣ муаллову чӣ авсад,*
*Танҳо на сари зулфи сумансош муборак,*
*Ҳар мӯш муборак, ҳама аъзош муборак.*

*Хонанд саноят ҳама офоқ ба талқин,*
*Султони араб, хоҷаи "Тоҳо"-ву "Ёсин",*
*Ҳар субҳ барояд сифаташ бонги муаззин,*
*Дар мадрасаву масҷиду меҳроб батамкин,*
*Танҳо на сари зулфи сумансош муборак,*
*Ҳар мӯш муборак, ҳама аъзош муборак.*

*Зад пои иродат ба саропардаи олам,*
*К-аз муқтасабаш рафъ шуд аз аҳли ҷаҳон ғам,*
*К-охир зи ҳама омаду шуд фавқ муқаддам,*
*Осори рисолат ҳам аз ӯ гашт мухаттам,*
*Танҳо на сари зулфи сумансош муборак,*
*Ҳар мӯш муборак, ҳама аъзош муборак.*

*Қавли ҳама фатвою тасҳеҳ бар ин аст,*
*Он мӯи муборак, ки ба Фарғоназамин аст,*
*Яъне, ки тавофи ҳарамаш Каъбаи дин аст,*
*Тасдиқи дили Маъдани бечора ҳамин аст,*
*Танҳо на сару зулфи сумансош муборак,*
*Ҳар мӯш муборак, ҳама аъзош муборак.*

* * *

*Эй туроби даргаҳат мақсуди ҳар уммедвор,*
*Илтифотат мухлиси нокомии ҳар вомдор,*
*Боракалло бар камолу ҳимматат, эй шаҳриёр,*
*Бод раҳмат мар тую бар ҷадду обоят ҳазор,*
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

*Эй намакпарварда, бекларбегии соҳибқирон,*
*Маҳрами рози хафию ошкорою ниҳон,*
*Офарин, аҳсант дар аҳду вафоят дар ҷаҳон,*
*Эй ҳарими хоси арбоби карамро посбон,*
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

*Кӯр бодо бар нифоқи давлатат чашми ҳасад,*
*Хок гардад дар раҳат бигзор бар фарқаш лагад,*
*Ҳар куҷо рӯ оварад, рӯҳи бузургонат мадад,*
*Ҳақ таоло дар паноҳаш ҳифз дорад то абад,*
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

*Эй хушо марде, ки монад номи некаш дар ҷаҳон,*
*То қиёмат қисса бар номаш бихонад қиссахон,*
*Аз ду кас осори некӣ монда дар олам нишон,*
*Ҳиммат аз Ҳотам, зуҳури адл аз Нӯширавон,*
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

*Равнақи бозори Понсадғозии боғи чаман,*
*Зиннати мулки вилоят, шамъи базми анҷуман,*

*Ин масал бишнав, ки гуфт он шоири ширинсухан:*
*"-Гарчӣ дилгир аст аз гурбат, шараф дорад Ватан"*,*
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

*Ҳар кӣ омад бар сароят "-Хотират хуш бод!" гуфт,*
*Бо адаб биншасту "-Ин манзил муборак бод!" гуфт,*
*Даст боло карду бар меъмори ӯ "-Устод" гуфт,*
*"-Кас надида ин бино дар олами эҷод!" гуфт,*
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

*Он ки аз мардӣ ба мардони ҷаҳон шуд дар писанд,*
*З-илтифоти шаҳриёрӣ гашта шоду арҷманд,*
*Рахнаи номусро аз хуни душман кард банд,*
*Ҳотами шоиста халқе аз атояш баҳраманд,*
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

*Эй сару сардори беклярбегии олиҳашам,*
*Фавқи аркони салотин, муқтадои мӯҳташам,*
*Рустами вақтию номат шӯҳра дар мулки Аҷам,*
*Нест ҳар як аз сипоҳони ту аз Сӯҳроб кам,*
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

*Шамъи базми маҷлиси он Хисрави даврон туӣ,*
*Офтоби Тошканду моҳи Туркистон туӣ,*
*Дар ҳақиқат дӯстдори ҳазрати султон туӣ,*
*Бар низоми мамлакат зебандаи сомон туӣ,*
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

*Шоҳбозе дар нишемангоҳи гайрат чун уқоб,*
*Зери чанголат ҷаҳоне дар ҳаросу печутоб,*
*Заҳраи душман зи осеби нигоҳат гашта об,*
*То ба огози газаб пои ту омад бар рикоб,*
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

*Дидаи бинандае ҳаргиз надида дар ҷаҳон,*
*Ҳеҷ гӯше инчунин нашнида дар кавну макон,*
*Чун ту мардафкан далеру шердил, соҳибқирон,*
*Эй ҳунарбар, бешаи пеояи Мозандарон,*
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

*Ҳаминонат дар муқобил Қайсару Фағфур нест,*
*Дастгоҳи Ҳотами Той ин қадар машҳур нест,*
*Дар рамузи ҷангҷӯён аз хаёлат дур нест,*
*Чункӣ додӣ чашми ҳиммат рахнаи Мансур нест,*
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

*Равзаи хулд аст ё гулдастаи боғи биҳишт,*
*Ё ибодатхонаи халқ аст ё саҳни куништ?*
*Чарбдастиҳои меъмораш ба ин сурат сиришт,*
*Килки Маъдан руқъаи таърихи авсофаш навишт".**
*Тӯқсабо, эй сарвари хайли сипоҳи Тошканд,*
*Бод то субҳи қиёмат дасти иқболат баланд!*

---

* Моддаи таърих, соли 1244 ҳиҷрӣ.

* * *

*Эй ба мардӣ дар сафи мардони мардафкан далер,*
*Тоҷдорон дар хами чавгони иқболат асир,*
*Рустами сонист ё Каррори ҳафт иқлимгир*,*
*Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,*
*Гӯшаи тахти шаҳаншоҳи вилоятро вазир.*

*Эй муқаддам аз ҳама хайли амалдори насаб,*
*Хизри давлат дар барат хам карда зонуи адаб,*
*Фатҳу нусрат дар инонат баҳри хилъат рӯзу шаб,*
*То чӣ фармоӣ қабули он кунад бо ҳукми раб*
*Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,*
*Гӯшаи тахти шаҳаншоҳи вилоятро вазир.*

---

* Мисрае дар дастхат афтодааст.

*Ҳақтаоло баски Мансури Музаффар сохташ,*
*Баргузид аз лутфи раҳмат мири лашкар сохташ,***
*Соҳиби тугу алам чун тоҷи афсар сохташ,*
*Аз таааллуқ ҳарчӣ ӯ хоҳад муяссар сохташ,*
*Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,*
*Гӯшаи тахти шаҳаншоҳи вилоятро вазир.*

*Хост Рахши ҳимматаш сайри Қаротегин кунад,*
*Аз газаб рӯ бар Ҳисору Қалъаи Сангин кунад,*
*Бо шукӯҳи гирудораш нӯҳ фалак таҳсин кунад,*
*Мардумони гулро шарҳи усули дин кунад,*
*Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,*
*Гӯшаи тахти шаҳаншоҳи вилоятро вазир.*

*Баски шуд душман ба зери пойи он шоҳ, мухлис аст,*
*Лашкари беҳад гирифта ҳамчунон ҷанг кардааст,*
*Мири лашкар шуд зи файзи бодаи иқбол маст,*
*Гирди ҳар кишвар бирафту боз бар ҷояш нишаст,*
*Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,*
*Гӯшаи тахти шаҳаншоҳи вилоятро вазир.*

*Аз Сари Пул то ҳади Сурхоб, то он Обигарм,*
*Саркашонашро ба шамшери сиёсат карда нарм,*
*Дид он ифлосакони гӯли беномусу шарм,*
*Гуфт таърихаш, ки "по дар кӯҳистон дод азм",*
*Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,*
*Гӯшаи тахти шаҳаншоҳи вилоятро вазир.*

*Он саодатманд аз ҷоми саодат хӯрда май,*
*Хокбӯси даргаҳаш Кайхисраву Ковуси Кай,*
*Бодпои давлаташ манзил мароҳил карда тай,*
*Аз ҳади Фаргона то ҳадди биёбони Алай,*
*Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,*
*Гӯшаи тахти шаҳаншоҳи вилоятро вазир.**

*Баски шуд овозаи табли ҳунармардон баланд,*
*Пурдилон тороҷгар монанди гургу гӯсфанд,*
*Мардумонро кушт ҳар рӯз дар шумори нӯҳ чанд,*

---

** "аз лутфи султон мири лашкар сохтан", ки мантиқан хатост.

* Ин ҷо пешвои муқтадоёни амир омадааст.

*Шуд сари гарданкашон аз рахнаи девор банд,*
*Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,*
*Гӯшаи тахти шаҳаншоҳи вилоятро вазир.*

*Шуд фусурда, к-андар он ҷо дасти марди тегзан,*
*Мурдагон бегуслу бегассол, бе гӯру кафан,*
*Каргасонро луқма гашта, тӯъмаи зогу заган,*
*Медиҳад ин қисса ёд аз қатли оми Кураган,*
*Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,*
*Гӯшаи тахти шаҳаншоҳи вилоятро вазир.*

*Ҷангҷӯён бар ҳисори хасм ҷанг андохтанд,*
*Шоҳбозон сайди ваҳширо ба чанг андохтанд,*
*Хуни душманро ба хоки тираранг андохтанд,*
*Румиёну Ҳинду бунёди Фаранг андохтанд,*
Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,
Гӯшаи тахти шаҳаншоҳӣ вилоятро вазир.

Шоҳ дид он карру фар савту садои ҷастухез,
Гуфт ё хизре талаб, эй ҳодии роҳи гурез,
Беҳ бувад бигрехтан чандон, ки мурдан аз ситез,
Пушт рӯ оварда бигрехт он хуносоёни ҳез,
Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,
Гӯшаи тахти шаҳаншоҳӣ вилоятро вазир.

Гуфт бо хайли ҳашам "Баъд аз низоми кӯҳсор,
Орзу дорам тамошогоҳи Дарбозу* Ҳисор,
Рӯ ба Кӯлоб оварам, чандон намоям корзор,
То равад овозаам бар Исфаҳону Қандаҳор",
Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,*
Гӯшаи тахти шаҳаншоҳӣ вилоятро вазир.

Рустами мулки шуҷоат соҳиби туғрои тоҷ,
Ёфт аз фатҳи кӯҳистон равнақи кораш ривоҷ,
Гуфт: "Аз Дарвозиён бояд, ки бистонам хироҷ,
Аз Бадахшон лаъл гирам, аз шаҳи Кӯлоб боҷ"
Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,
Гӯшаи тахти шаҳаншоҳӣ вилоятро вазир.

Ҳеҷ чашме инчунин ҳангома дар олам надид,
Ҳеҷ гӯше ин ҳикоят аз забоне нашнавид,

Қосиди пайғоми ӯ то Руму Ҳиндустон расид,
Ҷонсупорӣ кард, лутфи "-Боракалло!"-ҳо шунид,
Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,
Гӯшаи тахти шаҳаншоҳӣ вилоятро вазир.

Ҳар куҷо ирсоли васлаш ҳудҳуди иқбол бурд,
Хатм шуд он ҷо китоби "Қиссаи Сӯҳроби гурд",
Дӯстонаш шод, хасмаш доғ шуд, аз ғусса мурд,
Волии Фарғона сархайли сипоҳонаш шумурд,
Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,
Гӯшаи тахти шаҳаншоҳӣ вилоятро вазир.

Ин қавидавлат ба даргоҳи ҷалолат бор ёфт,
Аз навозишҳои ҳазрат рутбаи бисёр ёфт,
Муддаояш ҳар чӣ буд, афзун дусад миқдор ёфт***,
Хилъати шоҳон, нигар, симу зару динор ёфт,
Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,
Гӯшаи тахти шаҳаншоҳи вилоятро вазир.

*Ман, ки мегӯям дуояш рӯзу шаб, ҳар субҳу шом,*
*Ҳақ саломат дорадаш дар арсаи доруссалом,*
*Сарф шуд умрам ба савдои дуогӯӣ тамом,*
*Воҷиб аст бояд бигӯям мадҳи авсофаш мудом,*
*Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,*
*Гӯшаи тахти шаҳаншоҳи вилоятро вазир.*

*Аз шаҳи Дарбоз пурсидам: "-Ривоҷи кор ку?"*
*Гуфт: "-Дод аз дасти туркон, лашкари кӯҳсор ку?"*
*Гуфт: "-Эй Маъдан, зи таърихаш бигӯ, "ахбор ку?"**
*Шоҳ гуфт: "-Эй бачамардон, марди ботугдор ку?"*
*Мири лашкар, муқтадои пешвоёни амир,*
*Гӯшаи тахти шаҳаншоҳи вилоятро вазир.*

---

** Афтодааст.

* Дарвоз

** Дар як мисраъи такроршавандаи хоси мусаддас ғайримуқаррарӣ ин тавр омадааст: "Боракалло, мири лашкар, дар сафи аъдо далер". Шояд ин яке аз гунаҳои аввали дастхати шоир ва ё хаттоте бошад.

*** Дар нусхаи дастхате, ки дар дасти мост, дар се мисраъ "дошт" омадааст.

* Моддаи таърих, соли 1349 ҳиҷрӣ

# МУСАББАЪОТ

*Ассалом, эй меҳри афлоки рисолатро зиё,*
*Ассалом, эй мазҳари субҳи нубувватро сафо,*
*Садри айвони ҷалолат соҳиби иззу ливо,*
*Ёфт олам аз туфайлат шеваи нашъунамо,*
*Сайиди кавнайн, эй шоҳаншаҳи ҳарду саро,*
*Ассалом, эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо,*
*Дорам уммеди шафоат аз ту дар рӯзи ҷазо.*

*Аз замин то осмон бар рифъатат як пояе,*
*Азми авҷи кибриёят хонаи ҳамсояе,*
*Бар камингоҳи хиромат нӯҳ фалак шуд дояе*,*
*Дида иқболат ба даргоҳи тақарруб вояе,*
*Ҳеҷ пайғамбар надорад ин қадар сармояе,*
*Ассалом, эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо,*
*Дорам уммеди шафоат аз ту дар рӯзи ҷазо.*

*Ассалом, эй шаҳсавори арсаи лавлоки лам,*
*Ассалом, эй қомат аз бори ибодат карда хам,*
*Ассалом, эй бастаи санги қаноат бар шикам,*
*Аз ғами уммат гиребони тазаррӯъ карда нам,*
*Карда аз хуноби ҳасрат тӯшаи роҳи адам,*
*Ассалом, эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо,*
*Дорам уммеди шафоат аз ту дар рӯзи ҷазо.*

*Ассалом, эй хоки роҳат кӯрчашмонро маҳак,*
*Баста ҳар равшандиле бар дида ҳамчун мардумак,*
*Ассалом, эй баҳри эҳсонат ба олам муштарак,*
*Ҷуз табассум во нашуд лаълат ба овози зуҳак,*
*Ман саги кӯи туям пиндориям камтар зи саг,*
*Ассалом, эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо,*
*Дорам уммеди шафоат аз ту дар рӯзи ҷазо.*

*Ассалом, эй обу ранги равнақи дунёи дин,*
*Ассалом, эй сиккаи номат имомулмуттақин,*
*Ассалом, эй суда бар меҳроби ақсоят ҷабин,*
*Аршу курсӣ, хок шуд зери Буроқат чун замин,*

*Гарчӣ сонӣ омадӣ, будӣ ту фахрулаввалин,*
*Ассалом, эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо,*
*Дорам уммеди шафоат аз ту дар рӯзи ҷазо.*

*Нури аслӣ буд зотат, қобили хок омадӣ,*
*Дар таҷаллигоҳи ваҳдат чусту чолок омадӣ,*
*Аз шароби лутфи Ҳақ масту фараҳнок омадӣ,*
*Бар сарат тоҷи лаъамрук шоҳи Лавлок омадӣ,*
*Аз манохӣ пок будӣ, бар ҷаҳон пок омадӣ,*
*Ассалом, эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо,*
*Дорам уммеди шафоат аз ту дар рӯзи ҷазо.*

*Ассалом, эй шомили фазлу иноёту шараф,*
*Баста нақши ҳотаму мӯҳру нубувватро ба каф,*
*Баҳри уссоти умам, тири дуоят бар ҳадаф,*
*Гар набудӣ пояи шаръат ба олам мӯътараф,*
*Каҷниҳодонро будӣ дину диёнат бартараф,*
*Ассалом, эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо,*
*Дорам уммеди шафоат аз ту дар рӯзи ҷазо.*

*Ё расулаллоҳ, шабохунхӯрдаи роҳи туям,*
*Тӯҳфаи зоде надорам, дасткӯтоҳи туям,*
*Узрҳо дорам зи нуқсон маъзуратхоҳи туям,*
*Ашки исён дораму фарроши даргоҳи туям,*
*Гарчӣ бар ғафлат яқинам, лек огоҳи туям,*
*Ассалом, эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо,*
*Дорам уммеди шафоат аз ту дар рӯзи ҷазо.*

*Дӯстдори чор ёрам дар раҳи аҳду вафо,*
*Чун Абӯбакр аст аввал Маъдани сидқу сафо,*
*Баъд аз он бошад Умар адлу шуҷоатро зако,*
*Сеюмин Усмон бувад, зебандаи ҳилму ҳаё,*
*Қалъаи Хайбаршикан, чорум Алии Муртазо,*
*Ассалом, эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо,*
*Дорам уммеди шафоат аз ту дар рӯзи ҷазо.*

*Маъдани овораам, дар фикр сарсон омадам,*
*Раҳнаварди роҳи шеърам, ому нодон омадам,*
*Аз адаб дурам, ба таълими дабистон омадам,*
*ВорИси ашъори Ҷомӣ, пайрави он омадам,*

*Бар дарат ман ҳам ба уммеди фаровон омадам,*
*Ассалом, эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо,*
*Дорам уммеди шафоат аз ту дар рӯзи ҷазо.*

---

* Дар яке аз дастхатҳо «сармояе» омадааст

* * *

*Эй шафеъи рӯзи маҳшар, ҳомии ҳар хосу ом,*
*Эй азимушшаън, тафсири сифотат дар калом,*
*Орзу дорам туро бар даргаҳат созам мақом,*
*Бар умеди он, ки ояд сайди мақсудам ба дом,*
*Шояд аз лутфи ту гирад равнақи корам низом,*
*Хоҷаи "Тоҳо"-ю "Ёсин", сайиди хайрулином,*
*Эй, расули ҳарду олам, ассалоту вассалом!*

*Эй, мукаффил бар хатои ҷурму исёни умам,*
*Эй, шафоатхоҳи ҳар номақбулу ҳар муттаҳам,*
*Эй, навосози навои пардаи ҳар зеру бам,*
*Чун ту мавҷуде на пайдое, на ҳастӣ то адам,*
*Шоҳи иқлими араб, шоҳаншаҳи мулки Аҷам,*
*Хоҷаи "Тоҳо"-ю "Ёсин", сайиди хайрулином,*
*Эй, расули ҳарду олам, ассалоту вассалом!*
*Килки қудрат дар саводи хомаи тақдир буд,*
*Руқъаи номи ту он ҷо шореҳи таҳрир буд,*
*Қолаби Одам миёни обу гил тахмир буд,*
*Чордевори аносир шомили таъмир буд,*
*Нақши эҷоди ту дар кошонаи тасвир буд,*
*Хоҷаи "Тоҳо"-ю "Ёсин", сайиди хайрулином,*
*Эй, расули ҳарду олам, ассалоту вассалом!*

*Будӣ он рӯзе, ки Одам рогиби дунё набуд,*
*Худ ҳувайдо будиву дунёи "мозӣ"-ҳо набуд,*
*Аршу курсию малоик сифлии улё набуд,*
*Ғайри зоти лоязолӣ шевае пайдо набуд,*
*Ҷуз таҷаллои ту ломеъ дар ҳама ашё набуд,*
*Хоҷаи "Тоҳо"-ю "Ёсин", сайиди хайрулином,*
*Эй, расули ҳарду олам, ассалоту вассалом!*

*Дар ҳақиқат пешвои олами инсон туӣ,*
*Шарҳи матни ояти Таврот, ҳам Фурқон туӣ,*
*Сархати девони фитрат, маҳфили урён туӣ,*
*Кавни имкон бе ту мумкин нест, ҳар имкон туӣ,*
*Ҳар чӣ гӯям созише дорад, сазои он туӣ,*
*Хоҷаи "Тоҳо"-ю "Ёсин", сайиди хайрулином,*
*Эй, расули ҳарду олам, ассалоту вассалом!*

*Чун Самак вобастаи дарёи ваҳдат омадӣ,*
*Гавҳари якдонае аз баҳри раҳмат омадӣ,*
*Ҳар ду гетиро сироҷи дину миллат омадӣ,*
*Бар сари тороҷгоҳи куфру зулмат омадӣ,*
*Ҷурми мо дидиву аз баҳри шафоат омадӣ,*
*Хоҷаи "Тоҳо"-ю "Ёсин", сайиди хайрулином,*
*Эй, расули ҳарду олам, ассалоту вассалом!*

*Имтиҳон гар буд кубро дар мақоми чокарӣ,*
*Шояд аз ҷойи ту ёбад нашъаи пайғамбарӣ,*
*Шуд саҳобе бар сарат густурда ҳамчун чодаре,*
*Қимати ҳар нақди борат шуд ба қадри гавҳаре,*
*Шаш ҷиҳат овозаат мумтоз шуд бо сарварӣ,*
*Хоҷаи "Тоҳо"-ю "Ёсин", сайиди хайрулином,*
*Эй, расули ҳарду олам, ассалоту вассалом!*

*Ман, ки муҳлики гуноҳам ғарқи дунёи ҷуҳул,*
*Мӯҷиби заҷру иқобам, лоиқи зиндони ғул,*
*Ҳам қалилулэътиқодам дар сафи некон малӯл,*
*Дар табу тоби гудозам ҳамчу наҷми беҳусул,*
*Лутф кун, ё раб, туфайли Оли асҳоби Расул,*
*Хоҷаи "Тоҳо"-ю "Ёсин", сайиди хайрулином,*
*Эй, расули ҳарду олам, ассалоту вассалом!*

*Баски девони қазо бар лавҳи тақдирам навишт:*
*"Тирабахту шармсору рӯсияҳ, афъоли зишт",*
*Чеҳрафарсоӣ нашуд расме ба меҳроби куништ,*
*Дар замини умри Маъдан тухми огоҳӣ накишт,*
*Бо чунин атвор дорад ифтихороти биҳишт*
*Хоҷаи "Тоҳо"-ю "Ёсин", сайиди хайрулином,*
*Эй, расули ҳарду олам, ассалоту вассалом!*

* * *

*Эй он, ки Худост дӯстдораш,*
*Бархонд ҳабиби кирдугораш,*
*Ҷибрил нишаста бар канораш,*
*Ҳақ дошт ба лутфи устувораш,*
*Батҳои Мадина шуд мазораш,*
*Бӯбакру Умар рафиқи гораш,*
*Усмону Алист чор ёраш.*

*З-ин чор ёр шуд мувофиқ,*
*Бӯбакр муосир асту собиқ,*
*Умар ба шуҷоъу адл лоиқ,*
*Усмон ба сафою сидқ содиқ,*
*Ҳайдар сару сарвари халоиқ,*
*Бӯбакру Умар рафиқи гораш,*
*Усмону Алист чор ёраш.*

*Он чор дарахти боғи ваҳдат,*
*Сабзанд зи ҷӯйбори раҳмат,*
*Файёзи азал зи файзи фитрат,*
*Орост шарифи поктинат,*
*Гаштанд сироҷи базми уммат,*
*Бӯбакру Умар рафиқи гораш,*
*Усмону Алист чор ёраш.*
*Аз ҷабри қурайшиёни бедод,*
*Бастанд лаб аз фиғону фарёд,*
*Сайде, ки фитад ба доми сайёд,*
*Карданд бинои сабр бунёд,*
*Гаштанд ҳама фароғу дилшод,*
*Бӯбакру Умар рафиқи гораш,*
*Усмону Алист чор ёраш.*

*Онҳо ҳама дар раҳи ризоянд,*
*Вобаста ба тоати худоянд,*
*Шаҳбози ҳарими кибриёянд,*
*К-андар раҳи сидқ босафоянд,*
*Дамсозу муини мустафоянд,*
*Бӯбакру Умар рафиқи гораш,*
*Усмону Алист чор ёраш.*

*Буд аз ҳама пешвои асҳоб,*
*Сиддиқи Қаҳоф, ибни Хаттоб,*
*Нурайни Алӣ маҳи ҷаҳонтоб,*
*Мифтоҳи ҷаҳон, шери Ваҳҳоб,*
*Дебои таоруфанд алқоб,*
*Бӯбакру Умар рафиқи гораш,*
*Усмону Алист чор ёраш.*

*Дар бурҷи шараф чаҳор ахтар,*
*Ҳар як ба тариқае мунаввар,*
*Баъзе ба сафои адли ховар,*
*Баъзе ба ҳаё вуҷуди мазҳар,*
*Ин аст мизоҷи чор сарвар,*
*Бӯбакру Умар рафиқи гораш,*
*Усмону Алист чор ёраш.*

*Будӣ ҳама умр орзӯям,*
*Мақсуду муроди ҷустуҷӯям,*
*Гардад дари файзи раб ба рӯям,*
*Маъдан, раҳи орифон бипӯям,*
*Алқоби чаҳор ёр гӯям,*
*Бӯбакру Умар рафиқи гораш,*
*Усмону Алист чор ёраш.*

## МАСНАВИЁТ

*Ба ҳукми Худованди лайлу наҳор,*
*Шунидам, ки дар арсаи рӯзгор*
*Сипоҳони ҷаррори Қипчоқдашт,*
*Шуда чору панҷу шашу ҳафту ҳашт.*
*Ҳама маслиҳатсози огози ҷанг,*
*Зада бар шукӯҳи сипоҳи диранг.*
*Чу филони* ҷангӣ шуда дар хурӯш,*
*Ки дарёи Фаргона омад ба ҷӯш.*
*Зи авҳоми мардони шамшерзан,*

* Пилони

*На сафкаш бимондиву не сафшикан.*
*Ҳунарбар ба иқболи худ арҷманд,*
*Ки гургон ба горатгаҳи гӯсфанд.*
*Ба навъе, ки омехт Сӯҳроби гурд,*
*Ки Рустам раҳо гашту Сӯҳроб мурд.*
*Ғурури хусумат намояд асар,*
*Падарро чӣ парво зи марги писар?*
*Сари саркашонро ба шамшери тез,*
*Буриданд қипчоқиён аз ситез.*
*Зи гарданфарозони мулки ҳасад,*
*Бикуштанд чанде ба тегу лагад.*
*Сипоҳон ба сӯи рама тохтанд,*
*Зи чӯпон ҳарба барандохтанд.*
*Сипоҳӣ ба душман сиёсат кунад,*
*Рафоҳат ба кори раият кунад.*
*Зи адлаш раоё шавад шодком,*
*Ки теги дуо баркашад аз ниём.*
*Биҳамдиллаҳ, дар давлати шаҳриёр,*
*Ки ҳангоми дай рафту омад баҳор.*
*Дарахтони борӣ шуда борвар,*
*Ки мургони лаҳнӣ ба боми саҳар.*
*Саногаш барояд ба бонги баланд,*
*Ки гӯяд туро таҳният Тошканд.*
*Зиҳӣ, фатҳу иқбол, хушадлу дод,*
*Ки сайди муродаш ба дом уфтод.*
*Аз ин беҳ чӣ давлат бувад дар ҷаҳон,*
*Ки тегаш хӯрад об аз осмон?*
*Замираш чу оина соф аст, соф,*
*Надорад губори муҳолаш хилоф.*
*Зи фармони ӯ ҳар касе сар кашид,*
*Ба дори уқубат варо баркашид.*
*Ба ҳар ҷо, ки фосиқ чу бадкор дид,*
*Ба шамшери нахват сарашро бурид.*
*Раисон ба таъзири мулкаш гумошт,*
*Ки аҳкоми шаръи бар вай гузошт.*
*Ки дар аҳди мингбошии ҳақпараст,*
*Ки майхонаҳо сӯхту хумҳо шикаст.*
*Касе дар дилаш куфр тугён кунад,*
*Мусулмонқул ӯро мусулмон кунад.*
*Арақмаст, кӯкнорию нашъаманд,*

*Ба дори уқубат варо дод банд.*
*Ҷалабҳои махфӣ зи зери замин*
*Бароварду сангсор кардаш яқин.*
*Гурӯҳе ҷавонбоз, бебоку зишт,*
*Ҷароҳат кашиданд аз сангу хишт.*
*Зи авлоди одам ба гирди ҷаҳон,*
*Чӣ Ҷамшеду Хисрав, чӣ Нӯширвон.*
*Накардӣ касе инчунин адлу дод,*
*Ки кораш ба хайр аст, бо хайр бод!*
*Агар зан тақозои шоҳӣ кунад,*
*Ки лаънат ба мурғу ба моҳӣ кунад.*
*Бувад подшоҳӣ ба шамшеру бас*
*Ба мерос натвон гирифтан зи кас.*
*Ки пайғоми адлаш ба ҳар ҷо расид,*
*Дусад офарин, боракалло шунид.*
*Яке аз вазирони олитабор,*
*Хирадманду дорою некушиор.*
*Ба тавфиқи инсоф илму амал,*
*Ки тасбеҳу таҳлилашон дар бағал.*
*Сухансанҷ, донодилу хушкалом,*
*Фалотунтабиат, Арастумақом.*
*Ба фазлу фазоил, ба ақлу адаб,*
*Амалдору дасторхончилақаб.*
*Ба аркони давлат сари сарварон,*
*Шукӯҳи салотин ба фармони он.*
*Нигини ҳукумат бар ангушти ӯ,*
*Сари хасмро бишканад мушти ӯ.*
*Чу шамшери ӯ сар кашад аз ғилоф,*
*Ки Симурғ бигрезад аз кӯҳи Қоф.*
*Агар пои ҳиммат ниҳад бар рикоб,*
*На Рустам гузорад, на Афросиёб.*
*Барорад сари даст аз остин,*
*Занад тег бар фарқи Хоқони Чин,*
*Чу табли адолат занад дар ҷаҳон,**
*Ки музтар шавад рӯҳи Нӯшинвон.*
*Сари хони ҳиммат чу ояд агар,*
*Шавад Ҳотами Той мӯҳтоҷи зар.*
*Ба дастури Абдуллохони Бухор,*

---

* Чор мисраъи зер беҷо пасу пеш омадаанд.

*Чу соҳибқироне, ки ҳаст ошкор.*
*Ба ҳар чӯлу саҳро барои савоб,*
*Бино карда сардобаҳои пуроб.*
*Ғараз номи некаш бимонад ҳаёт,*
*Варо зинда дорад сарои работ.*
*Писанд аст, эй шермарди замон,*
*Иморат кунӣ марқади поки он.*
*Бузурге ба ақсои Сарвак бувад,*
*На андар мақомоти ӯ шак бувад.*
*Зиёбахши афлоки сарҳадзамин,*
*Фурӯғи чароғи шабистони дин.*
*Бувад олиюлқадр, олиҷаноб,*
*Ки фарроши қасраш маҳу офтоб.*
*Муқарраб ба даргоҳи Эзид таол,*
*Ҳувайдокаромоту кашшофи ҳол.*
*Мисолаш на пайдо бувад дар ҷаҳон,*
*Магар чун Масеҳо, ки дар осмон.*
*Шавад зинда аз файзи эъҷози ӯ,*
*Дусадсола фавтида з-овози ӯ.*
*Ба ҳар кас маризӣ, ки ҳоил шавад,*
*Ба он даргаҳи хос дохил шавад.*
*Бихонад дар он ҷо ду ракъат намоз,*
*Савобаш бубахшад бар он бениёз.*
*Рухи худ бимолад ба хоки адаб,*
*Шавад мағфиратхоҳу марҳамталаб.*
*Шифо ёбад аз даргаҳи хоси ӯ,*
*Расонад ба мақсуд ихлоси ӯ.*
*Адаб нест к-ӯро бихонам ба ном,*
*Ки асҳоби ҳазрат алайҳиссалом.*
*Зиҳӣ, фатҳу иқболи он шаҳриёр,*
*Ки зиннат диҳад марқади он мазор.*
*Ба ақди лайоллову бо симу зар,*
*Тарозад сари тоқи ӯ аз гуҳар,*
*Ки таъмири он хонақоҳи бузург,*
*Шуд аз ҳиммати шаҳриёрони турк,*
*Ки дасторхончӣ сари сарварон,*
*Музаффар-сипаҳвори соҳибқирон.*
*Мурувват намудам ба авроқи даҳр,*
*Ба ҳар қаря, бар кӯҳу саҳрову шаҳр,*

*Ки шуд дуди табъам бурун аз димоғ,*
*Ки таърихи ӯро навиштам "суроғ"*.*
*Барояд арӯси талаб ӗз ниқоб,*
*Аҷаб нест, Маъдан шавад комёб.*

* Моддаи таърих, баробар ба соли 1265-уми ҳиҷрӣ.

* * *

*Шабе маҳрами хони олинасаб*
*Барафрӯхт, к-аз май чароғи тараб.*
*Мулукона маҷлис биёроста,*
*Муяссар шудӣ, ҳар чӣ ӯ хоста.*
*Рубобу дафу чанг соз дод,*
*Муғаннӣ чу бо нағма овоз дод.*
*Чу уд аз миён нолаи зор кард,*
*Дили маҳфилиён гирифтор кард.*
*Зад оташ дар ин тор бар тори сар,*
*..........................................*.*

*Бароварда аз авҷи дониш нафасе,*
*Ҳама кони маънӣ, ҳама нуктасанҷ,*
*Муаммокушоёни ин чору панҷ.*
*Ҳумоюни давлат ба фармони ӯ,*
*Парафшон шуда бар сари хони ӯ.*
*Зи нақши адаб дар ҷабинаш рақам,*
*Тавозӯъ ба таъзими ӯ гашта хам.*
*Ҳамон дам, ки деҳқони қудрат бакишт,*
*Бурун омад аз бӯстони биҳишт.*
*Шуда дар ҳузураш муҳайёю бас,*
*Зи ҳар ҷинси неъмат бар дасти кас.*
*Зи анвори ғелосу бодоми талх,*
*Турунҷи Сифоҳону хурмои Балх.*
*Зи ҳалвочаки Понғазу тутмавиз,*
*Ҳарифон аз-ӯ завқ бастанд низ.*
*Ҷавондухте аз маҳфил ин роз суфт,*
*Табассум ба ман карду оҳиста гуфт:*
*"Зи шафтолую себ то чормағз,*
*Аз ин хели неъмат кадомест нағз?**

*Дигар аз наботии ширинмаза,*
*Бубин, ҷониби тарбузу харбуза.*
*Аҷаб неъмате, ки ҳаво сабзпӯш,*
*Ҷавдухти навхатти кокул ба дӯш.*
*Зи ҳар як кадомаш гирифта димоғ,*
*Ки хуш н-оядаш сайри гулҳои боғ.*
*Касе гар миҷозаш бувад гарму сард,*
*Ки Луқмон ба дафъаш варо ҳукм кард...*
*Зи оби ҳамон неъмати дилписанд,*
*Қазо ҷуръае рехт дар коми қанд.*
*Наботу шакар ҳам аз он ком ёфт,*
*Ки олам аз он ҷуръа анҷом ёфт.*
*Ба базме, ки тарбуз набошад, нишот,*
*Ки хуш н-оядам чун сарою работ...*

---

* Варақҳои охири китоб, ки ин маснавӣ сабт гардидааст, даридаанд. Мутаассифона, мисраъҳои дигари ин маснавӣ пайдо нашуданд.

# ҚИТЪА

*Ростон аз сӯҳбати каҷтинатон каҷ мешаванд,*
*Кафш гардад з-ихтилоти пои каҷ ночор каҷ.*
*Зоҳид аз каҷпечии дастор кулфат мекашад,*
*Дар ҳақиқат ранҷи хар бошад, агар шуд бор каҷ.*

* * *

*Гул бар сарам неҳу рангам бин,*
*Шамшер ба дастам деҳу ҷангам бин.*
*Ҳамчу танбӯр шиками холӣ дорам,*
*Нон ба дастам деҳу оҳангам бин.*

# МУАММОҲО

*Чист он лӯъбате, ки пар дорад,*
*Даҳан андар миёни сар дорад?*
*Хӯрдани ӯст ҷумла абрешим,*
*Ки ба ҳар ҷонибе гузар дорад.*

* * *

*Чист он лӯъбате, ки ҳайбати он,*
*Чун рикоби шаҳи ҷаҳон бошад?*
*Аз сияҳрӯияш шуда маълум,*
*Ҳарчӣ андарунаш нишон бошад?*

* * *

*Он чист, ки монандаи рӯзи шабгун,*
*Садпора дилаш, вале ба як пой нагун,*
*Гар даст бар ӯ ниҳӣ зи андоза бурун,*
*Мисли дили ошиқон фурӯ резад хун?*

* * *

*Чӣ чиз аст он, ки дорад ҳафт дида,*
*Зи ҷурме сар-сари пояш бурида?*
*Рухаш дорад ба ранги ошиқон зард,*
*Бинолад зор-зор аз роҳи дида?*

* * *

*Он чист, ки ҳамчун гули бехор бувад,*
*Пайваста шабу рӯз ба гулзор бувад?*
*Дорад ватан андар сари ҳар гунчаи гул,*
*Гӯё, ки ба бозор харидор бувад?*

* * *

*Чист он море, ки он ду сар дорад,*
*Аз ду сӯрох сар ба бар дорад?*
*Ҳар кӣ бишкофад ин муамморо,*
*Доим аз ошиқӣ хабар дорад.*

* * *

*Чист он мурғаке, ки бар даҳанаш*
*Ҳар чӣ афтод, реза-реза кунад?*
*Чун ниҳӣ бар ду дидааш ангушт,*
*Ҳар замон гӯшҳош найза кунад?*

* * *

*Чист он ҳавзи обу ҷуфти дарахт,*
*Андаруни дарахт морон аст?*
*Ҳавзи зери дарахт бозистад,*
*Ҳавз ҳам бар сари дарахтон аст?*

* * *

*Чист он лӯъбати фалакрафтор,*
*Рӯзу шаб раҳраву қадам назанад?*
*Рӯзу шаб ҳамчу як сари манфур,*
*Барф борад, валек дам назанад?*

* * *

*Чист он моҳӣ дар ду дида шикам,*
*Ки зи рафтан даме наёсояд?*
*Ҳар чӣ ӯ мехӯрад дар ин олам,*
*Ҳама аз нофи ӯ бурун ояд?*

* * *

*Чист он аждар, ки дорад чор шох андар сараш,*
*Бар сари ҳар шохи ӯ чор духтари афсунгараш?*
*Бар сари ҳар духтарак дидам, ки дорад сӣ парӣ,*
*Ҳар париро панҷ барги гул бувад андар бараш?*

*Эй муаммокушоёни хосаву ом,*
*Бист модар, ки ҳомил аст тамом.*
*Зода з-он бист зан яке фарзанд,*
*Асли ӯ чист? Номи ӯст кадом?**
*Гашта машҳуру рафта шӯҳрати он,*
*Аз ҳади Маккаю Мадинаю Шом.*
*Ҳар кӣ бикшояд ин муамморо,*
*Ҳаст аллома, соҳиби аълом.*

* * *

*Аҷоиб лӯъбате дидам, ки шаш пою ду дум дорад,*
*Аҷоибтар аз он дидам миёни пушт дум дорад?*

---

* "чӣ ном"

# ЛУҒАТ

**абвоб** ابواب боб.
**абно** ابنا ибн, писарон; мардум, халқ.
**авзоъ** اوضاع вазъ, ҳолат.
**авсат** اوسط миён, миёна; мӯътадил.
**адам** عدم нестӣ.
**адил** عدیل баробар дар қадру мартаба.
**адӯ** عدو душман.
**азимушшаън** عظیم‌الشان боазамат, соҳиби мартабаи бузург.
**алоиқ** علایق алоқаҳо, муносибатҳо, робитаҳо, вобастагиҳо, пайвастагиҳо.
**алоло** علالا бонг, ғавғо, ғулғула.
**аломот** علامات нишона; аломатҳо, аҷоибу ғароиб.
**алтоф** الطاف лутфҳо.
**алқоб** القاب лақабҳо.
**аном** انام мардум.
**анҷум** انجم наҷм, ситораҳо.
**арзоқ** ارزاق ризқ.
**асмо** اسما исм, ном; номи машҳур, шӯҳратманд.
**асҳоб** اصحاب (аз соҳиб) ёрон, ҳамсӯҳбатон; **асҳоби ол(ат)** саҳобагон ва авлод, мисол, оли Сомон.
**аълом** اعلام алам, нишонаҳо; номҳо; ливоҳо.
**аташ** عطش ташнагӣ.
**атиббо** اطبا табибон.
**аҷз** عجز нотавонӣ, оҷизӣ, сустӣ.

**бадрақа** بدرقه қофиласолор; роҳбари мусаллаҳ; посбони биёбонҳо, ки ба ҷоe фиристонда мешаванд; гунаҳгорон.
**базл** بذل бахшиш.
**байъ** بیع харид.
**биҳил** بهل авф кардани гуноҳ, бахшидан.
**бӯза** بوزه шаробе, ки аз биринҷ тайёр карда мешуд.

**вайл** ویل бадбахтӣ, вой.
**вало** ولا дӯстӣ, муҳаббат.
**ваҷҳ** وجه сабаб, боис, далел.
**вирд** ورد зикр, дуо.

**газ** گز тири бепару пайкони ду нӯгаш борику миёнаш ғафс.
**гарданкаш** گردنکش исёнгар, саркаш.

**ғасс** غث арзон; лоғар; фосидшуда.

**дағдағадор** دغدغه‌دار бодағдаға, боғурур.

заламно торикӣ, зулмат.

**залам** ظلم хирагӣ, торикӣ.

**залил** ذلیل беэътибор,ночиз; ҳақир, забун.

**залолат** ضلالت хорӣ.

**залом** ظلام торикии аввали шаб, зулмат.

**залот** زلات лағзиш, хато, саҳв, гуноҳ; хато дар сухан. *Маҷ.* кори ноӣисандида, амали номаъқул.

**заҷр** زجر манъ кардан.

**зилл** ظل соя.

**зод** زاد хӯрок, тӯшаи роҳ, тӯшаи сафар.

**зуко**

**зукоъ** ذکاء офтоб, хуршед; дониш ва тезии табъ, зиракӣ; афрӯхтан, шӯъла кашидан.

**зуррия** ذریه насл, авлод.

**заҳак** زهق замини ҳомун; **заҳик** زهق тезрафтор; **заҳқ** زهق нест шудан.

**зуҳак** ضحك хандаи бо овози баланд.

**зуҳука** ضحوکه чизе,ки касро ба ханда орад, хандаовар; он ки одамон ба вай ханданд.

**зуҳҳод** زهاد парҳезгорон, зоҳидон.

**изз** عز иззат, иззатмандӣ,азизӣ.

**иксир** اکسیر кимиё; усули бо кимёгарӣ мисро чун зар кардан.

**иқд** عقد гарданбанд, сангҳои қимматбаҳои ба риштакашида; тавқ, шадда, зеби гардан.

**иллиин/иллиюн** علیین/علیون хуҷраҳои баланди биҳишт.

**имомулмуттақин**

**иморат** عمارت ободонӣ, ободӣ, обод кардан; таъмир кардан, дуруст кардан.

**имтиноъ** аз коре худдорӣ намудан.

**иноёт** عنایات иноятҳо, мададгорӣ, дастгирӣ, ёрӣ; лутфу меҳрубонӣ.

**интимо** انتما ба касе муносибат доштани чизе; нисбат, тааллуқ.

**интино** *чидан*

**иршод** ارشاد раҳнамоӣ, роҳи ростро нишон додан.

**истикбор** استکبار такаббур кардан, худро ё касеро калон пиндоштан, калонӣ кардан.

**истиғно** استغنا бениёзӣ, бениёз шудан.

**истионат** استعانت ёрӣ талабидан, ёрӣ хостан, мададҷӯӣ, ионатталабӣ.

**ихроҷ** اخراج хориҷ кардан, берун баровардан.

**ихтилот** اختلاط ҳамнишинӣ, бахамоӣ; омезиш, омехтан; рафтуомад.

**иҷобат** اجابت қабул кардан, пазируфтан; ҷавоб, посух додан.

**иҷтиноб** اجتناب дур шудан, канора гирифтан аз коре.

**кавн** کون бошиш, ҳастӣ; олами мавҷудот, дунё.

**калил** کلیل кунд; касе, ки забонаш мегирад, гунг, лол.

**калим** كليم ҳамсӯҳбат, ҳамсухан; киноя аз ҳамсӯҳбати Худо, лақаби Мӯсо паёмбар, ки аз рӯйи ривоятҳо дар кӯҳи Сино бо Худо ҳамсӯҳбат шудааст.

**коза** كازه хопачас, ки дар сари кишт ё боғ аз най ва ё шохи дарахт сохта бошанд; чайла.

**қонун** قانون асбоби мусиқии қадим.

**кӯҳл** كحل сурма.

**кумайт** كميت аспи сурхранги сиёҳтоб.

**кунҳ** كنه асл, ҳақиқат, моҳият; поён (таг, умқ)-и чизе; ҳақиқати чизе. ~**и сифот** - ҳақиқати сифатҳо.

**қалил** قليل кам, андак, хурд, ночиз.

**қатил** قتيل қатлшуда, кушта.

**қобақавсайн** قاب قوسين байни ду абрӯ; бисёр наздик; миқдори ду камон.

**қозиюлқуззот** قاضى القضاة калони қозиён, қозикалон.

**қол** قال гуфтор.

**қудс** قدس покӣ, покизагӣ аз олоиш ва гуноҳ.

**қулзум** قلزم баҳр.

**қусур** قصور қаср, кох, кӯшк.

**қурб** قرب қарибӣ, наздикӣ; *маҷ.* муқарраб будан, ҳамнишинӣ, маҳрамӣ.

**қурбат** قربت наздикӣ, маҳрамӣ; самимият.

**қутб** قطب мехи оҳанин бар сари осиё; асл ва мадори ҳар чиз; ҳар калом аз нуқтаҳои мунтаҳои Шимол ва Ҷануб; ҳар калом аз ду ситора, ки дар ҳар ду қутб намоён мешаванд.

**лавлок** لولاک ишора ба ҳадиси қудсӣ «лавлоку лимо холқатилафлоки» - агар намебудӣ ту, на пайдо кардаме афлокро.

**лаим** لئيم бахили гузаро; пастгабиат, нокас.

**ламъа** لمعه дурахшонӣ, равшании андак.

**ламязал** لميزل безавол; ҷовид, доимӣ, пойдор, абадӣ.

**лафс** لوث олудагӣ, ифлосӣ, нопокӣ, палидӣ.

**лаъамрук** لعمرک ишора ба ояти «лаъамрука иннаҳум лафӣ сакратиҳим яъмаҳун», яъне, савганд бехисоби ту, эй Муҳаммад, ба дурусти, ки куффори қавми ту ҳамчу қавми Лут дар гумроҳии хеш ҳайрону саргардонанд.

**ломеъ** لامع дурахшанда, дурахшон, тобон.

**лому алиф** якҷоягӣ, васлшавӣ, ҳамнишинии ҳарфҳои лому ل лифа ا لا ҳосил мешавад, ки рамзи зулфи печидаи ёр аст.

**лоло** لا لا дурахшон.

**лоуболӣ** لاابالی нотарсӣ, бебокӣ, беларвоӣ.

**лоу наам** لا ونعم ло ва наам нею ҳа, ҳаю не.

**ловазол** لايزال зоил нашуданӣ, безавол; ҷовид, пойдор, абадӣ, доимӣ сифати Худо.

**луғат** لغت забон, гуфтор.

**луҷҷа** لجه миёнаи дарё.

**мавлавӣ** مولوی унвони ифтихории шайхону донишмандони бузург.
**мазидан** مزیدن макидан, чашидан.
**макнун** مکنون пинҳоншуда.
**макрамат** مکرمت иззат, бузургӣ.
**максум** مقسوم тақсимшуда; тақдиршуда, насибкарда, ба пешонӣ навишташуда.
**макфул** مقفول қулф, маҳкам, мазбут, занҷир.
**мало** ملا пурӣ, пуррагӣ.
**манохӣ** مناهی феъли боздоштшуда, феъле, ки дар шаръ манъ аст; манъшуда, боздоштшуда.
**мансух** منسوخ рад кардашуда, бекор кардан, ботил кардан.
**маозаллох** معاذالله Худо нигаҳ дорад, паноҳ бар Худо.
масрала
**масх** مسخ ба бадтар аз пештарааш баргардонидани сурати касе; ношуд, нокис.
**махмур** مخمور ҳамрхӯрда, майнӯшида, ниммаст; хуморолуд, пурхумор; бо нозу ишва, дилфиреб; сархуш, хушҳол.
**махмул** محمول ҳамл кардашуда, бори бардоштшуда; боб, боз.
**махолик** مهالك ҷойҳои ҳалокшавӣ.
**махчуб** محجوب парданишин; дар хиҷолатмонда.
машрала
**маъдалат** معدلت адлу дод.
**маъдум** معدوم нестшуда, нобудшуда; несту нобуд шудан.
**маъкус** معکوس нагунсор, чаппа.
**маъмура** معموره ободӣ, ободонӣ; мамлакат.
**маъсият** معصیت гуноҳ.
**меод/миод** میعاد ҷойи ваъда, ваъдагоҳ.
**мизоч** مزاج сиришт, табиат, ниҳоди инсон.
**мино** مینا обгина, шиша; кабуд, осмонранг.
**миръот** مرآت оина.
**мистар** مسطر хаткаш, коғази хаткашида, қолаб барои навиштан дар коғази берах.
**моида** مائده хони пур аз таом ва неъмат.
**монеъ** مانع манъкунанда, боздоранда; монеа, садд.
**мофихо** مافیها он чӣ дар он аст.
**мохазар** ماحضر таоми андаки тайёр.
**муаззӣ** موذی озордиҳанда.
**муаззӣ//музӣ** موذی озоррасонанда.
**муалло** معلی//معلا олӣ, боло, баланд; азим, бузург.
**мубарро** مبرا пок, покӣ, поккардашуда
**муғтанам** مغتنم ғанимат шумурда, ғанимат.
**музниб** مذنب гуноҳкор.
**муздурӣ** مزدوری амали муздур, мардикорӣ.
мукаффил
**мукайид** مقید гирифтор, (бо занҷир) басташуда; асир, бандӣ.

**мукарраб** مقرب наздикшуда
**мукаффал** مقفل куфл кардашуда, басташуда, баста
**муктабас** مقتبس иктибос кардашуда, гирифташуда.
**мултамас** илтмос, талаб, орзу
**муназзах** منزه беиллат, беуке, тозаю озода, покиза, пок, нағз, хуш, хуррам; аз чизе пок, бари аз гунох, аз сахв.
**муназзин**
**мунтафак**
**мунфаил** منفعل шармсор, хичолатманд, хичил.
**мунхазим** منهزم маглуб, шикастхӯрда, рӯ ба гурезниҳода; фирорӣ, гуреза (аз майдони чанг).
**мустагрик** مستغرق гаркшуда, фурӯрафта, саргарми тамом ба коре ё чизе.
**мутаваллӣ** متولی тасарруф ва таксимкунандаи вакфҳо; саркор.
**мурадлик**
**мурассаъ** مرصع бо сангҳои кимматбаҳо, зару гавҳар оро додашуда.
**мухайярӣ** مخیری ихтиёрдорӣ, ихтиёр додашуда.
**мухаттам** مختم мӯҳркардашуда, маҳкам, кулфкарда, баста.
**мухлис** مخلص ихлосманд, бериё, самимӣ, содик.
**муштамил** مشتمل гирдогирд.
**муҷрим** مجرم гунаҳкор.
**муҳиб** محب дӯст, дӯстдор
**мӯхтамал** محتمل эҳтимолӣ, шубҳанок, даргумон
**муътариф** معترف эътирофкунанда, икроркунанда

**накбат** نکبت бадбахтӣ, мусибат, машаккату ранҷ
**насак** نسق тартиб; равиш, тарз; дастур
**нафх** نفخ бод дамидан, пурбод шудан; дамида. **~и сур** дамидани сур, пуф кардани сур; бод, ки фаришта Исрофил дар рӯзи киёмат ба шайпур дамида, бо овози он ҳамаи мурдагонро зинда мекунад; рӯзи киёмат
**нафха** نفحه бӯй, бӯйи хуш, вазидани бӯйи хуш, роиҳа.
**нахват** نخوت гурур, такаббур, калонгирӣ.
**нашр** نشر зинда кардан ва зинда шудан баъд аз марг, эҳё.
**наът** نعت ситоиш, сифат, тавсиф, мадҳ.
**нишеман** نشیمن оромгоҳ; хилватхона.
**нихеб** نهیب ҳайбат; тарсу бим.
**нукта** نکته сухани покиза, гапи латиф, ҷумлаю ибораи бо рамзу ишора.
**нуфур** نفور нафрат кардан; гурехтан, рамидан.

**ол** آل фарзандон, аҳли оила.
**ом/м** عام ҳамаро фарогиранда.
**офил** آفل фурӯраванда.

**пероя** پیرایه зебу зиннат, оройиш; зевар, асбоби зиннат ва оройиш, ороста.

**раоё** رعایا раийят, фукаро.

**рафохат** رفاهت рафохият, осудагӣ, хушҳолӣ, осоиш, роҳат, хушӣ.
**раҳил** رحيل рехлат кардан.
**раҷм** رجم сангсор кардан.
**рифъат** رفعت баландӣ; улвият; бузургӣ, бузургворӣ, ҷоҳу ҷалол.
**риҷо** رجا/رجاء умед, орзу, чашмдошт.
**рофиз** رافض тарккунанда, вогузоранда.
**рофизӣ** رافضى гурӯҳе аз лашкар ё одамони оддӣ, ки сардори худро тарк карда бошанд; як гурӯҳ аз пайравони мазҳаби шиа, ки бо сабаби низое сардори худ Зайд бинни Алиро партофта рафтанд; пайравони мазҳаби шиа.
**рукъа** رقعه мактуб, хат, нома, навишта.

**савод** سواد сиёҳӣ, зулмат.
**сало** صلا чег, нидо, фарёд задан, барои таом ё чизи дигар овоз додан.
**саллох** سلاخ пӯсткан; қассоб, касе, ки ҳайвонотро сар мезанад.
**самак** سمک моҳӣ; моҳие, ки дар болои он гове истода, дар болои шохи гов замин истодааст.
**самовот** سماوات осмонҳо.
**сарир** سرير тахт, авранг; ҷогаҳ, бистар.
**сафо** صفا покизагӣ, бегашӣ, бегуборӣ; ном ё лақаби ҳазрати Одам (а.)
**сафҳа** صفحه саҳифа; сатҳ; рӯйи чизе; лавҳа.
**саъйи ботил** سعى кӯшиши беҳуда.
**сифлӣ** سفلى паст, поинӣ; муқобили улвӣ; олами сифлӣ – дунёи паст.
**сифлию улвӣ** سفلى وعلوى мансуб ба улувв ва сифл, болою пастӣ, олӣ ва паст.
**соил** سائل саволкунанда, пурсанда; гадо.
**солик** سالک раванда, роҳрав; пайрави тариқати тасаввуф.
**субҳа** سبحه донаҳои ба ришта кашидашудаи тасбеҳ.
**сунъ** صنع санъат; офариниш, эҷод.
**сур** سور девори қалъа; зиёфат, ҷашн.
**суродиқ** سرادق саропарда, пардаи қасрҳои шоҳон; хайма, хиргоҳ.

**таъаллуқ** تعلق алоқамандӣ, пайвастагӣ, вобастагӣ ба чизе; даҳл доштан ба касе, аз они касе будан; дилбастагӣ, ишқу муҳаббат.
**тааммул** تأمل фикр, андеша.
**таббох** طباخ пазанда, ошпаз.
**табх** طبخ а) пухтан бо (оташ); б) чизи пухташуда; оши пухта, таоми гарм.
**таваҳҳум** توهم ба ваҳм афтодан, ваҳм; гумон.
**таввоб** تواب бахшандаи гуноҳ, пазирандаи тавба, қабулкунандаи тавба (сифати Худо).
**тавсан** توسن аспи саркаш, аспи ҷавони ромнашуда, асп.
**тавф** طوف гаштан, давр задан, чарх задан.
**тавфиқ** توفيق мувофиқат додан, мувофиқ гардонидан; муваффақият, комёбӣ, пешрафт; корсозӣ.
**тавҳид** ягонагӣ, ваҳдат.

**тазалзул** تزلزل ларзиш, ҷунбиш.

**тазаллум** تظلم додхоҳӣ.

**тазарруъ** تضرع зорӣ, илтиҷо, илтимос ва зорию тавалло.

**такаффул** кафил шудан, ӯҳдадори коре шудан.

**такбир** تکبیر бузург шумурдан, ба бузургӣ сифат кардан; «аллоҳу акбар» гуфтан.

**такфин** تکفین кафан кардан.

**тақарруб** تقرب наздикӣ, наздикшавӣ.

**тақво** تقوی//تقوا парҳезгорӣ, порсоӣ, худотарсӣ.

**тақсир** تقصیر кореро бо кӯтоҳӣ ва камбудӣ иҷро кардан; нуқсон, хато, айб, кӯтоҳӣ.

**тақрир** تقریر муқаррар кардан, тасдиқ кардан; сухан гуфтан, баён намудан.

**талаттуф** تلطف лутф, меҳрубонӣ, дилнавозӣ.

**талқин** تلقین ёд додан, фаҳмондан; омӯхтан, таълим додан.

**талоқ** طلاق раҳоии зан аз никоҳ.

**тамаъ** طمع ҳирс, чашмдошт.

**таоруф** تعارف изҳори ошноӣ кардан; якдигарро шинохтан; ошноӣ, шиносоӣ, дӯстӣ.

**тароз** تراز//طراز зиннат, нақшу нигор. Маҳфил тароз, яъне маҳфил оростан, ба он зебу зиннат бахшидан.

**тарсеъ** ترصیع *Мач.* Дар ду мисраъ шеър ё ду фикраи наср ҳаман калимаҳоро бо якдигар ҳамқофия, мавзун овардан.

**тасҳеҳ** تصحیح дуруст кардан, ислоҳи галатҳо, саҳеҳ кардан.

**такаллуф** تخلف ақиб мондан; ваъдахилофӣ, аз қавл гаштан.

**тахмир** تخمیر хамир кардан, сириштан.

**таҳур** طهور пок, поккунада.

**таҳлука** تهلکه ҳалок, нест шудан, мурдан.

**таҷаммул** تجمل ороиш, шукӯҳ.

**таъдил** تعدیل рост кардани чизе, баробар кардан.

**таъзир** تعزیر коҳиш кардан, ҷазо додан, андаке ҷазо додан; камтар адаб кардан.

*тилок* -

**тугро** طغرا гулхате, ки аз ҳарфҳои аввали ном ва лақаби шоҳ дар сари фармонҳо навишта мешуд; унвони фармон ё номаи бо хати печдарпеч.

**тубӣ** طوبی дарахти серсоя дар ҷаннат, ки меваҳои гуногун ва хушбӯй доштааст.

**туроб** تراب хок.

**туфайл** طفیل меҳмони нохонда, касе, ки ба меҳмони таклифшуда ҳамроҳ шуда, туфайлӣ омадааст.

**тӯй** توی/طوی шодмонии бо зиёфати оммавӣ, арӯсӣ.

**тӯқсоба/туқсабо** توقسابه яке аз мансабҳои сипоҳиёни Бухорои асрҳои охир.

**удвон** عدوان душманӣ, адоват.

**улвӣ** علوی баланд, боло; осмонӣ; он чӣ дар осмон аст.

**улувҳиммат** علو همت соҳибҳиммат, баландҳиммат, ҳимматбаланд.

**узлат** عزلت гӯшагирӣ, гӯшанишинӣ, хилватнишинӣ, канорагирӣ.

**умам** امم ҷамъи уммат.

**уммат** امت мардум, ҷамоат, гурӯҳи одамон, як миллат ва як дин; пайрав дини ислом.

**уруҷ** عروج боло, болоравӣ, боло баромадан.

усот عصات ҷ. осӣ, саркаш, нофармон, балвогар; гунаҳкор.

ухфаҳо -

**уҷб** عجب худбинӣ, худнамоӣ, такаббур,ғурур.

**фурқат** فرقت ҷудоӣ, ҳиҷрон, дурӣ.

**фуссоқ** فساق фосиқон.

**футӯҳ** فتوح фатҳ; кушоиш, кушоиши кор, пешрафт ва муваффақият дар корҳо.

**хафӣ** خفی пӯшида, пинҳон, махфӣ, маҳрам.

**хиҷолот** خجالات шармандагиҳо, шармгиниҳо.

**хотам** خاتم нигини ангуштарӣ, ангуштарӣ; хотами фармонравоӣ, ангуштарине, ки барои шоҳон нишони мӯҳр ва подшоҳист; мӯҳр.

хулато – *ҷамъи халит* – рафиқ.

хулд خلد бақои ҳамешагӣ, ҷовидонӣ; биҳишт. ҷаннат. фирдавс.

**хусрав** خسرو шоҳ, подшоҳ. **~и зарринкулоҳ** киноя аз офтоб; шоҳ.

**хуфя** خفیه пинҳонӣ. пӯшида.

**ҳайҷо** هیجا ҷанг, ҳарб. разм, набард, корзор.

**ҳашмат** حشمت бузургӣ, дабдаба.

**ҳилм** حلم нармӣ, мулоимӣ.

**ҳимор** حمار **хар.**

ҳиҷо حجی ақлу хирад; каронаи чизе; замзамаи габрон; **ҳаҷо** ҳарис, бахил ва мулоим шудан.

ҳиҷо هجا баёни хандоварн касе ё чизе.

**ҳола** هاله доираест, ки бар ҳавои нимабр дар гирди моҳ намоён мегардад.

**ҳомун** هامون замини ҳамвори домани кӯҳсор.

**ҳур** حور зани ниҳоят зебою хушрӯ дар ҷаннат. ~ **қусур** қасри ҳурони биҳишт.

**чарх** چرخ осмон, кайҳон: **~и кайвон** осмони ҳафтум, ҷойи аз ҳама баланди осмон.

**ҷифа** جیفه мурдор, ҳайвони мурдаи бӯйгирифта.

**чуст** چست чобук, чаққон.

**чаввола** جواله хатсст, ки аз тез гардонидани ашёе изи (пайи ) он ҳанӯз боқӣ мемонад. Мисли чӯби нӯгаш лахчадорро тез ҳаракат кунонед. пайи тез гум намешавад.

**чалолат** جلالت бузургию шукӯҳ.

**чинон** جنان чаннатҳо.

**чул** جل пӯшиши пашминаи сутурон; торҳои баҳампечидаи сабзранг, ки дар обҳои истодаи кӯҳна пайдо мешавад. *занчир, завлона, шикел*

**шаръ** شرع шаръи дин, оину тариқати дини ислом, қонунҳои ислом: оин, қоида, тартиб, қонун.

**шайпур** شیپور карнай.

**шарр** شر бадӣ, фасодӣ.

**шафеъулмузнабин** شفیع шафоатгар, шафоаткунанда, восита/чӣ **музниб** مذنب гунаҳкор; шафоатгари гунаҳкорон.

**шаър** شعر мӯй; мӯйи сар; болопӯши мӯйини сабуки шабона; торикшаб.

**шикан** شکن печутоби мӯй, зулф.

**шукка** شقه мактубча; порчас, ки ба сари ливобанданд.

**яд** ید даст; ~ **и байзо** дасти мӯчизаноки Мӯсои паёмбар; *мач.* дасти сафеди ёр

**явмулчазо** یوم‌الجزا рӯзи чазои гунаҳкорон, рӯзи қиёмат.

# ҚИСМИ II
# АШЪОРИ ӮЗБЕКИИ МАЪДАН

# АШЪОРИ ӮЗБЕКИИ МАЪДАН

Ба ҳар ғазалу қасидаю мухаммасҳо сарлавҳа гузоштаанд, ки маҳсули дасти худи Маъдан нест. Инчунин муқоисаи як саҳифаи тасодуфан ба дасти мо афтодаи девони ӯзбекии Маъдан нишон дод, ки дар ин ҷо низ ашъори ӯ ғалат баргардон шудааст ва мунтазири таҳриру такмили комили он аст.

Услуби шеърҳои ӯзбекии Маъдан бештар пайрави калимоти Фузулист.

Мисол: "йӯх", "дуттим" ва ғайра.

* * *

Шоир Маъдан баробари хондану донистани ҳама гуна китобу ривоятҳои дини ислом, Худою Мустафоро, Қуръонро пурраю барзиёд медонад. Хусусан, Маъдан ба Муҳаммад пайғамбар (с) наъту мадҳияҳои бисёре гуфтааст ва баробари ҳамин забони арабиро хуб медонад:

***Дар ҳақиқат пешвои олами инсон туӣ,***
***Шарҳи матни ояти Тавроту ҳам Қуръон туӣ,***
***Сархати девони Фитрат, маҳфили урён туӣ,***
***Қавн имкон бе ту мумкин нест, ҳар имкон туӣ,***
***Ҳарчӣ гӯям созише дорад, сазои он туӣ,***
***Хоҷаи Тоҳою Ёсин, Сайиди Хайрулиом,***
***Эй Расули ҳарду олам, Ассалоту Вассалом.***

Шоир яке аз ҷангҳои сахти ҷангҷӯёнро танқид карда, аҳволи тоқатнофарсои чунин тасвир мекунад:

***Шуд фусурда к-андар ин ҷо дасти марди тегзан,***
***Мурдагон бегусл, бегассол*, бе гӯру кафан,***
***Каргасонро луқма гашта, тӯъмаи зогу заган,***
***Медиҳад ин қисса ёд аз қатли оми Кураган...***

Шоир аз табобати баъзе касалиҳо ҳам бохабар мебошад, табобати онро ҳам мегӯяд:

***Касе, ки миҷозаш ба тарбуз аст дуруст,***
***Равад дарди кӯҳнаи ӯ ба парвоз ҷуст.***

Маъдан дар илми сайёрашиносӣ ҳам моҳир буда, бурҷҳои онро омӯхтааст:

***Маъмураи кавнайн туфайлаш шуда мавҷуд,***
***Варна ҷаҳон буду на волиду на мавлуд.***
***Шамсу Қамару Зӯҳраю Парвину Аторуд,***
***Донӣ зи чӣ дар бурҷи саодат шуда масъуд?***

Дар байти ғазал бошад аз бурҷи Парвин чунин овардааст:

***Бас аз озодатабъиҳои эҷодам тамошо кун,***
***Чу гулмехи қаноат дар кафи чарх аст Парвинам.***

Акнун ба баёни сайругашт ва саёҳатҳои шоир мегузарем. Шоир Маъдан дар деҳаи худаш Понғоз ба кори деҳқонӣ машғул буда, фарзандҳои бисёре дошт. Бо вуҷуди ин, ӯ ба шаҳрҳои водии Фарғона ва дигар мавзеъҳо сафар кардааст.

Аз ашъори шоир маълум мешавад, ки ӯ ҳамаи мавзеъҳои водии Қаротегину Бадахшонро дидаасту ба хубӣ медонад:

***Хост Рахши ҳимматаш сайри Қаротегин кунад,***
***Аз газаб рӯ бар Ҳисори Қалъаи Сангин кунад.***

ё худ дар ҷои дигар мегӯяд:

***Аз Сари Пул то ҳади Сурхобу то он Обигарм,***
***Саркашонашро бо шамшери сиёсат карда нарм.***

Шоир Маъдан то ба иқлими Рус расидани лашкару қаҳрамонашро чунин ба қалам медиҳад:

***Зи иқлими Тӯрон то ба Рус сар дода табли кӯс,***
***Иқболи давлат пойбӯс ҷамъи раоё узрхоҳ.***
***Бинвохт табли бозгашт аз мавзеи Қипчоқдашт,***
***Хизри раҳи фарзонааш, бинмуда, Фаргона роҳ.***

Аз гуфти шоир маълум мешавад, ки худи ӯ дар ҳамон ҷойҳо буда, бо шоҳи Дарвоз ҳамсӯҳбат шуда бошад:

***Аз шаҳи Дарвоз пурсидам: "Ривоҷи кор ку?"***
***Гуфт: "Дод аз дасти туркон лашкари кӯҳсор ку?"***
***Гуфт: "Эй Маъдан, зи таърихаш бигӯ ахбор ку?"***
***Шоҳ гуфт: "Эй бачамардон, марди ботугдор ку?"***

Шоир дар қасидаи бахшида ба тӯйи Тӯра Мақсудхон-писари устоди шоир Муҳаммадаминхоҷаи Косонӣ, ки дар деҳаи Пунук барпо гардидааст, чунин менависад:

***Зи анвори гелос то ба бодоми талх,***
***Турунҷи Исфаҳон, хурмои зи Балх.***
***Зи ҳалвочаки Понгозу тутмавиз,***
***Ҳарифон з-ӯ ба завқ писандиданд низ.***

Шоир аз турунҷи Исфаҳону хурмои Балх тановул накарда бошад, пас, чӣ хел онро медонад. Мо дар ин ҷо оиди мавқеи ҷуғрофиро хуб донистани шоир баҳс карда истода, қаҳрамони ӯро дар Мозандарон мебинем:

***Чу ту мардафкан, далеру шердил, соҳибқирон,***
***Эй ҳунар бешаи перояи Мозандарон.***

Мувофиқи гуфти шоир ғалабаи қаҳрамонашро қосид то Руму Ҳиндустон расонидааст:

***Қосиди пайгоми ӯ то Руму Ҳиндустон расид,***
***Ҷонсупорӣ карду лутфи -"Боракалло"-ҳо шунид.***

Қаҳрамонашро шоир ҳамчун оламгир нишон медиҳад:

***То фурӯги оразат аз тоқи Тӯрон рӯ намуд,***
***Ҳусни сад Юсуф бурун аз қаъри зиндон рӯ намуд,***
***Оламе зери инонат таҳниятхон рӯ намуд,***

***Шодмонӣ дар миёни Мисру Канъон рӯ намуд,***
***Шуд харидор дар ҷаҳон аз ҷавон то пиразол.***

Шаҳри Хӯқанд, ки марказу пойтахти хонигарии водии Фарғона буд, дар он ҷо як тор мӯи муборaки Муҳаммад Пайғамбарро гузошта буданд. Бахшида ба ин мӯйи муборак шоир чунин мегӯяд:

***Ҳар ҷо, ки зиёратгаҳи он мӯй муҳайёст,***
***Дилро чӣ ҳавои ҳарами Ясрибу Батҳост,***
***К-аз макраматаш зулмати Фаргона мусаффост,***
***Сад шукр, ки ин мартаба бар коми дили мост.***
***Бинмуд Муҳаммад ҳама гесӯи муборак,***
***Шуд атрфишон голияи мӯи муборак.***

* * *

***Дил хаставу ҷон пураламу сина ҷароҳат,***
***Расвою саросема дар он дашти қиёмат,***
***Дорад зи ту он гамзада уммеди шафоат,***
***Гӯӣ, ки биё, Маъдани ҳиҷлатзада уммат,***
***Бинмуд Муҳаммад хами гесӯи муборак,***
***Шуд атрфишон голияи мӯи муборак.***

Маъдан шоири зуллисонайн буда, дар шеърҳои ӯзбекии худ саёҳаташро давом дода менависад:

***Худо оқ йӯл бериб сизга муборак айласун ул азм,***
***Мутеъ улсун шаҳри Урганҷ, Кот, Хеваю Хоразм.***

Маъдан саёҳати худашро берун аз Осиёи Миёна давом дода менависад:

***Хати Мансур ҳукмингиз равон бӯлсун Хуросонга,***
***Ҳироту Машҳад, Шероз, Табрезу Исфаҳонига,***
***Йигиб бир бирлар жамъ бӯлсун барча Тӯронга,***
***Ки сиздин шод арво Али Мусо ризо бӯлсун.***

Эр Мусулмонқул қаҳрамони асосии шоир буда, ҷасорати ӯро чунин нишон медиҳад:

***Тушуб Эрон, Тӯрон ер йузига шуриши гулгул,***
***Келурмиш эл азиз фармони бирлан Эр Мусулмонқул,***
***Аларни муддаоси сайри Ҳиндустон ила Кобул,***
***Қилур ҳукмига тобеъ Ҷада, Багдоду Истамбул.***

Шоир ғалабаи қаҳрамонашро бо ҳаяҷон менависад:

***Кириб Кошон, Кашмир, Тус, Ғазнин, Қандаҳор узра,***
***Парирухсорларга қул узотмоқ сабзазор узра.***

Боз дигар шаҳрҳоро фатҳ кардани қаҳрамононашро бо шо-

диёна нишон медиҳад:

***Чи Ҳиндустон сайрига юзлангизлар хурраму дилшод,***
***Сарандиб фатҳ этиб, Бангола бирлан то жаҳон обод.***
***Кӯрингиз Куфа бирлан Карбало халқинг айлаб ёд.***
***Деҳин руҳи шаҳидлар марҳабо юз минг муборакбод.***

Дар ин ҷо шоир қаҳрамонҳояшро на фақат барои ҷангу ҷадал, балки барои сайру тамошо даъват мекунад:

***Керак аввал тамошои билоди Мисру Шом улса,***
***Ҳалаб бирлан Хазои Басрада айшу мудом улса,***
***Димишқу Оқсоилнинг равнақи кори низом улса.***
***Зи иқлими Хуросонга юборди номаи мақтул.***

Вақте ки душманонаш саркашӣ мекунанд, қаҳрамононаш ба ғазаб меоянд:

***Ғазаб шамшерини бадхолар қонига ранг этти,***
***Сипоҳи Румилардек қасди торожи Фаранг этти.***

Вақте ки зулму золимӣ аз ҳад мегузарад, он золимонро шоир чунин тасвир мекунад, золимиро дар образи Заҳҳоки морон аз "Шоҳнома" мисол меорад:

***Узл улуб Жамшед олди мансабин Заҳҳоки мор,***
***Зулм андоқким улусда қолмади ҳаргиз мадор.***
***Кай* Руҳин гар хуруж этти Фаридун бӯлди ёр.***
***Ким бу янглиг хонимизга бӯлди давлат устувор.***

Шоир аз баъзе мағлубиятҳо ноумед нашуда, бо сӯзу гудоз ғалабаи ояндаро чунин менависад:

***Шоҳи золим зулмидин бӯлди раият поймол,***
***Гарчӣ кун Магрибга ботти чиқди Магрибдин ҳилол.***

Баъд аз музаффариятҳо шоир бо шодию хурсандӣ мисраъҳои зеринро мегӯяд:

***Мисрдин Канъон сари йузланди Юсуф кавкаби,***
***Хонимиз келмишлар Қӯқонд Мурод матлаби.***

Дар охир бояд гуфт, ки ҳамаи он ҷойҳоеро, ки Маъдан номбар кардааст, роҳаш хеле дурудароз мебошад. Агар масофаро, яъне, аз Понғоз то Арабистону Франсия ва то Чин ба рӯйи коғаз кашем, як харитаи саёҳатии шоир мешавад.

Ин мақола ба он мақсад навишта шуд, ки шахсе дар деҳаи кӯҳистон зиндагӣ карда, то чӣ андоза аз қитъаҳои олам хабардор аст, худи моро ҳам ба ҳайрат меорад.Бинобар ин ман гуфтаниам, ки шоир Маъдан аз илмҳои замонааш пурра хабардор будааст.

ЭЗОҲ:

* Ғассол-мурдашӯй, покшӯй.

* Дар ин ҷо соли ин воқеаро шоир бо ҳисоби Абҷад нишон додааст. Аз хонандагони мӯҳтарам илтимос менамоем, ки солашро муайян кунанд.

* Ясриб-пештара номи шаҳри Мадина.

* Батхост-шаҳре дар назди Макка воқеъ аст.

* Кай Оҳангар-ин ҷо Коваи оҳангар дар назар дошта шудааст.

**Фахриддин Аҳмадов,**
**Муаллими хизматнишондодаи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МАЪДАН ВА "ШОҲНОМА"

Абулқосим Фирдавсӣ як кохи баланде бино кардааст, ки мувофиқи гуфти худаш ин кох на аз обу на аз боду на аз оташ ва на аз ҳар гуна офату балоҳо вайрон нахоҳад шуд. Ин кохи машҳури ӯ "Шоҳнома"-и безавол мебошад.

Ҳамаи шоиронy нависандагон, олимону шахсони бузург дар асоси ин достон асарҳо навиштаанд ва дар шеъру қасидаҳояшон аз "Шоҳнома" ва қаҳрамонони он мисолҳо овардаанд.

Дар қатори ҳамин гуна шоирон Маъдани Понғозӣ низ бо вуҷуди ба кори деҳқонӣ, барои таъминоти аҳли оилаи калон шуғл варзидан тавонистааст, ки "Шоҳнома"-ро пурра хондаву азбар карда, дар эҷодаш моҳирона истифода бурдааст.

Қаҳрамони дӯстдоштаи Маъдан, пеш аз ҳама, Рустам ва ҷонвари мушкилкушои ӯ аспаш - Рахш мебошад. Маъдан шоҳиди ҷангҳои замонааш буд. Шоир сипаҳсолор ва паҳлавонони аз диёри Понғоз маҳаллаи Қалъа баромада, Тӯхсаборо, ки барои озодии Бухорою Тошканд ҷонбозиҳо кардааст, ба образи Рустам монанд менамояд:

***Рустами вақтию номат шӯҳра дар мулки Аҷам,***
***Нест ҳар як аз сипоҳони ту аз Сӯҳроб кам.***
***Рустами мулки шуҷоат соҳиби туғрои тоҷ,***
***Ёфт аз фатҳи кӯҳистон равнақи кораш риноҷ.***

Боз дар ҷойи дигар Тӯқсаборо ба Рустами паҳлавон ҳамчун солори замонаву кишвар ташбеҳ медиҳад:

***Мансури аҳли ҳикмату манзури аҳли қурб,***
***Рустамдиле замонаву солори кишварӣ.***
***Амалдору сипаҳсолору мардафкан, қавибозу,***
***Шуҷоатпешаю шамшерзан чун Рустами сонӣ.***

Муборизаҳои дар Тӯронзамин бурдаи Рустамро шоир чунин нишон медиҳад:

***Ворисн ашёи дилу султон аҳлул орифин,***
***Ҳотами арбоби давлат, Рустами кишваркушо.***
***Шоир симои қаҳрамонашро чунин тасвир менамояд:***
***На Баҳрому на Доро дар таассубхонаи сурат,***
***Кашад нақши камони ҷуръатат Рустам, на Рӯинтан.***

Шоир Маъдан баробари дигар қаҳрамониҳои Рустам аз баҳри хусумат ва ғурур кушта шудани Сӯҳробро тасдиқ месозад:

***Ба навъе, ки Сӯҳроби гурд,***
***Ки Рустам раҳо гашту Сӯҳроб мурд.***
***Ғурури хусумат намояд асар,***
***Падарро чӣ парво зи марги писар.***
***Ҳар куҷо ирсоли васфаш ҳудҳуди иқбол бурд,***

ё ки дар ҷои дигар мегӯяд:

Хатм шуд ин ҷо китоби "Қиссаи Сӯҳроби гурд".

Шоир қаҳрамони худашро на кам аз Рустаму Афросиёбу Хоқони Чин мешуморад:

***Агар пои ҳиммат ниҳад бар рикоб,***
***На Рустам гузорад, на Афросиёб.***
***Барорад сари даст аз остин,***
***Занад тег бар фарқи Хоқони Чин.***

Боз дар мисрае чунин баён мекунад:

***Аз ҳуққаи ливоят чун сур дар таназзул,***
***Фағфур дар аҳди Чин Рустам ба мулки Эрон.***

Дӯсти вафодори Рустам будани Рахшро бошад, чунин ба қалам меорад:

***Тоҷи фалаксои ӯ дар чархи кайвон таъмазан,***
***Рахши замину осмон дар кӯи нусрат бурда роҳ.***

Мисраи дигар низ тасдиққунандаи гуфтаи болост.

***Гарди Рахшат тӯтиёи дидаи Фағфур бод,***
***Муфлисонро тавф гӯяд, қиблаи дилро шифо.***

Дар "Шоҳнома" симои Ҷамшед дар ҷойи хос меистад. Ӯ авлоди каёниён буда, подшоҳият ва навовариҳояш бештар ба чашм мерасад ва шоир дар эҷодаш аз ин қаҳрамони "Шоҳнома" борҳо ёдовар мешавад:

***Ба ҳар маҳфил, ки аз ҷайби хамӯшӣ сар баровардам,***
***Забони шиква аз Ҷамшеду Искандар баровардам.***

* * *

***Агар ворастаӣ, зан таъна бар Ҷамшеду Искандар,***
***Матои дунёвӣ оинаи ҷом аст пиндорӣ.***

* * *

***Ё ҳикояи карду ақл аз Ҳотами Той баён,***
***Инчунин Дородилу Ҷамшедфар, Рустаммисол.***

* * *

***Шоҳбози авҷи давлат Хисрави вологуҳар,***
***Ҳашмату ҷоҳу ҷалолат бурда аз Ҷамшед фар.***

* * *

***Зи авлоди одам ба кони ҷаҳон,***
***Чӣ Ҷамшеду чӣ Нӯшировон.***

Шоҳ Фаридун дар маркази диққати шоир Маъдан меистад. Кова бошад, яке аз қаҳрамононе, ки аз байни халқ баромада аст:

***Дусад Афросиёб аз хоки Тӯрон сар бурун орад,***
***Зи таслимат Фаридун з-ихтилоти Коваву Коран.***

Кайхусрав, ки писари Сиёвуш мебошад, ба тахти салтанати нишон шоҳи одил ном баровардааст, ки ба қаламн Маъдан чунин тасвир меёбад:

***Он саодатманд, к-аз ҷоми саодат хӯрда май,***
***Хокбӯси даргаҳаш Кайхисраву Ковусу Кай.***

Шоир Маъдан то андозае "Шоҳнома"-ро нағз медонад, ки персонажу қаҳрамонони достонро бо хислатҳояшон нишон медиҳад:

***Зиҳӣ, лаъли самандат қимати тоҷи сари Баҳман,***
***Рицоби тавсанат тавқи Қубоду Хусраву Бежан.***

ё ки дар байти дигар овардааст:

***На Баҳрому на Доро дар таассубхонаи сурат,***
***Кашад нақши камони ҷуръатат Рустам, на Рӯинтан.***

Чунонки гуфтам, шоир Маъдан достони Фирдавсӣ "Шоҳнома"-ро аз аввал то ба охир мутолиа кардааст. Вай аз ҳама шоҳони каёнӣ аз Ҷамшед сар карда, то охирин Дорою Искандар

ном мегирад, ки мо ҳамаи онҳоро ин ҷо наовардем. Шоир ҳамчунин дар бораи одамони бузурги гузашта, Афлотун, Ҳотам, Нӯшервон, Султон Ориф ва дигарон маъниҳои аҷибе овардааст:

***Сикандарваш фузуди талъатат оинаи ҳикмат,***
***Задӣ оташ ба бунёди Фалотун сӯхт чун гулшан.***

Ба ғайр аз ин шоирон дар эҷодаш ҳимматбаландию адолатпарварии шахсони намоёнро нишон дода, дар ҳаҷи Ҳотаму Нӯшервон барин бузургон чунин мегӯяд:

***Эй хушо марде, ки монад номи некаш дар ҷаҳон,***
***То қиёмат қисса бар номаш бихонад қиссахон.***
***Аз ду кас осори некӣ монд, дар олам нишон,***
***Ҳиммат аз Ҳотам, зуҳури адл аз Нӯширавон.***

Чӣ тавре ки мо медонем, дар вақташ Султон Маҳмуд ба ранҷи 30-солаи Фирдавсӣ аҳамият надода, шоирро озор медиҳад, яъне, "Шоҳнома"-ро қадр намекунад. Дар ин бора Маъдан мегӯяд:

***Нахустин иззати Маҳмуд бишнав он ки дар олам,***
***Дусад "Шоҳнома" "Як иншои бемагзест дар шаънаш".***

Ҳамин тавр, дили шоирро қаҳрамонҳои "Шоҳнома"-и безавол ба тасхир овардааст, ки инро мо дар эҷодиёти ӯзбекии Маъдан ҳам дарк менамоем.

**ЭЗОҲ:**

ТӮҚСАБО зодаи қишлоқи Понғоз, маҳаллаи Қалъа буда, ҳамчун сарлашкар ба Амири Бухоро ва ҳокими Тошкент хизмат кардааст. Баъзе аслиҳаю либосҳои ҷангии ӯ то ҳол дар дасти яке аз хешовандони вай - сокини шаҳри Ангрени Ӯзбекистон Бобоев Ҳоҷимурод мавҷуд аст.

**Фахриддин Аҳмадов**

# НОМҲОИ ШАХСОНИ ТАЪРИХӢ, ИСМИ ХОС ВА ҶУҒРОФӢ

Абдуллохони Бухор-хони сулолаи Шайбониён (1583-1598).

Абулқосим (-и Асфароинӣ)-яке аз сарлашкарони араб, ки барои мусулмон шудани мардуми Мовароуннаҳр ва Туркистон ба ин кишварҳо лашкар кашидааст.

Абӯбакри Сиддиқ-(наздикиҳои 572-23 августи с.634) яке аз

хулафои рошидин, ки баъди вафоти Муҳаммад (с.) хилофатро ба ӯ супурда буданд.

Азизи Миср-лақаби подшоҳ ё нахуствазири Мисри қадим; лақаби Юсуфи Канъонӣ, писари Яъқуб паёмбар дар достони "Юсуф ва Зулайхо", ки ҳазрати Юсуф алайҳиссалом дар назар аст, ки рамзи зебоӣ ва садоқат низ будааст.

Азозил-номи иблис, шайтон, ки барои ғурури худро аз Одам (а.) афзал донистан ва беитоатӣ ба Худо аз ҷаннат ронда шудааст.

Айман (Эман) номи водӣ, ки Мӯсо (а.) дар он ҷо бо Худо гуфтугӯ кардааст...

Алай-кишвари Олой.

Алии Муртазо-Алӣ бинни Абӯтолиб, Абӯлҳасан ал-Муртазо (вафоташ 21-уми январи соли 661), халифаи чаҳоруми рошидин, писари амак ва домоди пайғамбари ислом Муҳаммад (с.).

Алӣ-халифаи чаҳорумини рошидин. Домоди ҳазрати Муҳаммад (с.).

Амиралмӯъминин-лақаби халифаҳо ва баъзе шоҳони Шарқи исломӣ.

Арасту-файласуфи Юнони қадим.

Аторуд-номи сайёраи якум, наздиктарин системаи Офтоб. Сайёраи Тир, Меркурий, ки дар қадим "Дабири фалак" гуфтаанд.

Афросиёб-шоҳи Тӯрон, яке аз тимсолҳои "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ.

Аҳлӣ-

Аҳмад-

Аҷам-мулки ғайри араб; сарзамини мардуми эроннаҷод.

Бадахшон-сарзамини дар қисмати Афғонистони шимолӣ ва Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшони имрӯзаи Тоҷикистон буда, маркази таърихияш шаҳри Файзобод (Хузгун) аст.

Балх-шаҳри қадима дар Афғонистон, Мазори Шарифи имрӯза.

Батҳо-номи водӣ дар Макка.

Баҳман-номи шоҳи Эрони қадим, писари Исфандиёр.

Баҳром-номи шоҳи Эрони қадим.

Бедил-Мирзо Абдулқодир, шоир, нависанда, файласуф ва мутафаккири машҳури адабиёти форсу тоҷики ҳавзаи Ҳинд, ки дар сарзамини Осиёи Миёна шӯҳрати беандоза ва пайравону муқаллидони бисёре доштааст. Аз ҷумла шоир Маъдан низ аз пайравону мухлисони ӯ буда, аз эҷодиёташ маълум аст.

Бежан-қаҳрамони машҳури асари "Шоҳнома"-и Абулқ-осими Фирдавсӣ.

Бесутун-номи кӯҳ дар наздикии Кирмоншоҳи Эрон, ки бо нақшу хатҳои мехии қадими форсӣ бо амри Доро сабт (кандакорӣ) кардаанд.

Бурок̦-аспи афсонавӣ, Муҳаммад пайғамбар (с.) шаби Меъроҷ ба он савор шуда, аз Макка то Байтулмуқаддас ва аз он ҷо ба осмон рафтааст.

Бухоро-шаҳри машҳур, ки пойтахти аввалин давлати миллии тоҷикон Сомониён буда, дар пешрафту такомули фарҳанги миллии тоҷикон ва қавмҳои дигари Осиёи Миёна саҳми босазое гузоштааст.

Бӯҳалаб-

Бӯҷаҳл-

Вазир-яке аз шоирони маддоҳи дарбори хони Қӯқанд Амир Умархон.

Вайл-номи водӣ дар дӯзах; "вой" гуфтан аз афсӯсу надомат ва бадбахтӣ.

Васӣ-

Вомиқ-номи қаҳрамони достони "Вомиқу Узро".

Дарвоз-номи музофот дар байни Қаротегину Помир, яке аз собиқ бекигариҳои Бадахшон ва яке аз ноҳияҳои имрӯза дар Тоҷикистон.

Даҷла-номи дарёи машҳур дар Ироқ.

Даҷҷол-номи шахси мавҳумӣ, ки гӯё дар охирзамон харсавор пайдо шуда, мардуми бисёре аз паси ӯ рафта гумроҳ мешаванд.

Доро-Шоҳаншоҳи ҳахоманишӣ, солҳои ҳукмронияш 522-486 пеш аз милод.

Духти Бухоро-

Ёсин-сураи 36-уми Қуръон, ки дар вақти назъи ҷон қорӣ ё мулло мехонад.

Забеҳулло-қурбонӣ, қурбонӣ аз барои Худо.

Замзам-чоҳи муқаддас ва чашмае дар наздикии Макка.

Зикриё-номи яке аз зоҳидон, мураббӣ ва васии Марям.

Зол-номи падари Рустам, ки сафедмӯй таваллуд шудааст.

Зулайхо-

Зуҳал-номи сайёраи системаи Офтоб, ки форси қадимааш Кайвон будааст ва мунаҷҷимон онро наҳс шуморидаанд.

"Зӯҳо"-номи сураи Қуръони маҷид, ки дар шеър барои вазн

шакли арабии ал-"Зӯҳо" кор фармуда шудааст.

Зӯҳра- номи сайёраи системаи Офтобии ба Замин наздиктарин, ки форсии қадимиаш Ноҳид (Аноҳито) буда, мутриби фалак, олиҳаи зебоӣ, рақсу суруд ва хушию хурсандӣ ба шумор меравад.

Иброҳими Зуннун-персонажи Қуръонӣ, пайғамбар, аввалин талқингари яккахудоӣ, ниёи умумии арабҳо ва яҳудиён. Ӯро Иброҳими халилуллоҳ, инчунин имом, сиддиқ, ҳаниф низ гуфтаанд.

Иброҳим Қосимии Бухороӣ-шоир ва адабиётшиноси бухороӣ, маъданшинос.

Идрис-персонаҷи Қуръонӣ, пайғамбар ва зоҳид, собир, ки Худо ӯро бар маснади баланд бардоштааст.

Имомулорифин Шайхи Кабоир-

Ирам-номи боғи афсонавӣ, ки гӯё Шаддод ном подшоҳ дар Яман бунёд карда будааст.

Искандар-императори Юнону Мақдунӣ, солҳои ҳукмрониаш (336-324) пеш аз милод).

Исми Аъзам-яке аз номҳои Худо, ки касе онро донад, ба ҳар кор муваффақ шуда метавонистааст.

Исо-паёмбар, ки китоби Инҷил бо номи ӯ нозил шудааст. Аз Марям бепадар таваллуд шуда, бинобар ин, бо номи Рӯҳуллоҳ низ машҳур аст. Асосгузори дини христианӣ.

Исфаҳон-номи шаҳр дар Эрон.

Кавсар-номи чашма ё дарёе дар биҳишт.

Кай-подшоҳ, шоҳи бузург, шоҳаншоҳ; лақаби шоҳони бузурги Эрони қадим дар "Шоҳнома"; ҷузъи лақаби шоҳони бузурги Сосонӣ, Кайқубод, Кайковус, Кайхусрав ва ғайра.

Кайхусрав-номи яке аз подшоҳони эронӣ.

Калим-ҳамсӯҳбат, ҳамсухан; ҳамсӯҳбати Худо, лақаби Мӯсо (а.)

Калими Тӯр-Мӯсо пайғамбар (а.)

Канъон-

Карбало-машҳад ал-Ҳусайн, шаҳрест дар Ироқ, ҷойи зиёрати шиаҳо.

Каррор-бозгарданда ва бозгардонанда ва ба такрор ҳамлаабаранда; лақаби ҳазрати Алӣ, ки дар ҷанг ба душман такрор ба такрор ҳамла меоварданд ва ҳеҷ андеша намекардаанд ва хаста намешудаанд.

Каъба-байтулҳарам, хонаест дар Макка, зиёратгоҳи мусул-

монон аст ва ҳангоми намоз рӯ ба он ҷониб меоваранд.

Каҳкашон-образи шеърӣ, роҳи сафеди равшани осмон, ки аз ситораҳои ноаён иборат аст. Маҷ. матлаби дурру дастнорас ва заҳмату ранҷ.

Кова-яке аз персонажҳои достону ривоятҳои қадимаи ниёгони мардуми эрониназод ва "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ. Дирафши Ковиёнӣ машҳур аст.

Ковус-номи шоҳи Эрон, писари Кайқубод.

Кураган-

Кӯлоб-шаҳри маълуми Тоҷикистон, маркази вилояти ҳамномисобиқ, ҳоло дар вилояти Хатлон.

Кӯҳкан-лақаби Фарҳоди кӯҳкан. Образи машҳури шеърӣ дар адабиёти форсию тоҷикӣ ва халқҳои дигар.

Қайсар-подшоҳи Рум; лақаби шоҳони Руму Юнон дар замонҳои пеш.

Қалъаи Сангин-

Қандаҳор-

Қаротегин-бекигарии Бухорои Шарқӣ, минтақаи имрӯзаи ноҳияҳои Рашт (Ғарм), Нуробод, Тоҷикобод ва Ҷиргатол.

Қибчоқдашт-дашти қибчоқ, дар шимолу ғарбии баҳри Хазар, ки он ҷо қибчоқҳо сукунат доранд.

Қирқюз-

Қоран-номи паҳлавони эронӣ дар замони Рустам.

Қорун-як сарватманди серпули афсонавӣ, ки ба ғазаби Худо гирифтор шуда, бо тамоми сарваташ ба замин фурӯ рафтааст.

Қосими Мусаллам бинни Уқил-

Қоф-номи кӯҳи афсонавӣ, ки гӯё гирдогирди ҷаҳонро фаро гирифтааст. Қоф то Қофи ҷаҳон-гирдогирди ҷаҳон, сар то сари дунё, тамоми олам.

Қубод-номи яке аз шоҳони Сосонӣ-падари Нӯширвон.

Қулзум-баҳри Аҳмар, баҳри Сурх; номи шаҳр дар Миср.

Қуръон-номи китоби муқаддаси дини ислом.

Лавлок-ишора ба "лавлоку лимо хилқатил афлоки", яъне, агар ту намебудӣ, албатта, афлокро пайдо карда наметавонистам; ҳадиси қудсӣ, онро гӯянд, ки он ҳазратро ба хоб ваҳй расида бошад.

Лайло-номи маъшуқаи Маҷнун дар достонҳои "Лайлию Маҷнун".

Луқмон-персонажи қуръонӣ, ҳакиму хирадманд.

Мадина-шаҳри Ясриб аз Макка Муҳаммад соли 622 ҳиҷрат карда буд ва он Мадина, яъне (шаҳри пайғамбар).

Мадоин-номи дигари шаҳри Тайсафун (Ктесифон)-пойтахти қадимаи Эрон, ки харобаҳои он ҳанӯз боқист.

Майдонӣ-

Макка-Маккаи мукаррама, шаҳри муқаддас дар Арабистони Саудӣ. Зодгоҳи ҳазрати Муҳаммад (с.).

Мансур-Эшони Мансурхоҷа (соли таваллудаш номаълум, вафоташ 1786), Хӯқанд, шоири тоҷик.

Мансур-Мансури Ҳаллоҷ (858-922), мутафаккир ва шоири форсу тоҷик, яке аз саромадони тасаввуф, ки бо сабаби "аналҳақ" (ман ҳақ) гуфтанаш ба дор кашида шуда буд.

Мансури Музаффар-

Марями Масеҳ-персонажи қуръонӣ, модари Исо пайғамбар.

Масеҳ-Исои масеҳ.

Маъдан-

Маҳмад Умар-

Маҳмуд-Муҳаммад пайғамбар (с.).

Маҷнун-лақаби Қайс, ошиқи Лайлӣ; ошиқи шайдо.

Миср-номи мамлакат дар шимолу шарқии қитъаи Африқо.

Мозандарон-номи сарзамине дар Эрон.

Муртазо-лақаби домоди паёмбар Алӣ ибни Абӯтолиб.

Мустафо-яке аз лақабҳои Муҳаммад паёмбар (с.).

Мусулмонқул-

Мутаваллӣ-саркор, бошандаи сари коре; тасарруф ва тақсимкунандаи вақфҳо.

Муштарӣ-номи сайёра, Бирҷис, Юпитер ва Ҳурмузд низ мегӯянд. Ситорашиносони қадим онро муборак хонда, "Саъди акбар" ва "Қозии фалак" низ гуфтаанд.

Муҳаммади Мустафо-паёмбари акрам (с.).

Наккири Мункар-номи фариштаҳое, ки пас аз марг дар гӯр ба сари мурда омада, гуноҳу савоберо, ки дар дунё кардааст, мепурсанд.

Нурайни Алӣ-

Нӯширвон-Анӯшервон, номи Кисро (Хусрав), шоҳи сулолаи Сосониёни Эрон.

Нӯъмон-номи подшоҳи араб, писари Мунзир дар "Шоҳнома".

Нӯр-персонажи қуръонӣ, пайғамбар ва расули Худо.

Нӯҳи тӯфонӣ-ишора ба пайғамбар.

Обигарм-номи шаҳраки имрӯзаи Тоҷикистон, ки як вақтҳо

тобеи Умархон-хони Хӯқанд будааст.

Одам-инсони аввалине, ки Худо аз гил офарида, дар биҳишт ҷой кардааст, вале бо васвасаи шайтон аз гандуми мамнӯъ хӯрда, аз он ҷо ронда шудааст.

Оли Аҳмад-авлод, хонадони Муҳаммад паёмбар (с.) дар назар аст.

Олим-

Омина-номи модари Муҳаммад паёмбар (с.).

Парвин-шаш ситораи хурди бо ҳам ҷамъомада, ки дар фасли зимистон аз аввали шаб намоён мешавад. Номи арабияш Сурайё.

Понғаз-номи деҳа ва ҷамоат, ки дар шимолтари ноҳияи Ашт ҷойгир шудааст, зодгоҳ ва ҷойи вафоти шоир Маъдан.

Понсадғозиён-манзур Понғазиён.

Пунук-номи деҳа дар водии Фарғонаи шимолӣ, ноҳияи Ашт, ки он ҷо Маъдан аз устодаш Муҳаммадаминхоҷаи Косонӣ таълим гирифтааст.

Расул-фиристода, паёмбар, манзур Муҳаммад пайғамбар (с.).

Расули Ҳошимӣ-манзур паёмбар Муҳаммад (с.).

Рахш-номи аспи Рустами достон аз "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ.

Рахши шафоат-

Рум- номи қадимаи империяи Рим.Византия.

Рус- номи халқ ва мамлакат. Руссия.

Рустам-қаҳрамони машҳури "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ.

Рӯинтан-лақаби Исфандиёр, қаҳрамони машҳури "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ.

Сабурӣ- тахаллуси шоирии Абдулҳамид Қосимов.

Салсабил-номи чашмае дар биҳишт.

Самандар-номи ҷонвари афсонавӣ, ки гӯё дар оташ зиндагӣ мекардааст.

Санъон-пири Санъон.

Сарвак-номи мавзеъ, рӯдаке дар вилояти Намангони имрӯза.

Сари Пул-мавзее дар поёни Обигарм.

Сиддиқ-лақаби Абӯбакр, халифаи якуми Муҳаммад паёмбар (с.); ростгӯ.

Сиддиқи Қаҳоф ибни Хаттоб.

Сиистон-номи сарзамин дар Эрон.

Сикандарваш-мисли Искандар, шоҳи Юнон.

Симурғи Қоф-мурғи афсонавӣ, ки гӯё дар баландтарин қул-

лаи кӯҳи Қоф мезистааст.

Сипандиёр-Исфандиёр.

Сифоҳон-Исфаҳон, шаҳрест дар Эрон.

Сом-яке аз қаҳрамонони "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ.

Сурайё-номи арабии ситораҳои Парвин.

Сулаймон-яке аз пайғамбарон, писари Довуди паёмбар.

Сураи Юсуф-номи яке аз сураҳои Қуръон.

Сурхоб-номи рӯди Сурхоб, ки аз ноҳияи Рашт оғоз ёфта, якҷоя бо Хингоб дарёи Вахшро ташкил медиҳад.

Сӯҳроб-қаҳрамони машҳури "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ.

Таврот-яке аз китобҳои муқаддас, ки ба Мӯсои пайғамбар нозил шудааст. Китоби муқаддаси яҳудиён.

Тотор-номи халқи туркнаҷод. Муғул.

Тошканд-шаҳри имрӯзаи маълум, ки дар қадим Чоч ва минбаъд бо таъсири арабию туркӣ Шош ва ниҳоят, ба Тош табдил ёфтааст.

Тоҳо-

Тоҳою Ёсин- номи ду сураи Қуръони маҷид; исми мубораки он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аст: "Тоҳо" киноя аз "ё Тоҳир" ва "Ёсин" ишора ба номи "ё саид", ки дар ашъори Маъдан фаровон истифода шудааст.

Туркистон-

Туфайл-номи шахс аз қабилаи бани Умайяи араб, ки хеле камбағал буда, нохонда ба меҳмонӣ мерафтааст. Минбаъд касе, ки ба меҳмони таклифшуда ҳамроҳ шуда, нохонда, туфайлӣ "меҳмон" омадааст.

Тӯр-

Тӯра Мақсудхон-

Тӯрон-номи кишваре, ки ғайри Эрон аст, он бо номи паҳлавони эронӣ Тӯр мансуб аст. Аз рӯйи баъзе андешаҳо гӯё Туркистон аст, ки он ғалат аст.

Умар-Умар ибни Хаттоб ал-Форӯқ (581(91)-644), халифаи дуюми рошидин, яке аз ҳамсафони Муҳаммад (с.).

Умари сонӣ-Амир Умархон, хони Хӯқанд (1809-1822) дар назар аст.

Умар Султон-Амир Умархон.

Усмон-Усмон ибни Афон (575-656), халифаи сеюми рошидин, солҳои 644-656 хилофат кардааст.

Фағфур-лақаби подшоҳони қадими Чин.

Фалотун-номи файласуфи Юнони Қадим Афлотун (Платон).

Фаранг-Фарангистон; Аврупо.

Фарғона-

Фаридун-номи яке аз шоҳони қадими Эрон, ки баъди Заҳҳокро нест кардани Коваи оҳангар ба сари тахт омада буд.

Фарҳод-номи паҳлавони эронӣ ва қаҳрамони достонҳои "Хусрав ва Ширин" ва "Фарҳод ва Ширин".

Форс-номи яке аз вилоятҳои Эрон.

Фотима-духтари Муҳаммад пайғамбар (с.) ва Хадича, ҳамсари Алӣ ибни Абӯтолиб, модари Ҳасану Ҳусейн.

Хайриннисо-

Халил-дӯсти содиқ; Иброҳими халилуллоҳ дар назар аст.

Хизр-мутобиқи ривоятҳои динӣ номи пайғамбаре, ки гӯё оби ҳаёт хӯрда, умри абадӣ ёфтааст ва бо шаклу намудҳои гуногун, одатан мӯсафеди зебою хушлибосе ба одамон дучор меомадааст.

Хисрав-номи яке аз подшоҳони Эрони қадим, ки дар достони "Хусраву Ширин" ошиқи Ширин аст.

Хоқон-унвони сарвари муғулҳо; лақаби подшоҳони бузурги турк ва хитой.

Хоқони Чин-сарвари сулолаи муғулии Хитой.

Хуросон-сарзамине, ки дар тарафи чапи Амӯдарё ҷойгир шудааст. Марказаш шаҳри Ҳирот аст.

Хутан-сарзамин дар шимолу ғарбии Хитой. Он бо мушкаш машҳур будааст.

Ҳазрати Махдум Аъзами Косон-

Ҳазрати Ҷалолӣ-

Ҳайдар-лақаби Алӣ-домоди пайғамбар. Шери Худо.

Ҳинд-нимҷазира дар ҷанубии Осиё. Мамлакати Ҳиндустон.

Ҳисор-девор, қалъа. Номи водӣ, ноҳия ва шаҳр дар Тоҷикистони Марказӣ.

Ҳиндустон-номи мамлакат дар нимҷазираи Ҳинд, ҷанубии Осиё.

Ҳотам-номи шахсест, ки дар ҷуду карам ва бахшишу саховат шӯҳратманд гардидааст. Маҷ. ҷавонмардӣ, саховат.

Ҳотами тойӣ-ба Ҳотам нигаред.

Ҳусайн-номи писари хурдии Алӣ ва Фотима, духтари Муҳаммад (с.), имоми сеюми шиъаҳо.

Ҳушом-

Чин-Хитой.

Чину Мочин-Ҳинду Хитой. Номи кишварҳое, мисли Хитой

Ҳинд, Бутон, Таиланд, Камбоҷа, Ветнам, Лаос ва Бирма. Кишварҳои аз Чин ҳам дур.

Ҷабраил-яке аз фариштаҳо.

Ҷайҳун-шакли арабии Амударё. (Ому).

Ҷам-шакли кӯтоҳкардаи Ҷамшед, шоҳи афсонавӣ.

Ҷоми Ҷамъ-ҷоме, ки Ҷамшед гӯё дар он шароб менӯшидааст ва мисли оина ҷаҳонро медидааст.

Ҷамшед-шоҳи афсонавии Эрони бостон.

Ҷамшеди ҷоми Ҷам-манзур Ҷамшед ва оинаи ҷаҳоннамои ӯ.

Ҷибрили Амин-ба Ҷабраил нигаред.

Ҷомӣ-Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ, шоиру нависанда ва ҳакиму мутафаккири машҳури тоҷик, ки ба ҷаҳонбинӣ ва ташаккули бисёр шоиру нависандагони минбаъда, аз ҷумла, Маъдан, таъсири бузург расонидааст.

Шайбонӣ-номи сулолаи турконе, ки Осиёи Миёнаро забт намудаанд.

Шайхмансур-Мансури Ҳаллоҷ, ки "Аналҳақ" гуфтааст.

"Шамс" ва "Зӯҳо"-номи сураҳои Қуръони маҷид.

Шахак-номи яке аз маҳаллаҳои Понғаз, ки шоир Маъдан дар қабристони он ҷо мадфан аст.

Шаҳидон-Шайдони имрӯза, маркази маъмурии н.Ашт.

Шералихон- хони Хӯқанд

Шери Ваҳҳоб- Алишери Худо. Ба Алӣ нигаред.

Шери яздон-Алишери Худо. Ба Алӣ нигаред.

Ширин-маъшуқаи Хусрав ва Фарҳод аз достонҳои ҳамном. Маликаи кӯҳистони Арман.

Шом-номи қадимаи Сурияи имрӯза ва пойтахти он шаҳри Димишқ.

Шӯхӣ-

Юсуф-ҳазрати Юсуфи мисрӣ, ки дар адабиёт сифатҳои гуногун дорад, вале аслан рамзи зебоӣ ва ишқу муҳаббату вафодорист. Писари Яъқуб пайғамбар. Қаҳрамони достонҳои "Юсуф ва Зулайхо"; номи сурае дар Қуръон.

Юсуфи Канъон-нигар ба Юсуф.

Юсуфи Сиддиқ-нигар ба Юсуф.

Юшиан Шуайб-

Яъқуб-номи яке аз паёмбарони бани Исроил, падари Юсуф.

Ясриб-номи қадимаи Мадина.

Яҳё-номи яке аз паёмбарони бани Исроил

***Нурулло Мирзоматов***

# АЗ ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ РӮЗГОР ВА ОСОРИ ШОИР ОДИНАМУҲАММАД МАЪДАН

Аввалин сарчашмаи адабие, ки дар бораи ному тахаллус ва зодгоҳу баъзе ҷиҳатҳои мавзӯъҳои ашъори шоири охири асри XVIII ва аввали асри XIX Одинамуҳаммад Маъдан маълумот медиҳад, ин тазкираи "Маҷмуатушшуаро"-и Фазлии Намангонист. Ин тазкира дар нимаи охири асри XVIII ва аввали асри XIX мураттаб шуда, соли 1900 ба нашр расидааст. Дар ин тазкира оид ба 71 нафар шоирон сухан рафтааст. Тазкираи мазкур дар ганҷинаи дастнависҳои Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳон Берунӣ таҳти рақамҳои 2371, 5735, 7510, 9139 маҳфуз аст.

Маъхази дигаре, ки дар он баъзе шеърҳои Маъдан гирд оварда шудааст, ин баёзҳост. Аз ҷумла, дар ду баёзе, ки таҳти рақами 2637 ва 9914 дар ганҷинаи дастнависҳои Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон нигоҳ дошта мешавад, шеърҳои Маъдан ҷой дода шудаанд.

Чунонки ишора рафт, тазкираи "Маҷмӯатушшуаро"-и Фазлии Намангонӣ соли 1821 дар Хӯқанд мураттаб шудааст. Бино ба тадқиқоти маъданшинос Ҳ.Мухторова мураттиби тазкираи номбурда Фазлии Намангонӣ роҷеъ ба ҳаёту ашъори Маъдан на баҳои сазовору арзанда ва дар баъзе мавридҳо маълумоти нодуруст ва ғалат ҳам додааст. Аз ҷумла, таваҷҷӯҳ фармоед:

Ба тарсоӣ лафзист ӯ пурҳунар,
Зи асрори маънӣ, вале бехабар.

Фазлии Намангонӣ баъзан ба ашъори шоир аз нигоҳи маърифати шоирӣ ва адабиётшиносии асил баҳои сазовор надодааст. Ашъори шоир саршори маъниҳои хубу суфта ва ҷолибу наҷиб мебошад.

Дар хусуси аслу баромади Маъдан низ мураттиби "Маҷмӯатушшуаро" фикрҳои гуногун овардааст. Дар маснавиҳояш "Маъдани Фалғарӣ", ё худ дар баъзе ҳолатҳо "Маъдани Риштонӣ" гуфтааст, ки ин аз ҳақиқати воқеӣ басо дур аст.

Ҳамин тариқ, баъзе маълумоти дар тазкираи Фазлии Намангонӣ овардашуда нодуруст ва носаҳеҳ буда, аз назари танқидӣ

мутолиа ва муқоиса намудани он мувофиқи матлаб мебошад.

Нусхаҳои хаттии маҷмӯаи ашъори Маъдан дар дасти шахсони алоҳида мавҷуд аст. Масалан, мураттиби "Ашъори мунтахаб"-и шоир Дилбар Аҳмадов дар ин хусус чунин навишта: "Аз осори адабии Маъдан ҳоло дар дасти нависандаи ин сатрҳо панҷ нусхаи дастнависҳои шоир мавҷуд аст, ки ду нусхаи онҳо нисбатан мукаммалтар буда, нусхаҳои дигар нопурраанд. Яке аз нусхаҳои мукаммали куллиёти шоирро, ки мо шартан бо ҳарфи "А" ишора мекунем, нусхаи аз ҳама пурраю эътимоднок буда, соли 1902 аз тарафи Мулло Муҳаммадсайид (аз авлоди Маъдан) покнавис карда шудааст. Куллиёт аз 250 саҳифаи дастхат иборат буда, 125 ғазал, 28 мухаммас, 22 мусаддас, 8 қасидаро дар бар мегирад, ки қисми зиёди онҳо ба забони тоҷикӣ ва як қисми онҳо ба забони ӯзбекӣ навишта шудаанд".*

Ҳоло дар китобхонаи шахсии бародари Д.Аҳмадов мураттиби "Файзи осор" (1993) ва "Девон ӯзбек тилидаги шеърлари" (2003), Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Фахриддин Аҳмадов чаҳор нусхаи дастнависҳо мавҷуд аст, ки яке 155 саҳифа, дигаре 133 саҳифа ва сеюмӣ 49 саҳифаро дар бар гирифтаанд. Дастхати 49 саҳифагиро аз деҳаи Қӯлихоҷа соли 1975 аз хонаи муаллими риёзӣ Дадоҷон Азизов дастрас кардаанд. Чаҳорумин дастхат аз 39 варақ иборат аст, ки баъзе варақҳояш нобуд шуда, нимаш мондааст.

Ҳамчунин Ф.Аҳмадов ёдрас карданд, ки солҳои наздик як нусха девони шоирро шарқшинос Т.Пӯлодов аз шаҳри Тошканд, аз хонаи хешовандонаш пайдо кардааст.

Профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, доктори илми филология Т.Неъматзода бахшида ба масоили омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Одинамуҳаммад Маъдан соли 1974 дар маҷмӯаи "Масъалаҳои филологияи тоҷик" (с.81-87) бо унвони "Омӯзиши Маъдан" мақолаеро нашр карда буд. Мутаассифона, муаллиф на ҳамаи асару мақолаҳои то соли 1974 иншошударо мавриди истифода ва таҳлил қарор додааст.

Т.Неъматзода дар мақолаи хеш асару мақолаҳои то соли 1966 ба табърасидаро таҳлил кардааст. Аз ҷумла, дар бораи мақолаву рисолаҳои адабиётшиносони ӯзбек Л.Қаюмов (1939), А.Қаюмов (1961), В.А.Абдуллоев (1964) ва донишмандони тоҷик Х.Мирзозода (1950, 1951), Д.Аҳмадов (1957, 1958, 1966), Н.Маъсумӣ (1962), С.Сиддиқов (1966) маълумот дода шудаасту бас.

Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки мақсаду ҳадафи муаллиф иншои таърихи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти шоир Маъдан асту чаро ҳамаи мақолаҳои то соли 1974 ба табъррасидаро фаро нагирифтааст. Дар ин давра, яъне, то соли 1974, то нашри мақолаи Т.Неъматзода дар Тоҷикистону Ӯзбекистон аз тарафи адабиётшиносону устодони донишгоҳҳо ва муаллимони мактабҳои миёна чандин мақолаҳои гуногун ба табъ расида буд. Аз ҷумла, мақолаҳои Р.Масолиев "Шоир Одинамуҳаммади Маъдан" (1958), "Маҷмӯаи нодири шоири ҳамдиёр" (1966), С.Абдулазизов "Ҳаёт ва мероси адабии Маъдан" (1967), И.Ниёзов, Ф.Аҳмадов, Ё.Ӯрунов "Якчанд сухан оид ба ҳаёт ва фаъолияти Маъдан" (1962), ки дар нашрияҳои гуногуни ҷумҳурӣ ба табъ расида буданд, аз назари муҳаққиқ берун мондааст.

Ҳамчунин боиси таассуф аст, ки аввалин тадқиқоти ҷиддии ба сифати рисолаи номзадӣ ба сомон расидаасту дар атрофи ин мавзӯъ чандин мақолаҳои илмии ба нашррасидаи адабиётшинос Ҳ.Мухтороваро зикр накардан, ба андешаи мо, танҳо ба зарари маъданшиносӣ хоҳад буд. Бояд ёдрас кард, ки Ҳ.Мухторова роҷеъ ба ҳаёту эҷодиёти шоир Одинамуҳаммад Маъдан дар нашрияҳои гуногуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон то дифоъи рисолаи номзадиаш (1972) чандин мақолаҳоро ба табъ расонида буд, ки аз ҷумлаи онҳо мақолаҳои "Маъданнинг Навоийга мухаммаси" (1968), "Шоир Маъдан. Ҳаёт ва ижодий фаолияти" (1972), ҳамчунин автореферату рисолаи номзадии ин муҳаққиқ барои маъданшиносӣ арзиши хоса дорад. Сипас ин таҳқиқот соли 1975 дар шакли китоби алоҳида бо теъдоди 4 ҳазор нусха ба нашр расид.

Лозим дониста шуд, ки сайру тасвири мухтасари адабиёти маъданшиносӣ аз давоми мақолаи Т.Неъматзода "Омӯзиши Маъдан" (1974) бо риояи таърихи иншо ва нашри онҳо мавриди таҳлил ва тасвир қарор гирад.

Пас аз Д.Аҳмадов бародари фарҳангдӯсту хирадмандаш Фахриддин Аҳмадов ба нашру таҳқиқи осори шоир Маъдан машғул гардид. Ашъори шоирро ба ҳарфи кириллӣ баргардонда, дар рӯзномаю моҳномаҳои гуногун ба чоп расонид.

Аз соли 1962 то ба имрӯз ашъори шоирро меомӯзанду таҳқиқ менамоянд. Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоир бо ҳаммуаллифии муаллимон И.Ниёзов ва Ё Ӯрунов таҳти унвони "Якчанд сухан оид ба ҳаёт ва фаъолияти Маъдан" ("Машъали коммунизм", 25.09.1962) мақолаеро бахшида ба 200-солагии шоир ба чоп расонидаанд.

Ф.Аҳмадов ба ҷустуҷӯ ва омӯзиши ашъори шоир ва ба ҳуруфи ҳозираи тоҷикӣ баргардонидани шеърҳои Маъдан пайваста машғул шуда, дар рӯзномаи "Шӯҳрати Ашт" (18.08.1990) ду ғазали ӯзбекии шоирро баргардонд. Сипас, ғазали тоҷикии "Дили ман сайди ҳайрат шуд, ба дом афканда сайёдаш"-ро ("Шӯҳрати Ашт", 20.10.1990) бори нахуст барои ҳамдиёронаш манзур кард.

Соли 1991 Ф.Аҳмадов таҳти унвони "Янги мухаммас" мақолаеро ба чоп расонид, ки дар он бо пешгуфтори мухтасар "Мухаммаси Маъдан бар ғазали Алишери Навоӣ"-ро дар рӯзномаи "Шӯҳрати Ашт" (16.07.1991) пешкаши хонандагон гардонид.

Ф.Аҳмадов дар мақолаи "Ғамхори мардум" («Шӯҳрати Ашт», 7.09.1991) чанде аз ғазалу мухаммасоти шоирро таҳлилу таҳқиқ кардааст. Ҳамзамон дар анҷоми ин мақола ду ғазали ба тозагӣ аз осори Маъдан ба дастомадаро ба хонандагон пешкаш кардааст, ки бо чунин матлаъ оғоз мегардад: "Ба нури файз, ё раб, сайқали теғи забонамро" ва "Ба тавҳиди саноят соз кун, ё раб, забонамро".

Соли 1992 бахшида ба ҷашни 230-солагии шоир Одинамуҳаммад Маъдан Ф. Аҳмадов чанде аз шеърҳои ба тозагӣ пайдокардаашро бо ҳарфи кириллӣ баргардонд ва дар рӯзномаи "Шӯҳрати Ашт" пешкаши ҳаводорон намуд. Аз ҷумла, дар мақолаи "Шоирнинг янги топилган шеърлари" (25.03.1992) ғазали ӯзбекии "Айрилдим" ва мусаддаси ӯзбекӣ ва баъдан ғазалҳои "Рақс этмиш", "Мӯй муборак" ва мусаддаси ӯзбекиро (1.07.1992) ва ду ғазали тоҷикии "Девона хонандат", "Тавба во дорад"-ро (23.09.1992) ба чоп расонид.

Ф. Аҳмадов дар мақолаи "Ассалом, эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо..." ("Илм ва ҳаёт", 1992, №3-4.-С.14-16) мухтасар дар бораи тарҷумаи ҳолу ашъори шоир ва вазъи омӯхта шудани осори ӯ чанд сухан иншо кардааст. Дар ин мақола бори нахуст ду ғазалу даҳ мусаддасоти шоир ба чоп ҳозир шудааст.

Бахшида ба ҷашни 230-солагии шоир Одинамуҳаммад Маъдан Фахриддин Аҳмадов ашъори Маъданро соли 1993 таҳти унвони "Файзи осор" дар шаҳри Душанбе бо теъдоди 8 ҳазор нусха ба нашр расонид.

Дар "Сарсухан"-и китоб мураттиб мӯҷиби нашри такрории ашъори шоирро чунин шарҳ додааст: "...масоили нашри нисбатан мукаммал ва ба баъзе паҳлӯҳои зиндагии шоир таҷдиди назар ба вуҷуд омад, ки банда иҷрои онро пас аз вафоти бародарам (Дилбар Аҳмадов-Ш. Ҳ.) ба зимма гирифтам. Чандин

шеъри он маҷмӯа зердасти таҳрири нораво шудааст, ки ба ислоҳаш кӯшиш ба харҷ дода шуд. Абъёти аз дасти чоп уфтодаро бо нусхаҳои аслӣ муқоиса карда, барқарор намудам. Дар ин мавридҳо ба дастнависи дар замони шоир китобатшуда, ки он ба бародар ё бародарзодаи шоир Муллониёз тааллуқ дорад, бартарӣ дода шуд, зеро аз муоина бармеояд, ки он аз матни дастхати худи шоир рӯнавис карда шудааст ва аз ин рӯ, нусхаи саҳеҳтарин ва эътимоднoктарини шоир маҳсуб мешавад. Саҳву хатоҳои он нисбат ба дигар нусхаҳо камтар ба назар мерасад. Бархе аз абёти қасоид ва ғазалиёти шоирро дастнависҳои баъдина дарбар намегиранд, вале мутаассифона, ин дастнавис ҳам дар қисмати рубоӣ ва ду маснавӣ пур аз мағшушот аст ва ҳатто унвони ин ду маснавиро пайдо накардем. Чандин абёт аз ин маснавиҳо дар саҳфаҳои ин дастнавис монд, ки мо онро ба диққати пажӯҳишгарон мерасонем. Барои такмили ин дастнавис бештар аз тазкираи "Маҷмӯатушшуаро" (чопи сангии Тошканд, 1900) истифода бурда шуд. Ду қасида ва як ғазали дар ин тазкира овардашуда аз нусхаи девони шоир фарқиятҳои зиёде дорад. Тартиби абёти қасоид низ гуногун аст. Бо вуҷуди ин ки тазкираи номбурда низ аз камбудиҳо орӣ нест, бештар ба он рӯйи ниёз овардем.

Ба нашри ҳозир 19 ғазал, 10 қасида, 4 мухаммас, 8 мусаддас, 12 муаммо ва ду маснавиро омода сохтем, ки он бори нахуст рӯйи чопро мебинад. Аз маҷмӯаи "Ашъори мунтахаб"-и Д. Аҳмадов ба ҷуз аз муаммо, қитъа, рубоӣ 45 ғазалро бо таҳрир ба маҷмӯа ҳамроҳ кардем. ("Файзи осор".-саҳ.7).

Ин рисола дар замони ниҳоят вазнину душвори иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангӣ рӯйи чопро дид. Дар ин кори хайр бародарон Дилбар Аҳмадов (шодравон) ва Фахриддин Аҳмадов чун тартибдиҳанда хизмати арзандаеро ба сомон расонидаанд. Зикри хайру қадрдонии кору заҳматҳои чандинсолаи бародарони фарҳангӣ вазифаи ҳар як зиёии имрӯз аст.

Ба хотири равшанӣ андохтан ва барои ба доираи васеи хонандагон дуруст возеҳ гардидан рисолаи "Файзи осор"-ро бо "Ашъори мунтахаб" (1985) муқоиса намудем. Дар натиҷаи муқоисаи ин ду рисола аён шуд, ки мураттиб Ф.Аҳмадов дар рисолаи охир, яъне, "Файзи осор" ғазалҳои зеринро шомил кардаанд: "Эй бурда бӯй аз гулистон гесӯи анбаросои ту" (саҳ.27), "Паи азроқи мақсум чанд ҳар сӯ медавонандат" (с.28), "Илоҳӣ, бар туроби равзаи ҳасрат яқинам кун", (с.28), Ба фикри ҳастият

ақл аз таҳайюр маҳву фитрат ҳам" (с.28-29), "Шуд обутоби ҳусни ту аз бодаи арақ" (с.29), "Суруру синаам ёди висолат ё расулаллоҳ" (с.29), "Ба тавҳиди саноят соз кун, ё раб, забонамро" (с.30), "Дили ман сайди ваҳдат шуд, ба дом афканд сайёдаш" (с.30), "Ҳама арзу матлаби ман туӣ, зи кадом собиқа дам занам?" (с.30-31), "Манам он гуле, ки шукуфтаам зи насими субҳи лиқои ту" (с.31), "Ба ту шарҳи гиря баён кунам, ба канори дида биё, шунав" (с.31), "Шикан ранги таассуф шиква аз бунёди Қорун зан" (с.31-32), "Эй қодири қайюм бихонам ба чӣ номат" (с.32), "Ба рӯйи мунзибон ҳарчанд боби тавба во дорад" (с.32-33) "Ба нури файз, ё раб, сайқали теғи забонамро" (с.33), "Зи қайди мову ман бигсал сари озодагӣ во кун" (с.33), "Мактуби мо навишт қолу бало-бало" (с.34), "Эй аз табассум карданат гул раста бар рӯи замин" (с.34), "Эй зада табли хисравӣ бар сари боми кибриё" (с.34-35).

Чунонки мураттиб ишора кардааст, дар "Файзи осор" 19 ғазал, 10 қасида, 4 мухаммас, 8 мусаддас, 12 муаммо ва ду маснавӣ бори нахуст чоп шудааст. Нашр ва дастрас гардидани китоб барои дӯстдорони ашъори Маъдан тӯҳфаи хубу арзанда аст.

Устод Ф.Аҳмадов ҷустуҷӯй ва омӯзишу таҳқиқи ашъори шоирро пайваста идома дода, соли 2003 ашъори ӯзбекии шоирро ба сифати рисолаи ҷудогона бо унвони "Маъдани Понғозий. Девон. Ӯзбек тилидаги шеърлари" ба чоп расонид. Китоб дар ҳаҷми 110 саҳифа ба миқдори маҳдуд нашр шуд. Пешкаш шудани ашъори ӯзбекии шоир барои дӯстдорону ихлосмандон тӯҳфаи пурарзишест.

Мураттиб дар таҳия ва омода намудани китоби мазкур хеле заҳмат кашидааст. Дар ин кори хайр ӯро яке аз донандагони хуби ашъори шоир Мулло Ашӯрмуҳаммади Нозимӣ (шодравон) мададгору ёвар будаанд, ки аз ин хотир мураттиб арзи сипоси хешро нисбати мавсуф дар пешгуфтор изҳор намудааст.

Дар пешгуфтори рисола дар бораи тарҷумаи ҳоли шоир, мероси адабии ӯ, дар хусуси тадқиқгарони ашъори Маъдан ва мухлисони шоир ба таври хеле мухтасар маълумот дода шудааст. Ин ҷо муаллиф тадқиқгарони тоҷику ӯзбек ва шоиронеро, ки бар васфи Маъдан шеърҳо эҷод кардаанд, зикр намудааст.

"Девон" 40 ғазал (с.11-51), 12 мухаммасу мусаддас (с.52-87), марсия ва марсияҳои ба устодаш Муҳаммадаминхоҷаи Косонӣ бахшидааш "Тулӯйи субҳи ваҳдат шамъи рухсоримдин айрил-

дим" (с.88-89) ва "Ман ул шӯрида булбулманки фарёдимдин айрилдим" (с.90-92) ва шеърҳои дигарро фаро гирифтааст.

Ба ин рисола Раҳмат Ёқубӣ ва Мӯъмин Абдулло тақризи пурмӯҳтавое иншо намуданд ("Шӯҳрати Ашт", 2004, 6 июл). Муқарризон бурду бохти заҳматҳои чандинсолаи мураттибро хуб ба қалам додаанд. Аз ҷумла, боиси ифтихору сарафрозист, ки бо саъйи донандагони осори Маъдан, бахусус, осори ӯзбекии ӯ Ф. Аҳмадов ва рӯзноманигорони бомаҳорат, шоири ӯзбекзабон М.Умаралиев "Девон"-и ӯзбекии Маъдан ба табъ расид.

Муқарризон афзудаанд, ки барои Ф.Аҳмадов тадқиқу ҷамъ овардани ашъори ӯзбекии Маъдан фарз буд. Аз ин хотир, ки осори тоҷикии шоирро бародарашон Дилбар Аҳмадов (рӯҳашон шод бод!) аз солҳои бистум нуктасанҷона омӯхта, ҳар як мисраву байти шоири зуллисонайнро аз риштаи таҳрир гузаронида, соли 1966 маҷмӯаи "Ашъори мунтахаб"-и шоирро чоп ва дастраси ҳаводорон карданд. Тавре мо аз ҳар як мисраву байти ӯзбекии Маъдан ба хулосае омадем, мураттиб ва муҳаррир хеле меҳнати пурсамар кардаанд, ки "Девон"-и мазкур дастраси ихлосмандон гардад. Пурмазмуну пурғановат дастрас шудани "Девон" аз он шаҳодат медиҳад, ки мураттиб забони ӯзбекиро ба хубӣ медонад ва аз муҳити зисти шоир огаҳӣ дорад. "Девон"-и ӯзбекии Маъдан аз байтҳои парешони шоир, ки дар жанру шаклу санъатҳои гуногуни шеърӣ офаридаву бо заҳматҳои тоқатшикани мураттиб, ки тақрибан дар тӯли 50 сол гирдоварӣ карда шудаанд, аз 1608 мисраъ иборат буда, сирф абёти ӯзбекии ӯро дарбар мегирад.

Дар мақолаи "Саёҳатнома" ("Шӯҳрати Ашт", 26.11.1994) чанде аз мавзӯоти ҷуғрофии эҷодиёти шоир мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф тавонистааст сафарҳо ва фикру андешаҳои озодихоҳонаву пешқадами шоирро барои хонандагон возеҳ намояд.

Таъсири "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ ба эҷодиёти Маъдан ва ҳамзамон иртиботи маънавии ин шоҳкории адабиёти классикӣ ба ашъори Одинамуҳаммад Маъдан аз масъалаҳои муҳим ва мубрами адабиёт маҳсуб меёбад. Ф.Аҳмадов дар мақолаи "Маъдан ва "Шоҳнома" ("Шӯҳрати Ашт", 30.07.1994) таъсири "Шоҳнома"-ро ба эҷодиёти шоир Одинамуҳаммад Маъдан хуб баррасӣ намудааст. Ин мавзӯъ баъдтар таваҷҷӯҳи муаллифро боз ба худ кашид ва соли 2006 ба василаи маҷаллаи "Хуҷанд" (№9, с.93-96) шакли такмилёфтаи онро ба нашр расонид.

Муаллими забон ва адабиёти тоҷики мактаби миёнаи ба номи Маъдан Раҳматулло Масолиев (шодравон) як тан аз мухлису дилдодаи ашъори шоир Маъдан буд. Вай дар давраи донишҷӯйии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буданаш (1958) таҳти роҳбарии Т.Неъматзода оид ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир рисолаи дипломӣ иншо карда, аз ҳамон вақт меҳру муҳаббат ва шавқу ҳавас нисбат ба ашъори ҳамдиёраш дар дилаш маскан гирифтааст. Устод Р.Масолиев аксари шеърҳои шоирро азбар карда, бо як шавқу ҳавас дар ҷамъомаду маҳфилҳои адабӣ соатҳо шеърхонӣ мекард.

Соли 1958 мақолаи аввалини хешро ба чоп расонид, ки он "Шоир Одинамуҳаммад Маъдан" ("Ба қуллаҳои дониш", 3.04.1958) унвон дошт. Ба тавассути ин навишта хонандагону ҳаводорони эҷодиёти шоирро ба рӯзгору осори Маъдан ошно сохт.

Дар солҳои пасин якчанд мақолаҳои дигар ба табъ расонид. Оид ба нашри "Ашъори мунтахаб"-и шоир таҳти унвони "Маҷмӯаи нодири шоири ҳамдиёр" ("Шӯҳрати Ашт", 10.04.1966) андешаҳояшро рӯйи коғаз оварда, ба хонандагони хушзавқ манзур намуд.

Ба ифтихори таҷлили 230-солагии Одинамуҳаммад Маъдан мақолаҳои "Дар доираи адибони Хӯқанд" ("Шӯҳрати Ашт", 8.01.1991) ва "Маъдани Понғозӣ" ("Илм ва ҳаёт", 1991, №8, с.15-17), "Сухане чанд оид ба омӯзиши Маъдан" ("Шӯҳрати Ашт", 15.01.1992)-ро ба чоп расонид.

Оид ба аслу насаб ва аҷдоди шоир мақолаи махсус иншо намуд. Дар натиҷаи ҷустуҷӯй ва ҷамъоварии маводи шифоҳӣ аз пиронсолон баъзе саҳифаҳои торику норавшани рӯзгори шоир ва авлодони ӯро муайян намуда, дар мақолаи "Шаҷараи Маъдан" ("Шӯҳрати Ашт", 7.10.1992) ба хонандагон манзур кард.

Соли 1962 бахшида ба ҷашни 200-солагии шоир муаллимони забон ва адабиёти тоҷики мактаби миёнаи ба номи Маъдани ноҳияи Ашт И.Ниёзов, Ф.Аҳмадов, Я Ӯрунов дар рӯзномаи "Машъали коммунизм" (25.09.1962) таҳти унвони "Якчанд сухан оид ба ҳаёт ва фаъолияти Маъдан" мақолаеро ба чоп расониданд. Дар мақола баъзе саҳифаҳои рӯзгори шоир ва ҳамчунин чанде аз мавзӯъҳои ашъори ӯ таҳлилу тасвир шудааст, ки дар таҳияи он маводи илмӣ ва шифоҳӣ мавриди истифодаи муаллифон қарор гирифтааст.

Адабиётшинос, ходими илмии Институти забон ва адабиёти

ба номи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илми филология Нурулло Азимов соли 1966 дар рӯзномаи "Маориф ва маданият" (17 май) таҳти унвони "Маъдан" мақолае ба чоп расонид.Муаллиф дар атрофи масоили ҳаёт ва осори шоир Одинамуҳаммад Маъдан фикру андешаҳои ҷолиб баён намудааст.

Пас аз сипарӣ шудани сию панҷ сол, яъне, соли 2001 боз ба рӯзгор ва ашъори шоир рӯй овард ва бо диду назари тоза ашъори шоирро омӯхта, натоиҷи онро дар рисолаи "Симои Ашт" (с.41-42, 44, 75, 378-383) ба чоп расонид.

Адабиётшиноси дақиқназар Саҳобиддин Сиддиқов ба "Ашъори мунтахаб"-и Маъдан ("Садои Шарқ", 1966, №8.-с.152-157) тақриз навишта, дар он хизмату заҳматҳои мураттиби он Д,Аҳмадовро махсус қайд кардааст. Аз ҷумла, С.Сиддиқов навиштааст: "Барои ба ҳарфи ҳозира баргардонидани ашъори Маъдан Д.Аҳмадов хеле меҳнат кардааст. Ӯ намунаи маҳсули адабии Маъданро бо камоли ҳавсала интихоб ва мантиқи фикру таносуби суханро дуруст риоя намудааст.Аз рӯйи матни тартибдодаи Д.Аҳмадов оид ба эҷодиёти Маъдан тадқиқот бурдан мумкин аст". (с.154-155).

Ҳамзамон муқарриз баъзе норасоиҳои китобро беғаразона аз нигоҳи талаботи илми матншиносӣ нишон додааст, ки он дар нашри дуюм аз тарафи мураттиб мавриди истифода қарор гирифта, ислоҳ гардидааст.

С.Сиддиқов солҳои баъд ҳам ба тадқиқу баррасии ашъори шоир даст зад. Дар китоби дастҷамъии "Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX", ки зери таҳрири адабиётшиноси маъруф Р.Ҳодизода (Душанбе, "Дониш", 1989. с.183-197) ба нашр расида буд, бахши "Одинамуҳаммад Маъдан"-ро иншо кардааст. Ин тадқиқот аз қисматҳои "Тарҷумаи ҳоли Маъдан" (с.183-187), "Мероси манзуми Маъдан" (с.187-196) иборат буда, баъзе ҷанбаъҳои ашъори шоир мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. С.Сиддиқов аз тадқиқгароне мебошад, ки роҷеъ ба ашъори Маъдан бо таваҷҷӯҳи зиёд ва дарки амиқи суханшиносӣ чашмандозӣ кардааст. Чанде аз ғазалу мухаммасҳои шоирро таҳлилу ташреҳ дода, мавзӯъҳои ашъори шоирро саҳеҳтар баён намудааст. Дар бораи сабки эҷоду нигориш ва санъати суханварии шоир ишораҳо ва қайдҳои хубу ҷолиб дорад.

Дар қисмати аввали ин тадқиқот оид ба вазъи омӯхта шудани зиндагӣ ва эҷодиёти шоир асару мақолаҳои донишмандон

Л.Қаюмов (1939), Д.Аҳмадов (1957, 1958, 1966), А.Қаюмов (1961), Н.Маъсумӣ (1962), В.Абдуллоев (1964) зикр шудаасту бас. То нашри тадқиқоти С.Сиддиқов (1989) дар соҳаи маъданшиносӣ мақолаҳои гуногун ва ҳатто тадқиқоти диссертатсионӣ ва ниҳоят, рисола ҳам ба нашр расида буд. Аз ҷумла, зикр намудани мақолаҳои Р.Масолиев (1958,1966), Р.Имомбоев (1959), И.Ниёзов, Ф.Аҳмадов, Ё.Ӯрунов (1962), Н.Азимов (1967), Ҳ.Мухторова (1968, 1972, 1975, 1978), Д.Аҳмадов (1975,1981), Э.Шодиев (1970,1971), Т.Неъматзода (1974, 1989), У.Каримов (1974), Ш.Ҳайдаров (1975), А.Хайруллоев (1984,1986), М.Исоматов (1988) ва дигарон, ки дар маъданшиносӣ ҳар кадоме арзишманд аст, лозим буд.

Дар мақолаи номзади илмҳои педагогика шодравон Саъдулло Абдулазизов "Ҳаёт ва мероси адабии Маъдан" (1967) чанде аз масъалаҳои муҳими маъданшиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Донишманди адабиёти классикӣ С.Абдулазизов дархости муаллимони адабиёти мактабҳои ҷумҳуриамон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро ба назар гирифта, ба ёрии муаллимони адабиёт мақолаи мазкурро иншо намудааст. Чунонки С.Абдулазизов қайд кардааст, барномаи нави адабиёт (яъне, барномаи соли 1966-Ш.Ҳ.) аз барномаи солҳои гузашта ба куллӣ фарқ мекунад. Мураттибон ба барномаи нав баробари як қатор тағйирот мавзӯъ, маводҳоеро дохил кардаанд, ки онҳо барои пайдарҳам омӯхтани адабиёти классикии тоҷик ва баланд бардоштани савияи дониши хонандагон кӯмаки калон мерасонанд.

-Дар барномаи нави адабиёт,--афзудааст С.Абдулазизов, - ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Маъдан ҳамагӣ ду соат вақт дода шудааст. Дар ду соат анҷом додани ин кор имконнопазир аст. Барномаи нав талаб мекунад, ки муаллим хонандагонро бо ҳаёт ва мероси адабии шоир ба таври мухтасар шинос намуда, диққати онҳоро бештар ба мавзӯъҳои "Маъдан-шоири зуллисонайн", "Мазмун ва мавзӯъҳои асосии ғазалиёт ва мухаммасоти Маъдан", "Инъикоси зиндагии косибону деҳқонон дар шеърҳои Маъдан", "Хусусияти жанр ва услубии назми Маъдан: соддагӣ, равонӣ, ба кор бурдани ифодаҳои халқӣ", "Маъдан ва шоирони гузашта" ҷалб намояд.

С.Абдулазизов дар бораи тарҷумаи ҳоли шоир маълумоти нисбатан мукаммал ба қалам додааст. Дар хусуси мазмун ва мундариҷаи ашъори Маъдан қайд кардааст, ки онҳо мавзӯъҳои

шикоят аз замона, ҳаёти талхи деҳқонон, ҳунармандон, танқиди золимон, дӯстию рафоқат, ишқу муҳаббати пок, аҳду вафо, озодӣ ва амонӣ, табиати зебо, ёру диёр, Ватан, панду насиҳат, васфи илму ҳунар, мазаммати нодонию ҷоҳилӣ ва ғайраро дар бар мегиранд.

Ҳамин тавр, чанде аз ашъори шоирро мавриди таҳлилу тасвир қарор додааст.

Солҳои 70-уми садаи гузашта дар омӯзишу тадқиқи ҳаёту рӯзгор, фаъолияти эҷодӣ ва осори шоир Одинамуҳаммад Маъдан гардиши ҷиддӣ ба миён омад. Ба тадқиқу пажӯҳиши ашъори шоир шахсе шуғл варзид, ки минбаъд онро бо ҷиддият идома дод. Ҷустуҷӯйи зиёде карду маводи фаровон гирд овард. Натиҷаҳои ковишу тадқиқоташро ба василаи мақолаҳои гуногуни илмӣ-оммавӣ манзури мутахассисону ҳаводорони ашъори шоир гардонид. Соли 1972 баррасиҳояшро ба сифати рисолаи номзадӣ дифоъ намуду дар маъданшиносии тоҷику ӯзбек саҳми арзанда гузошт. Донишманди хушзавқ Ҳалима Мухторова дар таҳия, пажӯҳиш ва тарғиби ашъори шоир Одинамуҳаммад Маъдан ба василаи баррасиҳои хеш, мисли "Маъданнинг Навоийга мухаммаси" (1968), "Шоир Маъдан. Ҳаёти ва ижодий фаолияти" (1975), "Маъдан" (1978) тавонист, шоирро дар арсаи илму фарҳанги кишварҳои ховарзамин ошно созад.

Бори дигар ёдрас кардан ба маврид аст, ки Ҳ.Мухторова ягона донишмандест, ки ҳаёт ва эҷодиёти Маъданро нисбат ба дигарон бештару мукаммалтар омӯхт ва тадқиқу баррасӣ намуд, дар тарғиби ашъори шоир саҳми сазовор гузошт. Лозим аст, ки мӯҳтавои рисолаи мавсуф барои хонандагону ихлосмандон зикр карда шавад.

Рисолаи Ҳалима Мухторова тавассути нашриёти "Фан"-и Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон соли 1975 бо теъдоди 4 ҳазор нусха нашр шудааст. Рисола аз бахшҳои "Кириш" (с.3-5), "Шоирнинг ҳаёт йӯли" (с.6-13), "Шоирнинг адабий мероси" (с.14-42), "Шоир лирикаси" (с.14-34), "Маъдан ижодида сатира" (с.34-42) иборат мебошад.

Соли 1978 Ҳ.Мухторова роҷеъ ба Маъдан дар китоби "Ӯзбек адабиёти таърихи" (XVIII асрнинг охиридан XIX асрнинг иккинчиси ярмигача). IV том. Тошкент, Ӯзбекистон ССР "Фан" нашриёти, 1978.-с.229-245 тадқиқоти ҷамъбастии хешро ба нашр мерасонад. Дар ин тадқиқот ҳаёту эҷодиёт ва мероси адабии шоир ба таври фишурда мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик, профессор Усмон Каримов дар асари бунёдии «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри XIX» (Душанбе, 1974. с.9-10, 24,48,74-75, 78, 178) ҳаёту рӯзгор ва ашъори шоирро таҳлилу таҳқиқ намуд. Мақоми шоирро дар эҷоди ашъори ин давраи таърихи адабиёти тоҷик муайян ва муқаррар кард. Масъалаҳо ва мавзӯъҳои гуногуни ашъори шоирро қиёсан бо ашъори шоирони ҳамзамонаш мавриди баррасӣ қарор дода, ба натиҷаҳои хуб ноил гардид.

Ҷамъбасти ин баррасиҳои донишманд сипас дар асари бунёдӣ ва дастҷамъии "История всемирной литературы" (Москва, "Наука", 1998,т.6) ба забони русӣ мунташир гардид. Ба ин восила бори нахуст доираи васеи хонандагони русзабон ба ганҷинаи ашъори шоир Маъдан ошноӣ пайдо намуданд.

Номзади илмҳои филология Шоҳмуҳаммад Ҳайдарӣ ба ду ҷиҳати ашъори шоир таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Яке аз мавзӯъи лирикаи шоир, ки дар мақолаи "Назаре ба лирикаи Маъдан" ("Шӯҳрати Ашт", 27.06.1975) ба чоп расида буд.Дигаре ба мавзӯи топоними зодгоҳи шоир тахассус шудааст, ки дар мақолаи "Зикри Пунғаз дар ашъори Маъдан" ("Шӯҳрати Ашт", 10.04.2002) манзури мутахассисону хонандагон гардидааст.

Устоди забон ва адабиёт, шоир Абдусаттори Хайрулло дар бораи шоир Маъдан чандин мақолаҳо иншо намудааст, ки онҳо дар солҳои гуногун рӯйи чопро дидаанд. Аз ҷумла, "Нақлҳо дар бораи Маъдан" ("Шӯҳрати Ашт", 12.04.1984) аст, ки он дар асоси нақлу ривоятҳои мардуми диёри Маъдан иншо шудааст. Дар ин навишта баъзе саҳифаҳои норавшани рӯзгори шоир возеҳ гардид.

Мақолаи дигараш "Чанд сухан дар бораи як мухаммаси Маъдан" ("Шӯҳрати Ашт", 4.08.1984) унвон дорад, ки дар он мухаммаси "Дар васфи бино кардани бозори Понғоз" мавриди таҳлилу тасвир қарор гирифтааст.

Абдусаттори Хайрулло ба муносибати ҷашнвораи 230-солагии зодрӯзи Маъдан мақолаи "Асаре гиру навое дарёб" ("Шӯҳрати Ашт", 15.06.1991)-ро иншо намуд. Муаллиф дар ин навиштааш чанд ғазалу нуқсонҳои "Ашъори мунтахаб"-и Маъданро (Душанбе, 1985) нишон додааст. Ҳамчунин дар бораи чорабинӣ ва маъракаҳои ҷашнвораи шоир дар навиштаҳояш "Ёдбуди шоир" ("Шӯҳрати Ашт", 17.06.1986) ва "Ба шарафи 230-солагии зодрӯзи Маъдан" ("Шӯҳрати Ашт", 9.07.1991) хабарҳо чоп кардааст.

Шоир ва рӯзноманигор Ф.Турсунматов ба китоби "Ашъори мунтахаб"-и Маъдан тақризе навиштааст, ки он дар шумораи 21 сентябри соли 1985-и рӯзномаи "Шӯҳрати Ашт" ба чоп расид.Муқарриз хизматҳои тартибдиҳандаи "Ашъори мунтахаб" Дилбар Аҳмадовро, ки чандин соли умри бобаракаташро сарфи зинда намудани номи шоир Маъдан намудааст, эҳтиромона ва бо сипоси бепоён ёдовар шудааст.

Маъруф Исоматов соли 1988 мақолаи "Дили ҳассоси шоир"-ро ("Шӯҳрати Ашт", 13.08.1988) иншо карда буд. Баъдан дар рисолаи "Ашт. Очерки таърихию этнографӣ" (Душанбе, 2001. - с.36-41) оид ба рӯзгору осори шоир муфассалтар маълумот додааст. Мавсуф бо ҳаммуаллифии Абдулҳамид Тошматов дар мақолаи "Инъикоси ҳаёти иҷтимоию сиёсии хонигарии Хӯқанд ва зикри номҳои амокину ашхос дар ашъори Маъдан" ("Фарҳанг", 2003, №7-9, с.33-35) ба масъалаҳои таърихиву сиёсӣ ва ҷуғрофию номшиносии ашъори шоир дахл карда, шеърҳои ба ҳаёту авзои иҷтимоии ҳамон давр бахшидашударо мавриди баҳс қарор додаанд. Инчунин муаллифон номҳои ҷуғрофӣ ва ному лақабҳои дар ашъори шоир инъикосшударо зикр намуда, онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кардаанд. Мақолаи мазкур дар рисолаҳои "Шоҳроҳи ваҳдат" (Душанбе, 2003, с.48-56), "Ҷавонон ва ҷаҳони андеша" (Қӯрғонтеппа, 2003,с.275-280) низ чоп шудааст.

Муаллимони забон ва адабиёти тоҷики мактаби миёнаи деҳаи Бободархони ноҳияи Ашт Рустами Кимсанзод ва Мақсуди Нурулло бахшида ба ҷашни 230-солагии зодрӯзи шоир мақолаи "Сарояндаи ашъори адолатхоҳона"-ро ("Шӯҳрати Ашт", 30.07.1991) иншо намуданд. Муаллифон ашъори шоирро аз нигоҳи мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ таҳлилу таҳқиқ кардаанд.

Дар хусуси таълими ҳаёт ва эҷодиёти Маъдан фикрҳои ҷолиб пешкаш шудааст. Аз ҷумла, нигоштаанд, ки ҳарчанд барои маълумоти умумӣ додан ба вазъи адабии асрҳои XVII-XVIII ва нимаи дуюми асри XIX соати кам ҷудо карда шудааст, муаллими дақиқкору навҷӯ метавонад барои ин мавриди мувофиқро дарёбад. Мо, омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои ноҳия, бояд ҳангоми дарс нигоҳе ба ашъори ӯ афканем, шогирдонро аз фикрҳои амиқи шоир огоҳ созем. Зеро дар китоби дарсии синфи X оид ба Маъдан танҳо ним саҳифа (с.142) маълумот дода шудаасту халос. Омӯзиши чуқури ҳаёт ва фаъолияти адабии Маъдан барои фаҳмиши ҳаёт ва эҷодиёти Махмур, Гулханӣ, Акмал, Ғозӣ, Ҳозиқ, Шӯхӣ, Узлат, Муҷрим, Кошиф ёрӣ

мерасонад. Онҳо бо Маъдан дар як радиф меистанд.

Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти адабии Маъданро дар дабистонҳои ноҳия дар ҳаҷми ду соат зарур мешуморем.

Шоири ҷавон Нуқриддини Маҳкампур оид ба мавзӯъҳои гуногуни ашъори шоир чанд мақола ба табъ расонидааст. Дар мақолаи "Кони ганҷи сухан" ("Шӯҳрати Ашт", 13.08.1991) навиштааст, ки Маъдан дар нигориши санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ моҳир ва дар фунуни ҳикмату мантиқ марди комиле буд. Мисли Соиб, Бедил ва Шавкати Бухороӣ аз фалсафаи Афлотун баҳраҳо бармедошт.

Мақолаи дигараш, ки "Понғоз мешукуфад зеботар аз биҳишт" ном дорад, мусоҳибаест бо котиби масъули тадорукоти ҷашнвораи шоир, ҷонишини раиси Шӯрои ҷамоати Понғоз Ё.Ӯрунов ("Шӯҳрати Ашт", 29.07.1992).

Ҳамчунин дар мақолаҳои "Шаҳриёри кишвари ишқ" ("Шӯҳрати Ашт", 23.07.1994) ва "Дурдонаҳои назми шоир" ("Шӯҳрати Ашт", 21.12.1994) масъалаҳои муҳими ашъори шоирро мавриди таҳлилу тасвир қарор додааст.

Ёдрас кардан бамаврид аст, ки Нуқриддини Маҳкампур яке аз дилдодаҳои ашъори Маъдан мебошад. Дар таҳия ва нашри ашъори шоир "Файзи осор" ба ҳайси муҳаррири масъул заҳмат кашидааст ва дар тарғибу таблиғи эҷодиёти Маъдан хуб саҳм гузоштааст.

Сарвари мактаби миёнаи рақами 11-и ноҳияи Ашт, шарқшинос Тошмаҳмад Пӯлодов бахшида ба ҷашнвораи 230-солагии зодрӯзи Маъдан ба унвони "Панду насиҳат дар ашъори шоир" ("Шӯҳрати Ашт", 1.02.1992) мақола ба чоп расонид. Дар ин навишта шеърҳои ба панду насиҳат ва ба сифатҳои хубу ҳамидаи инсонӣ, аз қабили некӣ, саховатмандӣ, олиҳимматӣ, адлу инсоф ва ғайра бахшидаи шоир мавриди таҳлилу тасвир қарор гирифтааст.

Омӯзгори мактаби миёнаи рақами 11-и ноҳияи Ашт Тӯхтасун Ниёзов бахшида ба таҷлили 230-солагии Одинамуҳаммад Маъдан мақолаеро бо унвони "Назаре ба эҷодиёти Маъдан" ("Шӯҳрати Ашт", 21.11.1992) ба чоп расонид. Муаллиф қайд кардааст, ки ғазалҳои шоир аз рӯйи мазмуни ғоявиашон ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: 1.Ғазалҳое, ки дар васфи маъшуқаи ҳақиқӣ эҷод шудаанд; 2.Ғазалҳои мазмуни фалсафӣ ва динидошта; 3.Ғазалҳое, ки дар васфи маъшуқаи маҷозӣ навишта шудаанд.

Шоир, нависанда ва рӯзноманигор Муродалӣ Умаралиев дар мақолааш "Зуллисонайн шоир" ("Шӯҳрати Ашт", 11.11.1992) масоили шеърҳои ӯзбекӣ ва бо ду забон эҷод кардани шоирро махсус мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бояд ёдовар шуд, ки М. Умаралиев ҳамчунин дар нашри девони ӯзбекии шоир ҳиссаи арзанда гузошт.

Мақолаи рӯзноманигор С.Умаров, ки бахшида ба ҷашни 230-солагии Одинамуҳаммад Маъдан бо унвони "Симои Маъдан чӣ гуна буд?" ("Ҳақиқати Ленинобод", 6.10.1992) ба чоп расида буд, ба яке аз масъалаҳои муҳим бахшида шудааст.

С.Умаров далелу нақлҳои донандагону хешовандони шоирро тасвир намудааст. Аз ҷумла, навиштааст, ки байни мардуми Понғоз, хешу табор ва авлодони шоир нақлу ривоятҳои бисёре мавҷуданд ва аз рӯйи онҳо барқарор кардани сурати ӯ имконпазир мегардад. Дарвоқеъ, аз нақлу ривоятҳои то ба замони мо расида тафсилоте, ки шоҳиди ягона-набераи шоир додааст, қобили таваҷҷӯҳ мебошад. Набераи духтарии шоир-Қобили Муҳаммадшариф, ки бо исми Мулло Қобил маъруф буд, дар бораи қиёфа, чеҳра, қаду қомат, тарзи либоспӯшӣ, ришу фаш, дастори хосаи бобояш борҳо ба ҳамсӯҳбатони худ ҳикоят кардааст. Аз рӯйи гуфтаҳои Мулло Қобил маълум мешавад, ки Маъдан марди миёнақади газгӯшт, васеъҷабин, кулчарӯву гандумгун буда, чашмони тезу кулӯла, абрӯвони сиёҳ, риши ғуливу кӯтоҳ доштааст ва аксар вақт куртаи сафеди ҷиҳакдор, чакмани сиёҳи пашмин бар тан ва ба сараш дастори майдае аз суфи сафед мепӯшидааст. Далели дигар ба қавли набераи шоир Гулшан Ғойибова (1896-1991) Маъдан ба набераи худ - Рӯзии Шодӣ (1898-1980), ки бо лақаби Рӯзӣ Қассоб машҳур буд, чун як себи дукафон монандӣ доштааст.

Инчунин дар мақолаи С.Умаров навишта шудааст, ки барои барқарор намудани сурати Маъдан аввалин шахсе, ки камари ҳиммат баст, сокини деҳаи Пунғаз, хатмкардаи омӯзишгоҳи рассомии ба номи М.Олимови шаҳри Душанбе Аҳмад Каримов мебошад. Ӯ дар арафаи 60-солагии мактаби миёнаи ба номи Маъдан нахустин сурати шоирро офарид.Сурати кашидаи рассоми ҷавон ба аксар бинандагон писанд омад. Дар айни замон, ҳангоми маросими ҷашнгирии таълимгоҳи мазкур гурӯҳи меҳмонони аз шаҳри Ангрени Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ҷашн ташрифоварда, дигар суратеро пешниҳод карданд, ки он аз рӯйи расми набераи шоир Рӯзии Шодӣ кашида шуда буд. Аз рӯйи

ҳама ин нақлу ривоятҳо ва тасвирот чанде пеш ҳайкалтароши машҳуру маъруфи Тоҷикистон А.Кравинский ҳайкали барқади Маъданро офарид. Аз ҷашни шоир то кунун 17 сол сипарӣ шуд. Ин ҳайкали барқади шоир, мутаассифона, то ҳоло қисм-қисм зери барфу борону офтоб хобидааст. Ба ёду хотири ягон роҳбарони ҷамоату ноҳия ва вилоят то ба имрӯз наомадааст, ки онро ба ягон ҷойи мувофиқ насб кунанд. Куҷост он эҳсоси ватандӯстиву хештаншиносӣ ва ифтихору нангу номуси миллӣ?

Басо мояи таассуф аст, ки то ба имрӯз дар ин диёри кӯҳанбунёди шоир сарвару раҳнамои дилсӯзу хушмаърифате ва шаҳрванди бофарҳангу сахопешае пайдо нашуда, ки ҳамин муаммои таҳияву насби пайкараи шоирро ҳаллу фасл намояд.

Имрӯз дар ин маркази зодбуми шоир фурӯшгоҳҳову мағозаҳо, ошхонаву чойхонаҳо ва дӯкону нуқтаҳои гуногуни савдоро бо шаҳомату ҷилойи ба ҳар кадом хосеро дучор меоему боре ҳам аз бузургмарди диёр Одинамуҳаммад Маъдан ёде накардаем. Бо ифтихор номи ӯро барои таълимгоҳу ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва ғайраҳо пазируфтаему аз маърифату ҳикмату фалсафаи ашъори дилчаспи ӯ ёде ҳам накардаем.

Таърихи бунёди "Бозори Пунғаз"-ро ӯ чанд садсола пеш аз ин васф кардаву дар ин бозор ҳоло қисмҳо ва пораҳои пайкарааш дар кӯчаву вайронаҳо зери партовҳо чандсолаҳо монда. Ҳиммате накардаем, ки як пора замине, як ҷояке ҷудо накардаем, то он муҷассама қомат афрозад...

То ҷойе бафарҳангу хирадманд шудаем, ки ба ягон аз ин биноҳои пурҳашамати маркази ҷамоат сухане, сатре ва ё байте аз ӯ ба расми ифтихор ва ёдгор иншову насб накардаем.

Эй ҳамватан, дар ин диёри мо фақат Маъдан чун шоир машҳур буду ҳаст ва кай ба қадру манзалати ин бузургмард мерасем!

Рӯзноманигор ва нависанда Солеҳамоҳ Раҳматуллоева (рӯҳаш шод бод!) ба муносибати нашр шудани "Файзи осор"-и Маъдан ба унвони "..Ман дарди сари ишқам" ("Шӯҳрати Ашт", 11.12.1993) тақриз навишта, қайд кардааст, ки дар чунин рӯзҳои душвори иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсӣ пешкаши мухлисони адабиёту фарҳанг намудани "Файзи осор" корест бузург.

Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, устоди забон ва адабиёти тоҷик Ҳувайдуллоҳи Азимӣ дар мақолаи "Шоири мухаммассаро" ("Шӯҳрати Ашт", 22.01.1994), ки бахшида ба 230-солагии шоир иншо шудааст, оид ба мухаммасоти Маъдан чанд сухани судманд гуфтааст.

Дар мақолаи дигараш "Шаклу вазни ашъори Маъдан (маҷаллаи "Ворисони Маъдан", 2004, №1. С.16-17) мавзӯъи муҳими ашъори шоирро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Бахшида ба ҷашни 230-солагии шоир муаллими забон ва адабиёти мактаби миёнаи №11-и ноҳияи Ашт Раҳим Қобилов шоҳбайтҳои шоирро интихоб намуда, барои хонандагон пешниҳод кардааст, ки он таҳти унвони "Сафинаи Маъдан", дар рӯзномаи "Ҳақиқати Ленинобод" (13.08.1992) чоп шудааст. Раҳим Қобилов 50 шоҳбайти шоирро омода карда, ба ҳаводорони назми шоир эҳдо намудааст.

Ходими илмии музейи таъриху кишваршиносии вилояти Суғд Кимиёхони Атоӣ бахшида ба ин ҷашн бо шоир, нависанда ва маъданшиноси маъруф Дилбар Аҳмадов мусоҳиб шуда, дар бораи рӯзгори ашъори шоир Маъдан сӯҳбатҳо оростааст. Пораи ин мулоқотро дар рӯзномаи "Ҳақиқати Ленинобод" (6.10.1992) таҳти унвони "Нидое аз кӯҳсор" ба чоп расонидааст.

Раҳмат Ёқубӣ ва Мӯъмин Абдулло дар навиштаи хеш "Боз як "Девон"-и Маъдан" ("Шӯҳрати Ашт", 6.07.2004) оид ба бурду бохти девони ӯзбекии ашъори шоир, ки онро Муаллими хизматнишондодаи мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф.Аҳмадов ба чоп ҳозир намудааст, ибрози назар кардаанд. Муаллифон хизматҳои бузурги мураттибу таҳиягарро холисона бо камоли эҳтиром ба қалам додаанд.

Муаллим Абдулҳамид Тошматов дар мақолааш "Ҳаҷви иҷтимоии Маъдан" ("Суғд", 13.07.2005) ба баъзе масъалаҳои ҳаҷви иҷтимоии ашъори шоир таваққуф намудааст. Чанд ҷиҳати ин мавзӯъ ба таҳлилу тасвир кашида шудааст.

Рӯзноманигор Беҳзоди Исомиддин дар мақолааш "Маъдани Понғозӣ чаро дар китобҳои дарсӣ нест?" ("Зиндагӣ", 24.03.2005) бо таассуф навиштааст, ки дар барномаҳои таълиму китобҳои дарсии адабиёти мактабҳои миёна дар бораи ҳаёт ва мероси адабии Одинамуҳаммад Маъдан маълумоте дода нашудааст.

Шоир Олимхон Қорихонов дар мақолаи "Ҳаллу ҷавоби чанд муаммою чистон" ("Шӯҳрати Ашт", 27.07.2005) кӯшидааст, ки баъзе муаммою чистонҳои эҷодкардаи шоирро маънидод намояд. Чунонки муаллиф қайд кардааст, Одинамуҳаммад Маъдан дар нигориши санъати муаммо низ забардаст буд. Ӯ муаммою чистонҳое офаридааст, ки дарёфти маънии онҳо аз хонанда фикру мулоҳизаи хеле борик ва диққати амиқро талаб менамояд.

Адабиётшинос С.Амирқулов дар асараш "Таҳаввули жанрҳои адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XIX" (Душанбе, "Деваштич", 2005, с.45, 100, 102) дар қатори шоирони дигар ба жанрҳои эҷодиёти Маъдан низ баъзе андешаҳои ҷолиб баён намудааст. Аз ҷумла, дар бораи мухаммаси машҳури дар радифи "Понғоз" навиштаи Маъдан, ки дар онҳо зулму истисмори боёну вакилон ва амиру амалдорони вақт ба тариқи ҳаҷв маҳкум карда шудаст, баҳои махсус додааст (с.42).

Дар ҷойи дигар оид ба шеърҳои ҳаҷвии шоир ишораҳо рафтааст. Аз ҷумла, С.Амирқулов навиштааст, ки дар адабиёти нимаи якуми асри XIX маҳз равияи ҳаҷвӣ чун раванди басо фаъолу муҳими иҷтимоӣ ва эстетикӣ эҳё гардид. Дар ин давр як зумра адибон, хоса- ҳаҷвнигорон, аз қабили Нозим, Маъдан, Махмур, Гулханӣ, Ҳасрат ва дигарон, дар ташаккули равияи ҳаҷвии адабиёт саҳми пурарзиш гузоштаанд.Ба ин восита "адабиёти ҳаҷвӣ" ба ҳайси муҳимтарин зуҳуроти хислати миллӣ ва маданияти миллӣ арзи вуҷуд намудааст.(с.100).

Донишманди маъруф Алии Муҳаммади Хуросонӣ бахшида ба истиқболи соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ мунтахаби беҳтарин намунаҳои назми шоирони аз асри X то ибтидои асри XX-и дар Мовароуннаҳр зиндагиву эҷодкардаро бо унвони "Шоирони Мовароуннаҳр" (Душанбе, "Адиб", 2006.-688 саҳ.) ба чоп расонид. Дар ин китоби пурарзиш ганҷинаҳои беҳтарини ашъори 66 нафар шоирон гирд оварда шудааст. Аз ашъори шоири ҳамдиёрамон Одинамуҳаммад Маъдан дар 14 саҳифа намунаҳои 11 ғазалу 3 мухаммасоту як қитъа гулчинӣ шудааст.

Доктори илмҳои филология, профессор, адабиётшиноси маъруф Эргашалӣ Шодиев дар асару мақолаҳояш зимни тадқиқу баррасии шоирони дигар роҷеъ ба ҳаёту рӯзгор ва ба паҳлӯҳои ҷудогонаи ашъори шоир Одинамуҳаммад Маъдан маълумот додааст.Ҳама гуна навиштаҳо ва баррасиҳо барои маъданшиносии кунунӣ муҳим ва судманд мебошад.

Ҳамин тавр, ҷамъоварии мукаммали ашъори парокандаи Одинамуҳаммад Маъдан, таҳия ва баргардонии онҳо ба ҳуруфи кириллӣ, омӯзишу тадқиқи ҷиддии онҳо яке аз вазифаҳои муҳим ва арзишманди донишмандону фарҳангдӯстон маҳсуб меёбад.

***Шоҳмуҳаммад Ҳайдарӣ,***
***номзади илми филология***

# ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ ОИД БА РӮЗГОР ВА ЭҶОДИЁТИ ОДИНАМУҲАММАД МАЪДАН


Абдулазизов С. Ҳаёт ва мероси адабии Маъдан Маориф ва маданият. 1967, 19 январ.

Абдуллаев В.А. Шоир Маъдан// Абдуллаев В.А. Ўзбек адабиёти тарихи-2 китоб (XVII асрдан XIX асрнинг иккинчи ярмигача): Университетларнинг филология факултетлари ҳамда пед. институтларнинг тил ва адабиёт факултетлари учун дарслик-Тошкент: «Ўқитувчи». 1964-С.154-156.

Азимӣ, Ҳувайдуллоев. Шоири мухаммассаро. (Ба пешвози 230-солагии зодрӯзи Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1994, 22 январ.

Азимӣ, Ҳувайдулло. Шаклу вазни ашъори Маъдан // Ворисони Маъдан. 2004, №1. -С.16-17.

Азимов Н.Маъдан // Маориф ва маданият, 1966, 17 май.

Азимов Н. Маъдан //Азимов Н. Симои Ашт.-Душанбе, 2001.-С 41-42, 44, 75, 378-383.

Азимов Н. Маъдан // Азимов Н. Чашми ростбин. -Душанбе: Ирфон. 2006. -С 276-278.

Амирқулов С. Таҳаввули ҷанрҳои адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XIX. -Душанбе: Деваштич, 2005. -С.45, 100, 102.

Атоӣ, Кимиёхон. Нидое аз кӯҳсор // Ҳақиқати Ленинбод, 1992, 6 октябр.

Аҳмад, Зафар. Ҳаҷв дар эҷодиёти Маъдан. // Рисолаи дипломӣ-Душанбе, 1978.

Аҳмад, Зафар. Маъдан. Аз ғазалиёт // Армуғон.-Хуҷанд, 2006.-С.3-4.

Аҳмад, Зафар. Маъдан. Аз ғазалиёт // Меҳрона. -Хуҷанд, 2007.-С.4.

Аҳмадов Дилбар. Намунаҳо аз осори шоир Маъдан // Шарқи Сурх, 1957, №2. -С.61.67.

Аҳмадов Дилбар. Шоир Маъданнинг адабий мероси // Совет Тожикистони, 1957, 30 май.

Аҳмадов Дилбар. Маъданнинг янги топилган мухаммаси // Шӯҳрати Ашт, 1957, 16 декабр.

Аҳмадов Дилбар. Эҷодиёти Маъданро омӯзем // Маданияти Тоҷикистон, 1958, №1.-С.15-18.

Аҳмадов Дилбар. Намунаҳои ашъори шоир Маъдан // Тоҷикистони Советӣ, 1958, 2 март.

Аҳмадов Дилбар. Маъдан дар "Гулшани адаб" // Шӯҳрати Ашт, 1981, 1 август.

Аҳмадов Фахриддин. Оташқалб шоир (Одинамуҳаммад Маъдан Понғозий таваллудининг 230 йиллига олдидан) // Шӯҳрати Ашт, 1990, 18 август.

Аҳмадов Фахриддин. Аз ашъори чопнашудаи Маъдан (ғазал) // Шӯҳрати Ашт, 1990, 20 октябр.

Аҳмадов Фахриддин. Янги мухаммас (Маъдан таваллудининг 230 йиллигига) Шӯҳрати Ашт, 1991, 16 июл.

Аҳмадов Фахриддин. Ғамхори мардум. (Ба пешвози 230-солагии зодрӯзи Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1991, 7 сентябр.

Аҳмадов Фахриддин. Ассалом, эй муқтадоёни ҷаҳонро муқтадо // Илм ва ҳаёт, 1992.-№3-4. -С 14-16.

Аҳмадов Фахриддин. Шоирнинг янги топилган шеърлари (Маъдан таваллудининг 230 йиллига олдидан) // Шӯҳрати Ашт, 1992, 25 март.

Аҳмадов Фахриддин. Шоирнинг янги ғазали // Шӯҳрати Ашт, 1992, 1 июл.

Аҳмадов Фахриддин. Деҳаи Пунук (Ба пешвози 230-солагии Маъдан) Шӯҳрати Ашт, 1992, 23 сентябр.

Аҳмадов Фахриддин. Мусаддас ("Менга илҳом бӯлди ҳазрати мӯи муборакдин") // Шӯҳрати Ашт,...

Аҳмадов Фахриддин. Маъдан ва "Шоҳнома" (Ба пешвози 230-солагии Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1994, 30 июл.

Аҳмадов Фахриддин. "Саёҳатнома" ва ақидаҳои пешқадами шоир (Ба пешвози 230-солагии Одинамуҳаммади Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1994, 26 ноябр.

Аҳмадов Фахриддин. Некӣ бимонад // Ҳақиқати Ленинобод, 2003, 5 ноябр. (Дар бораи расмикушоди нимпайкараи шоир Одинамуҳаммади Маъдан дар ҷамоати Пунғаз).

Аҳмадов Фахриддин. Маъдан ва "Шоҳнома" // Хуҷанд, 2006, №9. -С.93-96.

Бедил ғазалига Маъдан мухаммаси // Совет Ӯзбекистони, 1970, 29 март (Васфий таржумаси).

Белан В. Новинки "Таджикистаники" // Коммунист Таджикистана, 1989, 7 января. (Дар бораи тақризи адабиётшиноси чех Иржи Бечка оид ба "Ашъори мунтахаб"-и Маъдан.-Душанбе, 1985.

Беҳзоди Исомиддин. Маъдани Пунғазӣ чаро дар китобҳои дарсӣ нест? // Зиндагӣ, 2005, 24 март.

Дар бораи тайёрӣ ва ҷашнгирии 230-солагии зодрӯзи Маъдан // Шӯҳрати Аш, 1991, 7 феврал.

Дӯстлик тӯҳфаси // Шӯҳрати Ашт, 1970, 3 ноябр. ("Бедил ғазалига Маъдан мухаммаси" дар тарҷумаи Васфӣ чоп шудааст).

Ёқубӣ Раҳмат, Абдулло Мӯъмин. Боз як "Девон"-и Маъдан // Шӯҳрати Ашт, 2004, 6 июл (Тақриз ба китоби "Маъдан Понғозий. Девон. Ўзбек тилидаги шеърлари". -Понғоз, 2003).

Ёқубҷонов Р. Дар сари қабри шоир. // Шӯҳрати Ашт, 1981, 13 июн.

Заринаи Аштӣ. Рисолаи дипломӣ. //

Имамбаев Р. Поэт Маъдан // Коммунист Таджикистана.

Иржи Бечка. "Ашъори мунтахаби Маъдан. Душанбе, 1985 // Архив ориенталии. Прага, 1988. (Тақризи адабиётшиноси чех ба китоби "Ашъори мунтахаб"-и Маъдан. Душанбе, 1985.

Исоматов Маъруф. Дили ҳассоси шоир // Шӯҳрати Ашт, 1988, 13 август.

Исоматов Маъруф. Ашт. Очерки таърихию этнографӣ. -Душанбе: Шарқи озод, 2001.-С.36-41.

Исоматов М.М., Тошматов А. Инъикоси воқеаҳои таърихии хонигарии Хӯқанд ва зикри номҳои амокину ашхос дар ашъори Маъдан // Шоҳроҳи Ваҳдат. -Душанбе, 2003.-С.48-56.

Исоматов М.М., Тошматов А. Инъикоси воқеаҳои таърихии хонигарии Хӯқанд ва зикри номҳои амокину ашхос дар ашъори Маъдан // Фарҳанг, 2003, №7-9.-С.33-35.

Исоматов М.М., Тошматов А. Инъикоси воқеаҳои таърихии хонигарии Хӯқанд ва зикри номҳои амокину ашхос дар ашъори Маъдан // Ҷавонон ва ҷаҳони андеша: Маводи конфронси V-уми илмии олимони ҷавони Тоҷикистон бахшида ба 1000-солагии Носири Хусрав-Қӯрғонтеппа, 2003.-Бароришм V.-С 275-280.

Ифтитоҳи нимпайкараи шоир // Шӯҳрати Ашт, 2003, 18 сентябр (Дар зодгоҳи шоир-ҷамоати Пунғаз гузошта шудани нимпайкараи шоир Одинамуҳаммади Маъдан.

Каримов У. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва

аввали асри XIX. Қисми якум. Таҳти назари Р.Ҳодизода.-Душанбе: Дониш, 1974.-С.9-10, 24, 48, 74-75, 78, 176.

Каримов У. Маъдан // «История всемирной литературы». Т.6- Москва: Наука, 1998.

Кимсанзод Рустам, Нурулло Мақсуд. Сарояндаи ашъори адолатхоҳона (Ба пешвози 230-солагии зодрӯзи Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1991, 30 июл.

Консерти ансамбли "Маъдан" // Шӯҳрати Ашт, 1988, 25 феврал.

Қаюмов Азиз. Маъдан // Қаюмов Азиз. Қӯқон адабий муҳити (XVIII-XIX асрлар). -Масъул муҳаррир: Ӯзбекистон ССР ФА корреспондент аъзоси, фалсафа фанлари доктори, профессор В.И.Зоҳидов.-Тошкент: Ӯзбекистон ССР Фанлар Академияси нашриёти, 1961.-С 212-217.

Қаюмов Пӯлат. Шоир Маъдан // Гулистон, 1939, №11.-С27-28.

Қобилов Раҳим. Шоҳбайтҳо аз ашъори шоир (Ба пешвози 230-солагии Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1992, 11 апрел

Қобилов Раҳим. Сафинаи Маъдан (Порае чанд аз ашъори шоири маъруф Маъдан) // Ҳақиқати Ленинобод, 1992, 13 август.

Қорихонов Олимхон. Ҳаллу ҷавоби чанд муаммою чистон // Шӯҳрати Ашт, 2005, 27 июл.

Қурбонзода Фарҳод. Саховати хон. Қиссаи воқеӣ (Нақл аз Мулло Ашӯр Нозимӣ) // Шӯҳрати Ашт, 1999, 3 июл.

Масолиев Раҳматулло. Шоир Одинамуҳаммади Маъдан // "Ба қуллаҳои дониш", 1958, 3 апрел.

Масолиев Раҳматулло. Ҳаёт ва эҷодиёти Одинамуҳаммад Маъдан // Рисолаи дипломӣ. Душанбе, 1958.

Масолиев Раҳматулло. Мактаби 34-сола ва дастпарварони он // Маориф ва маданият, 1959, 17 октябр (Дар бораи мактаби ба номи Маъдан, ки августи соли 1926 таъсис шудааст).

Масолиев Раҳматулло. Маҷмӯаи нодири шоири ҳамдиёр // Шӯҳрати Ашт, 1966, 10 апрел. (Тақриз ба китоби Маъдан. Ашъори мунтахаб. Душанбе: Ирфон, 1966).

Масолиев Раҳматулло. Дар доираи адибони Хӯқанд (Ба пешвози 230-солагии Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1991, 8 январ.

Масолиев Раҳматулло. Маъдани Понғозӣ // Илм ва ҳаёт, 1991.-№8.-С.15-17.

Масолиев Раҳматулло. Сухане чанд оид ба омӯзиши Маъдан (Ба пешвози 230-солагии Одинамуҳаммади Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1992, 15 январ.

Масолиев Раҳматулло. Шаҷараи Маъдан (Ба пешвози 230-солагии Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1992, 7 октябр.

Маҳкампур, Нуқриддин. Кони ганҷи сухан (Ба пешвози 230-солагии зодрӯзи Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1991, 13 август.

Маҳкампур, Нуқриддин. Понғоз мешукуфад зеботар аз биҳишт (Мусоҳиба бо котиби масъули тадорукоти ҷашнвора, ҷонишини раиси кумиҷроияи Шӯрои мардумии деҳаи Пунғаз Я. Ўрунов // Шӯҳрати Ашт, 1992, 29 июл.

Маҳкампур, Нуқриддин. Шаҳриёри кишвари ишқ (Ба пешвози 230-солагии Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1994, 23 июл.

Маҳкампур, Нуқриддин. Дурдонаҳои назми шоир (Ба пешвози 230-солагии Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1994, 21 декабр.

Маҷаллаи "Ворисони Маъдан" (Падидаи нек) // Шӯҳрати Ашт, 2004, 16 апрел (Дар бораи нашри аввалин моҳномаи адибони ноҳияи Ашт).

Машарифов Н., Одинаев В. Ҷашни шоири маҳбуб // Шӯҳрати

Ашт, 1992, 11 март (Дар хусуси шабнишиниҳои адабӣ ба хотири ҷашни шоир Маъдан дар мактабҳои ҷамоати Пунғаз).

Маъдан. Ашъори мунтахаб. -Мураттиб: Дилбар Аҳмадов. -Душанбе: Ирфон, 1966.-131 с.

Маъдан. Ашъори мунтахаб. Тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан Дилбар Аҳмадов. -Муҳаррирон: Л.Асоев, У.Ҷамол.-Душанбе, Ирфон, 1985-96 с.

Маъдани Понғозӣ. Файзи осор. -Тартибдиҳандагон: Д.Аҳмадов ва Ф.Аҳмадов. -Муҳаррир-Н.Маҳкампур. -Масъули чоп-С.Эшматов. -Душанбе, 1993-74 с.

Маъдан Понғозий. Девон. Ӯзбек тилидаги шеърлари. -Мураттиб ва сӯз боши муаллифи -Фахриддин Аҳмадов. -Муҳаррир Муродали Умаралиев. -Понғоз. 2003-110 с.

Маъдан // Гулшани адаб. Намунаҳои назми тоҷик. Асрҳои XVIII ибтидои асри XX. -Ҷ.5. -Душанбе: Ирфон, 1980. -С.174-179.

Маъдан // Шоирони Мовароуннаҳр. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. -Душанбе: Адиб, 2006. -С.350-363.

Маъсумӣ, Носирҷон. Маъдан // Маъсумӣ Н. Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX. -Душанбе, 1962.-С.77-85.

Маъсумӣ, Носирҷон // Маъсумӣ, Носирҷон. Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 2. -Душанбе: Ирфон, 1977.-С.21,27, 87-95.

Мирзозода Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX). -Сталинобод, 1950.-С.178-179.

Мирзозода Х. Адабиёт. (Китоби дарсӣ барои синфи IX мактаби миёна). -Сталинобод, 1951.-С.141-145.

Мухторова Ҳ. Маъданнинг Навоийга мухаммаси // Ӯзбек тили ва адабиёти, 1968, №6. -С.15-17.

Мухторова Ҳ. Шоир Маъдан: Ҳаёт ва ижодий фаолияти.-Диссертатсия. Тошкент, 1972.

Мухторова Ҳ. Шоир Маъдан: Ҳаёт ва ижодий фаолияти. Автореферат филология фанлари номзоди. Тошкент, 1972. -23 с.

Мухторова Ҳалима. Шоир Маъдан (Ҳаёт ва ижодий фаолияти).-Тошкент: Фан, 1975. 42 с.

Мухторова Ҳ. Маъдан // Ўзбек адабиёти таърихи XVIII асрнинг охири-XIX асрнинг биринчи ярми.-Т. IV. -Тошкент: Фан, 1978. -С.229-245.

Мӯъминов В., Саодатдинов С. Эътибор ба тарбияи атеистӣ (Мактаб ва ҳаёт) // Шӯҳрати Ашт, 1986, 18 феврал. (Дар бораи фаъолияти омӯзгорони мактаби миёнаи ба номи Маъдан).

Неъматзода Т. Омӯзиши Маъдан // Масъалаҳои филологияи тоҷик. Душанбе, 1974. -С.81-87.

Неъматзода Т. Маъдан // Энсиклопедияи адабият ва санъати тоҷик. Ҷ.2. -Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1989. -С.194.

Ниёзов И., Аҳмадов Ф., Ӯрунов Ё. Якчанд сухан оид ба ҳаёт ва фаъолияти Маъдан (Ба пешвози 200-солагии шоир) // Машъали коммунизм, 1962, 25 сентябр.

Ниёзов Т. Назаре ба эҷодиёти Маъдан (Ба пешвози 230-солагии Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1992, 21 октябр.

Орипов Ў. Девон (Янги китоблар) // Ленинобод ҳақиқати, 2004, 8 май.

Программаи таърихи адабиёти тоҷик (Асрҳои VII-XV, XVI-XIX ва ибтидои асри XX): Барои студентони факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин. -Тартибдиҳандагон: Ш.Ҳусейнзода ва Т. Неъматзода.-Душанбе, 1970. -С.64-65.

Пӯлодов Тошмаҳмад. Панду насиҳат дар ашъори шоир. (Ба пешвози 230-солагии зодрӯзи Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1992, 1 феврал.

Раҷабзода А., Хайруллоев А. Ташаббус // Шӯҳрати Ашт, 1990, 6 май. (Дар бораи таъмиру обод намудани мақбараи Маъдан).

Саодатдинов С. Базми шеър дар мактаб (Ба пешвози 230-солагии зодрӯзи Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1992, 9 май. (Дар мактаби миёнаи ба номи Маъдан аз эҷодиёти шоир базми шеър доир гардид).

Сиддиқов Саҳобиддин. Сухан аз ашъори Маъдан // Садои Шарқ, 1966, №8. -С.152-156. (Тақриз ба рисолаи Маъдан. "Ашъори мунтахаб". -Душанбе: Ирфон, 1966. -Тартибдиҳанда -Дилбар Аҳмадов).

Сиддиқов Саҳобиддин. Одинамуҳаммади Маъдан // Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX. -Душанбе: Дониш, 1989. С.183-197, 239.

Солеҳамоҳ. "Ман дарди сари ишқам" (Ба истиқболи 230-солагии зодрӯзи Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1993, 11 декабр.

Тошмуҳаммад Абдулҳамид. Ҳаҷви иҷтимоии Маъдан // Суғд, 2005, 13 июл.

Турсунматов Фахриддин. "Ашъори мунтахаб"-и Маъдан // Шӯҳрати Ашт, 1985, 21 сентябр. (Дар бораи китоби Маъдан. "Ашъори мунтахаб". Тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан Дилбар Аҳмадов.-Душанбе: Ирфон, 1985).

Тӯйчизода Ҳ. Ҳиммати мухлисон (Ба пешвози 230-солагии Маъдан) // Ҳақиқати Ленинобод, 1992, 29 октябр.

Тӯйчизода Ҳ. Ворисони Маъдан // Ҳақиқати Ленинобод, 2005, 15 июн. (Дар бораи шаби эҷодии шоир Сулаймонқул Азимов).

Умаралиев М. Зуллисонайн шоир (Маъдан туғилганининг 230 йиллига) // Шӯҳрати Ашт, 1992, 11 ноябр.

Умаров С. Симои Маъдан чӣ гуна буд? // Ҳақиқати Ленинобод, 1992, 6 октябр.

Ўзбек адабиёти хрестоматия. -Тошкент, 1959.

Ўзбек адабиёти. Учинчи том. -Тошкент: Ўз. ССР давлат бадиий адабиёт нашриёти, 1959. -Ўзбекистон ССР Фанлар академиясининг корреспондент аъзоси философия фанлари доктори Вохид Зохидов таҳрири остида. -С.773-777.

Ўрунов Яъқуб. Таърихи барқарорсозии тасвири шоир (Ба пешвози 230-солагии Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1992, 17 июн.

Фазлии Намангонӣ. Маҷмӯат-уш-шуаро. -Тошканд, 1900.

Хайруллоев Абдусаттор. Нақлҳо дар бораи Маъдан // Шӯҳрати Ашт, 1984, 12 апрел.

Хайруллоев Абдусаттор. Чанд сухан дар бораи як мухаммаси Маъдан // Шӯҳрати Ашт, 1984, 4 август.

Хайруллоев Абдусаттор. Ёдбуди шоир // Шӯҳрати Ашт, 1986, 17 июн (Конференсияи китобхонҳо дар Хонаи маданияти ҷамоати Пунғаз бахшида ба 140-солагии вафоти шоир Маъдан).

Хайруллоев Абдусаттор. Асаре гиру навое дарёб (Ба пешвози 230-солагии зодрӯзи Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1991, 15 июн.

Хайруллоев Абдусаттор. Ба шарафи 230-солагии зодрӯзи Маъдан // Шӯҳрати Ашт, 1991, 9 июл.

Ҳайдарӣ Шоҳмуҳаммад. Зикри Пунғаз дар ашъори Маъдан// Шӯҳрати Ашт, 2002, 10 апрел.

Ҳайдаров Ш. Назаре ба лирикаи Маъдан // Шӯҳрати Ашт, 1975, 27 июн.

Шодиев Эргашалӣ. Бедил ғазалиға Маъдан мухаммаси (Тожикчадан Васфий таржимаси) // Совет Ўзбекистони, 1970, №74, 29 март.

Шодиев Эргашалӣ. Ноҙил Хужандий // Ҳақиқати Ленинобод, 1971, 5 июн (Дар бораи Маъдан ҳам маълумот дода шудааст)

Шоир қабрини зиёрат қилишди. // Шӯҳрати Ашт, 1989, 25 июл (Ходими илмии Институти дастхатҳои АУ Ӯзбекистон, номзади илми филология Ҳалима Мухторова қабри шоир Маъданро зиёрат намуд).

Шоира. Чанд панди шоир (Ба пешвози 230-солагии Маъдан) // Шӯҳрати Ашт, 1992, 6 июн.

Янги топилган ғазал. Маъдан. Соғиниб // Ҳақиқати Ленинобод, 1975, 23 октябр.

Шеърҳо дар васфи Маъдан ва мухаммасҳо бар ашъори шоир

Аҳмад, Зафар. Мухаммас бар ғазали Маъдан // Зафар Аҳмад. Хирмани роз. -Хуҷанд, 2006.-С.60-63.

Азимӣ, Сулаймонқул. Назар бикшо (Илҳом аз устод Маъдан) // Ворисони Маъдан, 2004, №1.-С.7.

Бухороӣ, Иброҳим Қосим. Мухаммас бар ғазали Маъдан // Шӯҳрати Ашт, 1971, 8 январ (Аз рӯзномаи Ҳақиқати Ӯзбекистон гирифта шудааст).

Қамбаров Турсунбой. Шоирнинг оҳи (Шеър) // Шӯҳрати Ашт, 1989, 29 июл.

Қорихонов Олимхон (Майдонӣ). Мухаммаси Майдонӣ бар ғазали Маъдан // Шӯҳрати Ашт, 2005, 20 ноябр.

Қосимов Абдулҳаким (Табибӣ). Маъдан (Шеър) // Шӯҳрати Ашт, 1985, 20 апрел.

Қосимов Абдулҳаким (Табибӣ). Мухаммас бар ғазали Маъдан // Шӯҳрати Ашт, 1994, 15 октябр.

Қосимов Абдуҳамид (Сабурӣ). Мухаммас бар ғазали Маъдан // Шӯҳрати Ашт, 1984, 14 июл.

Мадалиев Абдулло. Ту булбулӣ (Шеър) // Шӯҳрати Ашт, 1992, 19 август.

Мақсудалӣ. Мухаммас бар ғазали Маъдани Пунғазӣ // Мақсудалӣ Ҷӯраев. Насими субҳ. -Хуҷанд, 2006. -С.54-55.

Маҳкампур, Нуқриддин. Чамани гулпӯши Маъдан (Шеър) // Шӯҳрати Ашт, 1992, 7 октябр.

Насимӣ. Мухаммас бар ғазали Маъдан // Шӯҳрати Ашт, 1992, 30 май.

Раҳматов Аҳмадҷон. Маъдан (Шеър) // Шӯҳрати Ашт, 1987, 26 январ.

Фақирӣ (Фахриддин Аҳмадов). Мухаммаси Фақирӣ бар ғазали Маъдан.

Фарҳат, Муҳиддин. Эҳсони Маъдан (Шеър) // Тоҷикистони советӣ, 1968, 2 июн.

Чархий. Ишқ шайдоси (Маъдан ғазалига Чархий мухаммаси) // Шӯҳрати Ашт, 1976, 16 ноябр. Аз рӯзномаи "Ӯзбекистон маданияти" (1976) гирифта шудааст.

Шарофиддинов Исомиддин. Мухаммас бар ғазали Маъдан // Шӯҳрати Ашт, 1994, 10 октябр.

***Гирдоварии Шоҳмуҳаммади Ҳайдарӣ***

## ШАҶАРАИ ОДИНАМУҲАММАД БИННИ АВАЗМУҲАММАД МАЪДАНИ ПОНҒОЗӢ

Дар зиндагӣ шумораи 7 (ҳафт) мазмун ва маъниҳои томеро ифода мекунад. Масалан, маънии ҳафта аз шумораи ҳафт сохта шуда, аз ҳафт рӯз иборат будани шумури рӯзҳост, ки як маънии томи ҳисоби рӯзҳоро дорост.

Рӯшноии сафеди табиӣ бошад, дар навбати худ ба ҳафт ранг тақсим мешавад, ба монанди «Тиру камон». Амсоли инҳо ҳафт ситора, ҳафт иқлим, ҳафт қабати осмон ва ғайра мазмуни хоси худро дорост.

Ин шумора нисбати инсон низ бетасир набуда барои исботи хунии оилавӣ ҳафт пуштро ба инобат мегирад ва мегӯянд, ки ҳар инсон бояд ҳафт пушти гузаштаи худро донад.

Дар урфият мардум ҳангоми дуъо кардан ва ё аз авлоди касе сухан гуфтан ибораи маъмули «ҳафт пушти бар пушт»-ро истифода мебаранд.

Илми генетика бошад исбот кардааст, ки ҳамагуна хислату қобилият ва касалию нуқсонҳои ҳар фард то ба ҳафт пушташ мегузарад, ки инро ирсӣ ё ирсият меноманд.

Дар ҳар маҳал барои исботи ҳамхунии авлодӣ, аз писар ё духтар сар карда, то ҳафтум

пушти оиларо ном мегиранд. Дар зодгоҳи шоир Маъдан – Понғоз низ чунин анъана боқӣ мондааст, ки онро ба таври зайл ифода мекунанд: 1писар ё духтар, 2 набера, 3 абера, 4 чабера, 5 фарраки фар, 6 гӯшаки хар, 7 пуштаки дар.

Чунин мегӯянд, ки ҳаштум намоянда аз пушти дар ҳам берун, яъне чун кӯчагузар ба хонаводаи аввалин бегона мегардад. Аз ин хотир, мо кӯшиш кардем, то қадри имкон хешу табори хунии шоир Маъданро дар шахараи зер ифода кунем ва агар касе, ё хонаводае аз мадди назар дур монда бошад маъзарат мехоҳем.

*Зафар Аҳмад*

# МУНДАРИЧА

Сарсухан....................................................................................3
КИСМИ I
Ашъори тоҷикии Маъдан.........................................................9
Ғазалиёт......................................................................................10
Ба нури файз, ё раб, сайқали теғи забонамро........................10
Ба тавҳиди саноат соз кун, ё раб, забонамро..........................10
Париваш, шӯхҷавлоне, ки мебӯсам рикобашро......................11
Сиришки дидаи ман масх созад рӯди Ҷайҳунро......................11
Эй ба қатли бегуноҳон карда оҳанги сафо..............................12
Омад шабе бар кулбаам, гуфтам: "Ҳазорон марҳабо!"...........12
Ба чашми имтиҳон аввал дар ин гулшан назар бикшо............13
Ба ҳар номаҳраме, зинҳор маншин, шарҳи ғам макшо...........13
Биҳамдиллаҳ, зи даврон фориғам аз тангдастиҳо...................14
Эй ба шӯхӣ ғамзааат дар арсаи найрангҳо...............................14
Мактуби ман навишт ба қолу бало, бало.................................15
Эй зада табли хисравӣ бар сари боми кибриё.........................15
Дӯш аз боғи висолаш ранги гул чидам ба хоб..........................16
Ҳамдами субҳ шаву нури сафое дарёб.....................................16
Устоди муҳаббат дили савдо задан омӯхт...............................17
Тӯтӣ зи лабат нашъунамои сухан омӯхт..................................18
Паи азроқи махсум чанд ҳар сӯ медавонандат?......................18
Шаб, ки моҳи оразаш бар тоқи зулмат нур гашт....................18
Эй қодири қайюм, бихонам ба чӣ номат..................................19
Сурури синаам ёди висолат, ё расулаллоҳ...............................20
Бо ғамат тифли хаёлам дар дабистон кард баҳс.......................21
Шукӯҳи мову Маҷнун ҳар куҷо нақши қадам резад.................21
Шудам маҷрӯҳу вомондам, сарам бар тоқи найсон зад...........22
Сари шӯридаам то маҳзи як олам тамошо шуд.........................22
Ба рӯи музнибон ҳарчанд боби тавба во дорад........................23
Эй бо хароши ҷону дил хӯят зи сӯҳон тезтар...........................23
Хок гаштам дар раҳаш, гул кард хокам зор-зор........................24
Агар орад сабо бӯе зи зулфи анбарафшонаш..........................24
Зиҳӣ, беш аз тақозои ду кавн осори тасвираш..........................25
Дили ман сайди ваҳдат шуд ба дом афканд сайёдаш..............25
Болу парвози расоӣ сӯхт ҷавлони тамаъ..................................26
Шуд обутоби ҳусни ту аз бодаи арақ......................................26

Эй Масеҳи рӯҳбахши хоксорони азал........................................27
Ман, ки масти ҷоми ишқам дархӯри мастонаам........................27
Сархати ҳайрат зи девони қазо омӯхтам....................................28
Зи ғам дил сайри ваҳшат хост, дар пояш шикан бастам.............28
Саводи ваҳшатам, маҳзи ҷунунам, ҳамдами доғам.................29
Зи ҷӯши беқарорӣ шамнамосо нест тамкинам.........................29
Дар ин раҳ умрҳо шуд саъйи болафтодаи розам.......................30
Маҳви эҷодам, гули боғи баҳори кистам?..................................30
Нашуд маълуми фитрат сархати таъмири эҷодам.................31
Ҳавас таъмири улфаш гашт ман бетоб гардидам....................31
Шабе дар ҳалқаи қонуни ҳасрат буд овозам............................32
Ба ҳар маҳфил, ки аз ҷайби хамӯшӣ сар баровардам..............32
Муҳаббат оташафрӯз асту ман чун миҷмари ишқам................33
Амири маҳмили лайливашонам, бор мебандам......................33
Ба фикри ҳастият ақл аз таҳайюр маҳву фитрат ҳам.............34
Ҳама арзу матлаби ман туӣ, зи кадом собиқа дам занам?.....34
Илоҳӣ, бар туроби равзаи ҳазрат яқинам кун..........................35
Шикан ранги тааccуф шиква аз бунёди Маҷнун зан...............35
Зи тоби оразат дар дида месӯзад нигоҳи ман..........................35
Сар фурӯ бурдам ба ҳайрат, рафт хоб аз чашми ман..............36
Зи қайди мову ман бигсил, сари озодагӣ во кун......................37
Эй аз табассум карданат гул раста бар рӯйи замин.................37
Эй бурда бӯй аз сунбул гарав гесӯи анбарсои ту....................38
Манам он гуле, ки шукуфтаам зи насими субҳи лиқои ту.........38
Ду карими олиҳиммат бод давлат ёри ӯ....................................39
Ба ту шарҳ гиря баён кунам, ба канори дида биё, шунав........39
Саре дорам чун Маҷнун дар раҳат гум карда сомоне..............40
Эй зи савдоят ду олам маҳви як овозае....................................40
Фурӯғи ҳусни матлаб рехт дар ойина симое...........................40
Ёфт аз тири нигоҳат ин дили мо баҳрае..................................41
Ба дашти умр қайди зиндагӣ дом аст, пиндорӣ.......................41
Лаби майгуни ӯ то бар лаби соғар кунад бозӣ..........................42
Эй боди субҳ, овар аз зулфи ёр бӯе.........................................42
ҚАСОИД
Ё раб, ба шукри он, ки сифоти ту аз сано.................................44
Имоми аҳли адаб....................................................................45
Ба қудрат хост то зиннат диҳад таъмири имконаш..................47
Он ҳокими шариат, султони кишвари дил................................48
Эй рафта шабе бар сари айвони самовот...............................49
Эй бурда рӯз, рӯзам шукӯҳи диловарӣ.....................................49

Эй ҷони дили хаста фидои мутаваллӣ....51
Зиҳӣ наъли самандат, қиммати тоҷи сари Баҳман....52
Эй аз саводи гардун чун субҳ бурда ҷавлон....53
Субҳе, ки аз Машриқ дамид, он хусрави зарринкулоҳ....56
Ҷалоли ҷоҳи ҳашмат ҳотами мулки Сулаймонӣ....57
Ҷавонмарде, ки бар ҳиммат барорад дасти эҳсонаш....59
Ҳазор бор бигӯям ба сад ҳазор забон....61
МУХАММАСОТ
Диёнат рафт, ё раб, аз диёри мардуми Понғаз....63
Ман, ки махмур шудам, то сер гаштам аз майи ҷомаш....65
Ваҳшии саҳрои ишқам, сар ба саҳро мекашам....67
Эй дурри дарёи шараф, эй гавҳари қимматбаҳо....68
Мухаммаси Маъдан бар ғазали Ҷомӣ....69
Мухаммаси Маъдан бар ғазали Бедил....70
Мухаммаси Маъдан бар ғазали Ҳилолӣ....71
Мухаммаси Маъдан бар ғазали Аҳлӣ....72
Мухаммаси Маъдан бар ғазали Шӯхӣ....74
Эй, тантанаи ишқ ба номи ту тарона!....77
Пеш аз ту аз ду кавн зуҳуру асар набуд....78
Шофии ҷурми умам, ҳомии аҳли арасот....79
Эй сарӯ сархайли хубон, соҳиби ҷоҳу ҷалол....80
МУСАДДАСОТ
Ораста набӣ қомати дилҷӯи муборак....83
Шоҳист қаду қомати болош муборак....84
Эй туроби даргаҳат мақсуди ҳар уммедвор....86
Эй ба мардӣ дар сафи мардони мардафкан далер....88
МУСАББАЪОТ
Ассалом, эй меҳри афлоки рисолатро зиё....92
Эй шафеъи рӯзи равшан, ҳомии ҳар хосу ом....94
Эй он, ки Худост дӯстдораш....96
МАСНАВИЁТ
Ба ҳукми худовандӣ лайлу наҳор....97
Шабе маҳрами хони олинасаб....101
ҚИТЪА....102
Ростон аз сӯҳбати каҷтинатон каҷ мешаванд....102
Гул бар сарам неҳу рангам бин....102
МУАММОҲО....103
ЛУҒАТ....106

ҚИСМИ II
АШЪОРИ ЎЗБЕКИИ МАЪДАН

Чекиб қатлимға саф ул хели миҷгонингга салламно............116
Зиҳи нашмин азминг фарози Арши аъло................................116
Сурурсан ҳолимни аввал, мени ҳаҷрингда бемор эт...............117
Бода тут, соқи раҳи майхона кўргузгил менга..........................117
Кўнгул то асрадим ҳаҷрила ғам изҳора фош этди...................118
Қариғон чоғда тушди бошима Мажнун алолоси.....................118
Кетиб ул шўх кетмиш ҷисмимдин ҷоним суроғ узра................118
Парешон ўлди кўнглум ул пари юзланди боғ узра................119
Жунун даштида ҷуғз совулуғ мумтозлуғ ашкимни дарёси.......119
На янглиғ ҳусндур ул ҳусним завқи тамошоси.......................120
Эрурсан ворису Фарҳоду Мажнун хонумондин кеч.................120
Ҷаҳон боқи эмас, фони дегайлар бу ҷаҳондин кеч................121
Мени афгор эдунлар кош ман янглиғ фигор ўлсин.................121
Гул юзинг кўрсатма то кўнгул таманно бўлмасин..................121
Соқиё, сунгил қадаҳким, ҳажридан зор ўлмишам....................122
Ёр соқи дутдилар кўнглум менинг миносидин........................122
Тавсани нишот узра сайри боғи жавлон қил..........................123
Оразинг фикри била гулзор аро бемор гул............................123
Севингил эй кўнгулким даври ишрат жон келтурмиш.............123
Оҳким ул ишқи қотил тинатим хок айламиш..........................124
Сенсизин эй шўх қилмайин равзаи ризвон гузор..................124
Начук мазҳабдасан ким, ҳуснинг тобона рақс этмиш.............125
Вужуди комилинг муҳтазари осори қудратдур.......................125
Менга кайфияти май лаззати доғи ҷунун улмиз......................126
Муаттар кокулингни мушк билан ғола ёзмишлар...................126
Шукр меҳри ховафи кулбаи сари зиёси бор...........................127
Ҳар ким илгинда синғон ҷом ила саҳбоси бор.......................127
Кўнгул пайконидан қатъ ўлдиким, ноошно кўргач..................128
Шод ўлди чаман сайрида ул сарви сарафроз........................128
То хусумат рахшига даҳр узра ҷавлон этди чарх....................128
Аввало ғам лойидан жисмимни эҷод этди чарх......................129
Кўнгил умеди ҷўх ўлма пайкар илтифотидин.........................129
Кўнгул саррофи накди гавҳари зотинг эрур барҳақ................130
Зиҳи бахт, зиҳи давлат, зиҳи иқболи икроминг.......................130
На мавзундур кўнгил боғида зебо қади шамшодинг.................131
Қамар нур иқтибоси айлар жамоли офтобингдин.....................131
Гуна-гуна арбада соз этиб мени улдурур бо адоларинг..........132
Маъданнинг янги топилган ғазали..........................................133

МУХАММАС ВА МУСАДДАСЛАР

Худоё ҳеҷ бандангни фақиру хоксор этма.....133
Раиятзода ҳаргиз маҳрами хон ӯлмасин, ё раб.....135
Кима шӯри жунундин ранжу нуқсон ӯлмасин, ё раб.....138
Шаҳриёри қасри давлат баҳри ҳиммат гавҳари.....140
Бу гулшан сайридин келдим, элимга гулузорим йӯх.....142
Шоҳимиз, шаҳбозимиз, шоҳаншоҳимиз, хоқонимиз.....143
Навоий ғазалига Маъдан мухаммаси.....145
Навоий ғазалига мухаммас.....146
Чиқиб Фарғонадин мингбоши отлиқ Хисрави мақбул.....148
Ҳасти адаму кавну макон боруна муборак.....149
Менга илҳом бӯли ҳазрати Мӯйи Муборакдин.....151
Фалак паймонидан бир зарра ҳаловат кӯрмагин ҷоним.....153
Шоирнинг устози Муҳаммадаминхоҷа
Косонийга марсиялар.....155
Ман ул шӯрида булбулманки фарёдимдин айрилдим.....156
Илоҳи етти оламга ривоҷингиз равон бӯлсин.....158
Маъдан ғазалига Чархий мухаммаси.....159
Бедил ғазалига Маъдан мухаммаси
(Васфий тарҷумаси).....161
Замона бӯлса охир кӯп аломатлар чиқар, дедим.....162
Кӯнгул ҷомига, ё раб лутф қилгил бодаи ғуфрон.....163
Ё раб мани хасти адамдин.....164
Луғатлар.....167

КИСМИ III
БОЗЧӮЙИ НАКҲАТИ ОСОРИ МАЪДАН

Мухаммаси Иброҳим Қосимии Бухороӣ бар
ғазали Маъдан.....174
Мухаммаси Қосимӣ бар ғазали Маъдан.....175
Мухаммаси Исомиддин Шарофиддинов бар
ғазали Маъдан.....176
Мухаммаси Табибӣ бар ғазали Маъдан.....177
Мухаммаси Майдонӣ бар ғазали Маъдан.....178
Мухаммаси Зафар Аҳмад бар ғазали Маъдан.....179
Мухаммаси Насимӣ бар ғазали Маъдан.....180
Мухаммаси Мақсудалӣ бар ғазали Маъдан.....181
Шеърҳо дар васфи Маъдан Эҳсони Маъдан
Маъдан (Муҳиддин Фарҳад).....182

Маъдан (Абдулҳаким Раҳматзод)..........183
Чамани гулпӯши Маъдан (Нуқриддини Махкампур)..........184
Маъдан (Абдулҳаким Табибӣ)..........185
Назар бикшо (Сулаймонқул Азимов)..........185
Ба шоир Маъдан (Шодибек Дадоматов)..........186
Хонаи шоир (Шодибек Дадоматов)..........187
"Саёҳатнома" ва ақидаҳои пешқадами шоир
(Фахриддин Аҳмадов)..........188
Маъдан ва "Шоҳнома" (Фахриддин Аҳмадов)..........193
Номи шахсони таърихӣ, исми хос ва ҷуғрофӣ
(Нурулло Мирзоматов)..........196
Аз таърихи омӯзиши рӯзгор ва осори шоир
Одинамуҳаммад Маъдан (Шомуҳаммад Ҳайдарӣ)..........206
Феҳристи адабиёт оид ба рӯзгор ва эҷодиёти
Одинамуҳаммад Маъдан (Шомуҳаммад Ҳайдарӣ)..........224
Шаҷараи Одинамуҳаммад Бинни Авазмуҳаммад
Маъдани Понғозӣ (Зафар Аҳмад)..........236

**Тадқиқотгарони ашъори шоир Маъдан бародарон Аҳмадовҳо:**

**Дилбар (Ҷамолиддии)**



Шоир, нависанда, драматург, узви Иттифоқи журналистони СССР, Чекисти хизматнишондодаи СССР, собиқ полковники Кумитаи бехатарии давлатии СССР.

**Фахриддин**



9 майи соли 1918 дар деҳаи Понғоз таваллуд шудааст. Муаллими хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштирокчии ҶБВ, маҷрӯҳи гурӯҳи II